Бюро по Правам Человека и Соблюдению Законности
Bureau of Human Rights and Rule of Law

Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон

# Мусоидат дар пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона ва таҳқиркунандаи шаъну шараф дар муассисаҳои психиатрӣ

## ҲИСОБОТ ОИД БА НАТИҶАҲОИ МОНИТОРИНГ

Душанбе – 2012

**ББК 67.99(2)3+67.409+56.14**
**С-57**

**Ҳисобот бо дастгирии молиявии Шӯъбаи Ташкилоти Байналхалқии Институти "Ҷамъияти Кушода"-и Фонди Мадад дар Тоҷикистон таҳия гардида, моликияти зеҳнии ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» мебошад. Нуқтаи назари дар ин ҷо баёншаванда нуқтаи назари ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» мебошад ва, бинобар ин, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад мулоҳизоти расмии Шӯъбаи Ташкилоти Байналхалқии Институти "Ҷамъияти Кушода"-и Фонди Мадад дар Тоҷикистонро инъикос намояд.**

**Ҳангоми истифодаи иттилооте, ки дар ҳисоботи мазкур мавҷуд аст, истинод ба он ҳатмӣ мебошад.**

**Муаллифон-мураттибон**: Мадина Усмонова, Таҳмина Ҷураева (матни русӣ)

**Муҳаррир:** Наргис Зокирова (матни русӣ)

**Тарҷума ва чопи компютерӣ**: Қосимов Умар

**ISBN 978-99947-863-9-8**

9 789994 786398

**© Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният**
**Барои интишори ройгон**

## ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ

*Миннатдории худро ба аъзои гурӯҳи мониторинг: Муборова Зӯҳро, Мусоев Шералӣ, Имомова Зарина, Замонова Шаҳло, Саидов Садриддин, Болтуев Умед, Муминова Назира, Аҳмадҷонов Ҷамшед изҳор менамоем.*

*Сипосгузории алоҳидаи худро ба Институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон дар симои Нидоев Хусниддин ва Низомов Абдуҳалим барои мусоидат дар дарёфти дастрасӣ ба муассисаҳои психиатрӣ ва якҷоя гузаронидани мониторинг баён менамоем.*

*Ҳамчунин сипосгузории худро ба Шӯъбаи Ташкилоти Байналхалқии Институти "Ҷамъияти Кушода"-и Фонди Мадад дар Тоҷикистон барои дастгирии молиявии лоиҳаи мазкур ва ба экспертҳои Фонди Хелсинки оид ба ҳуқуқи инсон (Варшава, Полша) Ленур Керимов ва Ярослав Копчук барои дастгирии экспертию маслиҳатӣ изҳор менамоем.*

*Ҳамчунин ба ҳама дигар шахсоне, ки дар татбиқи лоиҳаи мазкур саҳм гузоштаанд, миннатдории худро баён менамоем.*

*Ташкилоти Ҷамъиятии "Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният" миннатдории худро барои расонидани кӯмаки молиявӣ барои тарҷумаи ҳисобот ба забони тоҷикӣ ба Филиали Ассосиатсияи "Ҳелветас" Свисс Интеркооперейшен дар Тоҷикистон, баён мекунад.*

**Ихтисорот**

ТУТ – Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ
КМГ – Кодекси мурофиавии граждани
КЗШЕ – Кумитаи зиддии шиканҷаи Европа
КЗШ – Кумитаи зидди шиканҷа
КҲИИФ – Кумитаи оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ
ШИМ – шахсони имкониятҳояшон маҳдуд
ПБҲШС – Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ
ПБҲИИФ – Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ
ТҒҲ – Ташкилоти ғайриҳукуматӣ
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
МП – Муассисаи психиатрӣ
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
БҶП – Беморхонаи ҷумҳуриявии психиатрӣ
НТМ – Ноҳияҳои тобеи марказ
СПИД – Бемории норасоии масунияти бадан
КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМН – Беморхонаи марказии ноҳиявӣ
ЮНЕСКО – Ташкилоти Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

# МУНДАРИЧА

**Муқаддима ........................................................6**

**II. Шарҳи мухтасар .................................................10**

**II. Методология .....................................................23**

**III. Интихоб ва маълумоти умумӣ оид ба мониторинг ..25**

**IV. Таҳлили қонунгузорӣ .........................................30**

**V. Таҳлили маълумотҳои омории дастрас ....................74**

**VI. Таҳлили маълумотҳои эмпирикӣ ..........................86**

**VI. 1 Пурсиш ............................................................86**

**1. Озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона ..................86**
**2. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ .......................109**
**3. Дастрасӣ ба иттилоот..................................................116**
**4. Ҳуқуқ ба ҳимоят/шикоят пешниҳод кардан ...................121**
**5. Кори маҷбурӣ ..........................................................124**

**VI. 2 Мушоҳидаҳо ........................................................126**

**VII.Хотима ...............................................................141**
1. Хулосаҳо..............................................................141
2. Тавсияҳо..............................................................149

## МУҚАДДИМА

Дар замони мо беморони рӯҳӣ дар ҷаҳон нисбат ба беморони гирифтори саратон, сил, ва бемориҳои дилу раг дар маҷмӯъ катҳои бемории зиёдтарро ишғол мекунанд. Ғайр аз ин, ба ҳар як мизоҷи табобатгоҳи психоневрологӣ, тибқи маълумотҳои ЮНЕСКО, берун аз муассисаҳои тиббӣ ду нафар бо ин ё он нуқсони психикӣ (равонӣ) рост меояд. Ин одамонро ба беморхона хобондан мумкин нест – онҳо «чандон бемор нестанд», вале онҳо солим зиндагӣ кардан, ҳаёти хушбахтона ба сар бурдан наметавонанд. Мизоҷони зиёди поликлиникаҳо низ аз нуқсонҳои рӯҳу асаб шикоят мекунанд.

Сарфи назар аз мушкилоти зиёди таҳқиқотҳои оморӣ (усулҳои мухталифи ҳисобкунӣ, фаҳмиши хоси шаклҳои алоҳидаи бемориҳо, имкониятҳои гуногуни ошкоркунии бемориҳо ва ғайра), маълумотҳои мавҷуда асос доданд тахмин карда шавад, ки: дар ҷаҳон қариб 15% шаҳрвандон ба кӯмаки психиатр эҳтиёҷ доранд (ин андаке бештар аз 1 миллиард). Тибқи пешгӯиҳои ТУТ, то соли 2020 нуқсонҳои (бемориҳои) рӯҳӣ дар қатори панҷ бемории аввале, ки боиси аз даст додани қобилияти корӣ мегарданд, қарор мегиранд.[1]

Дар мавриди Тоҷикистон бошад, тибқи маълумотҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон расман 48296 нафар шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 1271 нафарашон бори аввал дар соли 2011 ба қайд гирифта шудаанд.[2]

Проблемаи беморхонаҳои психиатрӣ мавзӯи пӯшида аст, ки дар ҷомеа муҳокима карда намешавад. Вазорати тандурустӣ, кормандони ин муассисаҳо, инчунин ТҒҲ, ки ба масъалаҳои саломатии рӯҳии аҳолӣ машғул мебошанд, кӯшиш мекунанд ба ин проблема таваҷҷӯҳ ҷалб намоянд. Ҳатто аз ҷониби баъзе ташкилотҳо, аз он ҷумла Идораи ҳуқуқи инсон низ, ҳанӯз дар соли 2005 саъю кӯшишҳо оид ба гузаронидани таҳқиқот дар

1 http://www.annews.ru/news/detail.php?ID=215847
2 Ҷавоби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.07.с.2012 № 1-5/1823-1996.

соҳаи мазкур анҷом дода шуданд, вале натиҷаҳо ҳамин тавр интишорнагардида боқӣ монданд. Дар ҳоли ҳозир, Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният узви Иттиҳоди ТҒҲ оид ба мубориза бо шиканҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он дар чорчӯби озодӣ аз шиканҷа дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла, дар соҳаи муассисаҳои психиатрӣ мониторингҳои мунтазам анҷом медиҳад.

Гузаронидани чунин таҳқиқот имконият нодир барои ба даст овардани иттилоот оид ба риояи ҳуқуқи шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ, ки дар муассисаҳои психиатрӣ қарор доранд, ба озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва ноил гардидан ба беҳбудии вазъ дар ин соҳа мебошад.

Зеро, тавре ки маълум аст, шиканҷа ва муносибати бераҳмона метавонанд на танҳо дар системаи таъқиби ҷиноятӣ (нисбати боздоштшудагон, гумонбаршудагон ва шахсони айбдоршаванда) ҷой дошта бошанд, балки ҳамчунин метавонанд ба шахсони мансуб ба гурӯҳҳои осебпазир дахл кунанд, масалан, шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ва дар муассисаҳои психиатрии навъи нимкушода ва пӯшида қарордошта.

Бояд омӯхта шавад, ки мизоҷон дар чӣ гуна шароит нигоҳ дошта мешаванд ва бо онҳо чӣ гуна рафтор мекунанд, зеро вайронкуниҳо дар ин соҳа метавонанд зуд ба вазъияте оварда расонанд, ки таҳти мафҳуми «муносибати ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф» қарор мегиранд. Дар ҳама гуна муассисаи психиатрӣ баъзан мумкин аст зарурати истифодаи усулҳои фурӯнишонӣ нисбати мизоҷони ҳаяҷонишуда ва/ё ҷанҷолӣ ба миён ояд. Вале, ин соҳа боиси ташвиши махсуси ҷомеаи шаҳрвандӣ гардидааст, зеро дар он эҳтимолияти суиистифода ва муносибати бераҳмона аслан вуҷуд дорад[1].

Ҳанӯз дар соли 2006 дар тавсияҳои ҷамъбастии худ нисбати Тоҷикистон Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зикр намуда буд, ки «аз истифо-

1 Европейский комитет по предупреждению пыток и бесчеловечного или унижающего достоинство обращения или наказания (ЕКПП), V. Принудительное помещение в психиатрические учреждения, Извлечение из восьмого общего доклада [CRT/INF (98) 121], источник: http://www.npar.ru/rights/ekpp-fp.htm

даи зиёди маҳрум кардан аз озодӣ дар клиникаҳои психиатрии давлати узв, ҳамчун усули асосии табобати иллатҳои рӯҳӣ, бидуни гузаронидани расмиёти мунтазами аз нав дида баромадани қарори қабулнамуда ва назорати судии муассир дар муассисаи психиатрӣ, изҳори ташвиш менамояд». Дар робита ба ин Кумита боисрор ба «Давлати узв тавсия намуд, ки шаклҳои алтернативии муоличаи иллатҳои рӯҳӣ, хусусан муоличаи амбулаторӣ ва офиятбахшии чомеавиро таъмин намояд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, ҳангоме ки маҳрум кардан аз озодӣ бо роҳи чойгир намудан дар клиникаи психиатрӣ зарур мебошад, Кумита Давлати узвро даъват менамояд, ки ичрои пурраи тамоми ҳуқуқҳои инсонии шахсони таҳти муолича қарордоштаро бо роҳи расмиёти мунтазами аз нав дида баромадани қарори қабулнамуда бо тартиби инфиродӣ, ва назорати судии муассири маҳрум кардан аз озодиро дар муассисаҳои психиатрӣ таъмин намояд».

Аз 24 май то 1 июн Гузоришгари махсус оид ба масъалаи ҳуқуқи инсон ба дарачаи олии имконпазири саломатии чисмонӣ ва рӯҳӣ Ананд Гровер аз Точикистон боздид намуд. Ҳангоми ташрифоти худ ӯ ба саломатии рӯҳӣ таваччӯҳи зиёд зоҳир намуд ва ба баъзе Муассисаҳои психиатрӣ ташриф овард. Баъди анчом сафар ӯ мақомоти Точикистонро даъват намуд, ки ҳифзи ҳуқуқи одамони дорои иллатҳои рӯҳиро таъмин намоянд, ӯ аз он изҳори ташвиш намуд, ки мақомоти Точикистон ба масъалаҳои саломатии рӯҳии аҳолӣ таваччӯҳи зарурӣ зоҳир намекунанд, ин ҳолат ҳуқуқи одамонеро, ки бо бемориҳои рӯҳӣ ба сар мебаранд, ба таври чиддӣ халалдор месозад. Дар ҳоли ҳозир барои ҳифзи саломатии рӯҳии аҳолӣ 1,5% аз харочоти умумӣ дар соҳаи тандурустӣ чудо карда мешавад. Ананд Гровер зикр намуд, ки «Стигматизатсияи одамони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ, ки дар Точикистон боқӣ мемонад, сабабаш бақайдгирии одамоне мебошад, ки дар муассисаҳои барои беморони рӯҳӣ муолича шудаанд». Дар айни ҳол, иттилоот дар бораи чунин бақайдгирӣ барои кормандони муассисаҳои таълимӣ, дигар мақомоти давлатӣ дастраси умум мебошад, ки дар баъзе ҳолатҳо боиси табъиз дар дастрасӣ ба таъмини кор ва гирифтани таҳсилот мегардад. Гузоришгари

махсус мақомотро даъват намуд, ки системаи бақайдгирии одамони гирифтори бемориҳои рӯҳиро таҷдиди назар намояд ва ба мавҷудият ва дастрасии муассисаҳо ва хизматрасониҳо барои одамони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ таъсир расонанд. [1]

Ҳоло дар кишвар 17 Муассисаи психиатрӣ дар вилоятҳои мухталифи ҷумҳурӣ амал мекунанд, ки дар онҳо 1500 нафар шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ қарор доранд.

1 Центр Новостей ООН, 31 мая 2012 г. http://www.un.org/russian/news/printnews.asp?newsID=17596

## I. ТАВСИФИ МУХТАСАРИ НАТИҶАҲО

### *Иттилоот оид ба лоиҳа*

Аз 16 декабри соли 2011 то 16 майи соли 2012 аз ҷониби Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният якҷоя бо Институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон мониторинг дар Муассисаҳои психиатрӣ дар чорчӯби озодӣ аз шиканҷа дар доираи лоиҳаи «Мусоидат дар пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона ва таҳқиркунанда дар муассисаҳои психиатрӣ», ки Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди мусоидат дар Тоҷикистон маблағгузорӣ менамояд, гузаронида шуд.

Мониторинг дар 7 Муассисаи психиатрӣ дар 7 минтақа (ш. Душанбе, н. Рӯдакӣ, ш. Хуҷанд, Б. Ғафуров, Исфара, Конибодом) гузаронида шуд ва соҳаҳои зеринро фаро гирифт:

1. Озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона;
2. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ;
3. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;
4. Ҳуқуқ ба ҳимоят ва шикоят овардан;
5. Меҳнати маҷбурӣ.

Ҳамчунин муоинаи шароити нигоҳдории мизоҷони муассисаҳои психиатрӣ (МП) гузаронида шуд.

Иттилоот бо роҳи гузаронидани мусоҳибаҳои нимасохторёфта бо роҳбарони МП, духтурон ва ҳайати кормандони хурди МП, мизоҷони МП ва хешовандони онҳо, адвокатҳо ва ҳуқуқшиносони ТҒҲ, ки ба истифодабарандагони хизматрасониҳои психиатрӣ ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд (ё расонидаанд); гузаронидани муоина дар бинои МП ва палатаҳо оид ба шароити нигоҳдории мизоҷон дар МП; ирсол намудани дархостҳо оид ба пешниҳод намудани иттилооти оморӣ (шумораи мизоҷон, шумораи катҳо, шумораи кормандони тиббӣ,

музди меҳнати онҳо, ҳолатҳои фавт дар МП ва ғайра ба даст оварда шуд. Ба таври муфассал нигаред ба ҷадвали №1); гузаронидани таҳлили қонунгузорӣ ҷиҳати мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ.

### *Таҳлили қонунгузорӣ*

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон носолимии (бемории) рӯҳӣ вайрон шудани фаъолияти муътадили рӯҳӣ, ки дар пастшавии қобилияти ақлӣ ва тағйирёбии возеҳи тафаккур ифода меёбад, дониста мешавад.

Мутобиқи Конститутсия (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад ва барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ба ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор … таъминоти иҷтимоӣ кафолат дода мешавад.

Дар маҷмӯъ, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саломатии рӯҳӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат мекунад, вале дар дохили қонунгузории миллӣ як қатор номутобиқатиҳо низ вуҷуд доранд, меъёрҳои қонунгузории миллӣ байни худ мухолифат доранд.

Ҳамин тариқ, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи масъалаҳои марбут ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳиро дар Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» аз соли 2002 муттаҳид намуд. Ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани ёрии равонпизишкиро як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, ки соли 2001 қабул гардида буданд, танзим менамоянд. Бинобар ин, байни ин санадҳо ва Қонун як қатор ихтилофот ба мушоҳида мерасанд. Ҳамаи муассисаҳои бемориҳои равонӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол санадҳои зерқонунии зикргардидаро истифода мекунанд, зеро санадҳои нав баъди мавриди амал қарор дода шудани Қонун қабул карда нашуданд, ки боиси фарқияти зиёд байни қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонун мегардад, ва ин, дар навбати худ, метавонад ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ

зарари ҷиддӣ расонад.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахсро, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дину мазҳаб, ақидаи сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкии ӯ кафолат медиҳад. Вале дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар соҳаи саломатии рӯҳӣ мафҳум ва манъи бевоситаи табъизи шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ вуҷуд надорад.

Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, расмиёти судии ғайри қобили амал донистани шахсро пешбинӣ менамояд, ва дар айни ҳол ариза дар бораи ғайри қобили амал донистани шаҳрвандро суд бо иштироки аризадиҳанда, прокурор ва намояндаи мақомоти васоят ва парасторӣ баррасӣ менамояд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот дар мавриди иштироки ҳатмии шахсе, ки нисбати ӯ масъала оид ба ғайри қобили амал донистан ҳал карда мешавад, вуҷуд надорад. Ҳамчунин дар қонун муқаррарот оид ба таъмин намудани шахси гирифтори бемории рӯҳӣ бо адвокати бепул, агар чунин шахс барои пардохти ҳаққи хизмати ӯ маблағи кофӣ надошта бошад, ё ки дар мавриди иштироки ҳатмии адвокат/намоянда дар суд ҳангоми ҳузур надоштани худи шахси гирифтори бемории рӯҳӣ пешбинӣ карда нашудааст.

Агар шахсе, ки ба беморхона хобонида мешавад, ба синни 16-солагӣ нарасида бошад, ё ки ӯ бинобар вазъи рӯҳии худ ба озодона изҳор намудани ақида қодир нест, розигӣ барои дар беморхона хобонидани ӯ бояд аз хешовандон ё намояндагони қонунии ӯ, дар сурати вуҷуд надоштани онҳо бошад – сарпсихиатри мақомоти минтақавии тандурустӣ гирифта шавад. Талаботи ҳатмӣ нисбати ғайри қобили амал будани шахсе, ки бе розигии ӯ ба беморхонаи психиатрӣ хобонида мешавад, вуҷуд надорад.

Дар мавриди маҷбурӣ дар беморхона хобонидан бошад, дар ин хусус байни меъёрҳои қонун ва КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтилофот вуҷуд доранд. Масалан, мутобиқи Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», шахс метавонад дар муассисаи психиатрӣ (бемориҳои рӯҳӣ) то ба суд равон кардани ари-

за дар бораи маҷбурӣ ба беморхона хобонидани ӯ ба муддати 4 шабонарӯз нигоҳ дошта шавад. Мутобиқи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ариза дар бораи маҷбурӣ дар беморхона хобонидани шаҳрванд дар мӯҳлати чилу ҳашт соат аз лаҳзаи дар беморхонаи психиатрӣ ҷойгир намудани ӯ ба суд пешниҳод карда мешавад. Ихтилофот байни қонун ва кодекс, ки 2 шабонарӯзро ташкил медиҳад, ба мушоҳида мерасад, ин муддат барои шахсе, ки маҷбурӣ ба беморхонаи психиатрӣ хобонида шудааст, назаррас мебошад.

Моҳи марти соли 2012 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи «Шиканҷа» ворид карда шуд. Ҳомиёни ҳуқуқ ин иқдомро истиқбол мекунанд, вале таъкид менамоянд, ки ин модда ба таври пурра ба Конвенсия мутобиқат намекунад, зеро муҷозот ба қадри кофӣ зиёд намебошанд, яъне барои шиканҷа ҷазо ҳамчун барои ҷинояти вазнин, ки инро станддартҳои байналмилалӣ тақозо мекунанд, пешбинӣ нагардидааст.

Таҳлили қонунгузорӣ нишон дод, ки на дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», на дар Дастурамалҳо ва Низомномаҳои амалкунанда номгӯй ва тартиби татбиқи чораҳои боздории ҷисмонӣ дар муассисаҳои психиатрӣ оварда нашудааст, инчунин манъи истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона нисбати шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ аз ҷониби кормандони муассисаҳои психиатрӣ вуҷуд надорад.

### ***Натиҷаҳои пурсиш***

#### *Натиҷаҳои пурсиши роҳбарони МП*

Роҳбарои МП зикр намуданд, ки ҳолатҳои муносибати бад/зӯроварӣ/дату кӯб, ки аз ҷониби кормандон ба мизоҷон расонида шуда бошанд, вуҷуд надоштанд, вале ҳолатҳои муносибати бад аз ҷониби мизоҷон нисбати якдигар, ки дар таҳқиркунии ҳамдигар, ё аз якдигар кашида гирифта хӯрок зоҳир гардиданд, ҷой доштанд.

Ба гуфтаи ҳамаи роҳбарои МП, хешовандон ва дигар ода-

мони наздик метавонанд аз мизоҷон боздид намоянд, ва мизоҷон метавонанд бо ташрифоварандагони худ дар танҳоӣ муошират кунанд, инчуни мизоҷон метавонанд муросилот фиристанд ва гиранд. Вале дар айни ҳол, одатан, муросилоти мизоҷон ба хотири бехатарии худи онҳо аз ҷониби мудири шӯъба, духтури табобаткунанда ё ҳамшираи шафқат тафтиш карда мешавад.

Ҳама посухдиҳандагони пурсидашуда изҳор намуданд, ки мизоҷ метавонад ба прокурор, суд ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин ба адвокат шикоятнома ва аризаҳо ирсол намоянд.

Дар сурате ки, агар мизоҷ (бемор) хушунатомезона рафтор кунад ва ба ҳаёт ва саломатии дигар беморон ё кормандон таҳдид кунад, нисбати ӯ чораҳои доругузаронӣ истифода карда мешаванд.

Дар муассисаи онҳо утоқҳои ҷудокардашуда вуҷуд надоранд, бинобар ин беморон дар онҳо ҷойгир карда намешаванд.

Агар бемор ҳангоми истифодаи чораҳои фурӯнишонии ҷисмонӣ/боздоштан ҷароҳатҳои ҷисмонӣ бардорад, чунин далелҳо ҳамеша дар ҳуҷҷатҳои тиббии бемор сабт карда мешаванд, вале ҳар як ҳолати маҳдудкунии ҷисмонӣ ё ҷудокунии ғайриихтиёрӣ дар ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта намешавад (29%).

100% роҳбарони пурсидашудаи МП зикр карданд, ки дар муассисаи онҳо ҳолатҳои аз ҳадди таъсиррасонии зурурии ҷисмонӣ баромадани кормандон ҷой надоштанд.

86% посухдиҳандагони пурсидашуда зикр карданд, ки шахс метавонад бо қарори духтури психиатр (равоншинос) бе розигии ӯ дар беморхонаи психиатрӣ хобонида шавад, агар шахс носолимии (бемории) возеҳи рӯҳӣ дошта бошад ва барои худ ва атрофиён хавфнок бошад.

Ба шахси дар беморхонаи рӯҳӣ хобонидашуда аз ҷониби маъмурияти беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ асос ва мақсади дар беморхонаи рӯҳӣ ҷой додани ӯ, инчунин тартиби шикоят овардан аз қарор дар хусуси дар беморхонаи рӯҳӣ хобонидан ба таври шифоҳӣ фаҳмонида мешавад, инчунин хешавондони шахс дар муддати 24 соат дар хусуси дар беморхонаи рӯҳи хобонидани ӯ хабардор карда мешаванд.

Дастурамалҳои хаттӣ оид ба истифодаи муоиҷа бо доруворӣ вуҷуд доранд, ва тамоми дорувориҳои истифодашаванда доруҳои таъсирашон маълум ва исботшуда мебошанд.

Ҳамаи пурсидашудагон зикр карданд, ки розигии пешакии бемор барои табобат гирифта мешавад, асосан дар шакли хаттӣ.

Беморон аз эҳтимолияти дарди ҷисмонӣ ё норҳатӣ, аз хавф ва таъсири ҷонибии табобати таъиншаванда (100%) огоҳ карда мешаванд, ва онҳо метавонанд аз муолиҷаи пешбинишаванда даст кашанд. Беморон дар истифодаи муолиҷа бо дорувориҳои нав дар доираи озмоиши онҳо иштирок намекунанд.

Адвокат ба ҳузури бемор роҳ дода мешавад ва дар муддати 24 соат таъмин карда мешавад.

Боздид аз муассисаи психиатрӣ танҳо ба ташкилотҳои байналмилалӣ иҷозат дода мешавад.

*Натиҷаҳои пурсиши духтурон*

36% духтурон зикр карданд, ки дар МП онҳо ҳолатҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯб аз ҷониби беморон ба якдигар – таҳқир ва лату кӯб ҷой доштанд. Ҳолатҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯби беморон аз ҷониби кормандон вуҷуд на доштанд. Хешовандон ва дигар одамони наздик аз беморон боздид мекунанд.

28% духтурон зикр намуданд, ки беморон бо хешовандони худ дар танҳоӣ муошират намекунанд, муошират дар ҳузури санитар, нозир, муҳофиз ё дигар корманди тиббӣ сурат мегирад.

Дар аксари ҳолатҳо кормандон мазмуни мактубҳо ва маводи дигар муросилоти беморонро бо мақсади бехатарӣ тафтиш мекунанд, то ки дар ин мактубҳо ягон чизи барои саломатии беморон хавфнок вуҷуд надошта бошад, инчунин, барои он, ки мактуби холӣ фиристодани беморон пешгирӣ карда шавад.

Ҷадвали чораҳои оромкунии (фурӯнишонии) ҷисмонӣ ва ҷудокунии ғайриихтиёрӣ, агар бемор рафтори хушунатомез кунад ё ба ҳаёт ва саломатии дигар беморон ё кормандон таҳдид кунад, бо тартиби аз начандон вазнин то вазнин, вуҷуд надо-

рад.

Қисми зиёди духтурон пурсишшуда (77%) зикр намуданд, ки дастурамали махсус оид ба истифодаи маҳдудиятҳои ҷисмонӣ ва ҷудокунии ғайриихтиёрӣ (маҷбурӣ) вуҷуд надорад. Қисми боқимондаи духтурон пурсишшуда 23% (хамаашон аз МП н. Рӯдакӣ) зикр намуданд, ки чунин дастурамал вуҷуд дорад ва дар утоқи кории мудири шӯъба аст.

46% духтурон изҳор намуданд, ки ҳар як ҳодисаи фурӯшинонии ҷисмонӣ ё ҷудокунии маҷбурӣ дар ҳуҷҷат ба қайд гирифта мешавад, асосан дар таърихчаи бемории бемор, дар дафтари махсус, дар корти тибии бемор.

81% посухдиҳандагони пурсидашуда ақида доранд, ки шахс метавонад бо қарори духтури равоншинос бе розии ӯ дар ҳолате ба беморхонаи бемории рӯҳӣ хобонида шавад, ки агар шахс носолимии (бемории) возеҳи рӯҳӣ дошта бошад ва барои худ ва атрофиён хавфнок бошад, ва қарори мазкури духтури равоншиносро комиссияи духтурони равоншинос тасдиқ мекунад.

Ба бемор хислати беморӣ, мақсад ва усулҳои муоилаҷа, инчунин давомнокии муддати муоличҷа фаҳмонида мешавад.

*Натиҷаҳои пурсиши ҳайати кормандони хурд*

Хешовандон ва дигар одамони наздик метавонанд аз бемор боздид кунанд. Дар айни ҳол, қариб ҳамаи пурсидашудагон таъкид намуданд, ки онҳо метавонанд ҳар рӯз аз соати 8.00 то 17.00 аз беморон боздид намоянд. 84% посухдиҳандагони пурсидашуда зикр намуданд, ки беморон метавонанд бо хешовандони худ ба танҳоӣ муоширát кунанд, 14% изҳор намуданд, ки беморон наметавонанд бо ташрифоварандагони худ ба танҳоӣ муошират кунанд.

Аксари кулли посухдиҳандагони пурсидашуда (82%) изҳор намуданд, ки беморон метавонанд мактуб, муросилот, хатча ва ғайр фиристонанд ва гиранд. Дар айни ҳол кормандон мундариҷаи мактубҳоро тафтиш мекунанд, асасан, навбатдо-

рон, духтурони табобатгар ва мудирони шӯъбаҳо, бо мақсади бехатарӣ ва ба ягон кас зарар нарасидан, то ки бемор шикоят накунад ва мактубҳои манфӣ нанависад.

Ян нафар посухдиҳанда изҳор намуд, ки дар МП онҳо ҳодисаи муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯб аз ҷониби корманд нисбати беморон ҷой дошт, бемор лату кӯб ва таҳқир карда шуд; корманд соли 2006 барои лату кӯб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд.

Ягон ҳодисаи аз ҷониби кормандон аз ҳадди таъсиррасонии ҷисмонии зарурӣ баромадан ҷой надошт, ва ягон корманд барои ин ҷазо дода нашудааст.

*Натиҷаҳои пурсиши беморони МП*

43% беморон дар хусуси ҳуқуқҳои хабардор карда шуда буданд, асосан, аз ҷониби духтури МП. Ба 35% беморон ҳуқуқҳояшон фаҳмонида нашудаанд.

Зиёда аз нисфи беморон (62%) ихтиёран ба МП омаданд. 25% беморонро хешовандонашон ё милитсия маҷбурӣ овардаанд.

12% беморонро ба дохили МП хешовандонашон ё милитсия маҷбуран ворид кардаанд. 5 бемори пурсидашуда зикр намуданд, ки онҳо дар дастбанд буданд, боз 4 нафари бемори дигарро баста, маҷбурӣ ба МП даровардаанд.

Зиёда аз нисфи беморон ҳангоми омадан ба МП тафтиш шудаанд. Дар якчанд ҳолат ошкор карда шудааст, ки беморон ҳамзамон аз ҷониби кормандони ҷинси мард ва зан тафтиш карда шудаанд, масалан, бародари шафқат ва ҳамшираи шафқат.

Аз аксарияти беморони пурсидашуда (67%) ҳангоми ҷойгиронӣ дар МП ашёҳои шахсиашонро нагирифтаанд. Аз беморони боқимонда чунин ашёҳо, ба монанди ручка (қалам), корд, сигаретҳо, камарбанд, мӯҳраҳо, ангуштаринҳои тилло, телефон, пул, либос, дандоншӯякро гирифтаанд. Ба онҳое, ки либосҳояшонро гирифта буданд, либоси беморхонаӣ додаанд.

Аксарияти беморони МП (64%) пешакӣ аз муолиҷае, ки ба

онҳо таъин гардида буд, хабардор карда шудаанд.

Ягон нафар посухдиҳандаи пурсидашуда изҳор накард, ки дар истифодаи муолиҷа бо дорувориҳои наве, ки пештар дар ягон ҷой истифода нашудаанд, дар доираи озмоиши онҳо иштирок накардааст.

Зиёда аз нисфи беморони пурсидашуда (52%) аз ҳуқуқи худ ба шикоят кардан аз амалҳои кормандони муассисаи психиатрӣ огоҳӣ надоранд.

3 бемори пурсидашудаи БҶП аз муносибати бад, аз шароити бад ва муолиҷа шикоят кардаанд, вале ба шикоятҳои онҳо ҳеҷ гуна эътиное зоҳир карда нашудааст.

Аксарияти куллии пурсидашудагон (94%) зикр намуданд, ки онҳо ҳангоми дар МП қарор доштан ба хизмати адвокат зарурат надоштанд. 6% беморон (ҳамаашон аз БҶП) бинобар шикоят овардан аз бистарикунонии маҷбурӣ ба хизмати адвокат эҳтиёҷ доштанд (4 нафар), бинобар шикоят овардан аз муносибати бад аз ҷониби кормандони МП (2 нафар), инчунин дар чорчӯби парвандаи ҷиноятӣ, ки нисбати беморон оғоз карда шуда буд (2 нафар).

Аксарияти кулли бемолрон (88%) посух доданд, ки наздикон ва хешовандон метавонанд онҳоро хабар гиранд.

Аксарияти пурсидашудагон (65%) бо ташрифоварандагони худ ба танҳоӣ муошират мекунанд. 20% посухдиҳандагон зикр карданд, ки онҳо имконият надоранд бо наздикон ва хешовандони худ ба танҳоӣ сӯҳбат кунанд, зеро ҳангоми барои боздид омадани онҳо ҳамшираи шафқат ё бародари шафқат, дар баъзе ҳолатҳо – санитарзан ҳузур дорад.

Аксарияти мулоқотҳо бо хешовандон ва наздикон дар ошхона ё дар ҳавлии беморхона мегузаранд.

30% посухдиҳандагон изҳор намуданд, ки онҳо метавонанд мактуб ва муросилот гиранд ва фиристанд, 41% пурсидашудагон посух доданд, ки онҳо наметавонанд мактуб ва муросилот фиристанд ва гиранд.

Аксарияти кулли мактубҳо ва муросилоте, ки беморон мефиристанд ва мегиранд, аз ҷониби кормандони МП тафтиш кар-

да мешаванд.

Ба савол оид ба иҷрои ягон кор дар МП, зиёда аз нисфи посухдиҳандагон (62%) изҳор намуданд, ки дар муассиса ҳеҷ гуна корро иҷро намекунанд.

4% беморони пурсидашуда ҳолатҳои муносибати бадро нисбати онҳо аз ҷониби кормандон зикр карданд (лату кӯб, таҳқир, дарднок сӯзандорӯ гузарондан).

10% беморони пурсидашуда ҳамчунин муносибати бадро аз ҷониби дигар беморон, ки, ба гуфтаи посухдиҳандагон, аз онҳо хӯрок ва либосро мегирифтанд, онҳоро таҳқир ва лату кӯб кардаанд, зикр намуданд.

Танҳо 2 нафар бемор аз байни тамоми пурсидашудагон (мизоҷони БҶП) посух доданд, ки онҳо дар МП таҳти ҷазо қарор дода шуданд. 1 бемор зикр намуд, ки ӯро бо дастон заданд ва бо сӯзандору дору гузаронданд, ки дар натиҷаи онҳо ҳама ҷояш дард мекард. Бемори дуюм изҳор намуд, ки ӯро аз хӯрок ва нӯшокӣ маҳрум карда буданд.

Қариб 62% пурсидашудагон зикр карданд, ки дар МП ҷойи махсуси ҷудогона барои ҷойгиронии беморон дар сурати авҷ гирифтани беморӣ ё дар дигар ҳолатҳо вуҷуд надорад. 6% беморони пурсидашуда изҳор намуданд, ки чунин ҷой вуҷуд дорад, вале ягон нафар аз онҳо дар чунин ҷой ҷойгир карда нашудаанд.

Аксарияти кулли беморони пурсидашуда (83%) аз шароити нигоҳдорӣ дар МП қаноатманд мебошанд.

### *Натиҷаҳои пурсиши хешовандони беморони МП*

Аксарияти беморон бо ташаббус ва хоҳиши хешовандон дар МП ҷойгир карда шудаанд.

28 нафар бемори гирифтори носолимии рӯҳӣ ихтиёран ба МП омадаанд. 5 нафарро ба МП маҷбурӣ, ё ки бо роҳи фиреб овардаанд, зеро онҳо хоҳиши муолиҷа гирифтан ва дар МП будан надоштанд. Масалан, баъзе посухдиҳандагон зикр карданд, ки онҳоро хешовандонашон аз дасташон гирифта ба МП расондаанд.

29 посухдиҳанда аз 33 нафар дар бораи муоличаи ба хешованди онҳо дар МП аз ҷониби духтури муоличавӣ ё мудири шӯъба таъингардида хабардор карда шуда буданд. 3 посухдиҳанда аз муоличаи таъингардида хабардор карда нашудаанд.

25 посухдиҳанда зикр намуданд, ки нисбати хешованди онҳо дар МП табобат бо доруворихои наве, ки пештар дар ягон ҷой истифода нашудаанд, дар доираи озмоиши онҳо, истифода нашудаанд.

Аз байни ҳамаи пурсидашудагон танҳо 1 посухдиҳандае, ки дар ш. Душанбе пурсида шуда буд, изҳор намуд, ки хешованди ӯ, ҳангоми дар МП будан, аз шароити бади нигоҳдорӣ: набудани оби хунук ва гарм ва хӯроки бад шикоят мекард.

Ягон нафар аз посухдиҳандагони пурсидашуда шоҳиди муносибати бад бо хешовандони худ - беморони МП аз ҷониби кормандор МП набуд.

Ягон хешованд – бемори МП ба наздикони худ шикоят накардааст, ки ӯ дар МП таҳти ҷазо қарор дода шудааст.

Ҳама посухдиҳандагони пурсидашуда имконияти хабар гирифтани хешовандони дар МП ҷойгирбудаи худ доранд. Аксари пурсидашудагон ҳангоми хабар гирифтани хешовандони худ дар МП имконияти ба танҳоӣ бо онҳо сӯҳбат карданро доранд.

14 нафар ҷавоб доданд, ки мактуб ва муросилот нагирифтаанд ва нафиристодаанд, зеро ба ин зарурат набуд.

20 нафар посухдиҳандагон зикр намуданд, ки ҳангоме ки онҳо барои хешовандони худ ба МП савғотиҳо меоранд, онҳоро тафтиш мекунанд, асосан, ҳамшираҳо, бародарони шафқати навбатдор, баъзан духтурон.

26 посухдиҳанда аз 33 нафар изҳор намуданд, ки аз МП гирифтани бемор ҳангоми муоличa мумкин нест.

7 посухдиҳанда зикр намуданд, ки хешовандони онҳо – мизоҷони МП дар МП корҳои гуногунро иҷро кардаанд.

*Натиҷаҳои пурсиши адвокатҳо/ҳуқуқшиносҳо*

Дар панҷ соли охир бо шикоят аз муносибати бераҳмона ё бади кормандони МП нисбати беморон ҳамагӣ 3 хешованди шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ ва танҳо ба адвокатҳои ш. Душанбе муроҷиат кардаанд. Муносибати бераҳмона ё бад бо меҳнати маҷбурӣ, зӯроварии ҷинсӣ (шаҳвонӣ), инчунин таҳқир ва озордиҳӣ алоқаманд буд.

Дар вилояти Суғд дар 5 соли охир дар байни адвокатҳо ва ҳуқуқшиносони пурсидашудаи ТҒҲ ягон ҳолати муроҷиати шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ ё хешовандони онҳо нисбати муносибати бераҳмона ва бад аз ҷониби кормандони МП ҷой надошт.

*Натиҷаҳои муоина*

Натиҷаҳои муоина нишон доданд, ки дар баъзе МП палатаҳо дар надоранд, дарҳои баъзеашон бошад, аз берун пӯшида мешавад.

Дар палатаҳо ҷевонҷаҳо барои истифодаи шахсӣ, инчунин яхдон, лампаҳо, ойина, радио, дастшӯяк ва об вуҷуд надоранд.

Равшании чи сунъӣ (умумӣ) ва чи табиӣ (аз боло, аз паҳлу, якҷоя) дар ҳолати қаноатбахш қарор дорад (ба истисноии МП ш. Конибодом, ки дар он равшании табиӣ ғайриқаноатбахш мебошад, зеро дар тамоми палати ҳамагӣ як лампа буда, бодхон (форточка) хеле баланд ва хурд аст).

Ҳавотозакунии чи сунъӣ ва чи табиӣ, асосан дар ҳолати қаноатбахш аст. Дар МП ш. Душанбе ҳавотозакунии сунъӣ вуҷуд надорад, вале бӯи мағор ва дигар бӯйҳои бад нест, танҳо бӯи сахти доруворӣ ҳис карда мешавад. Азбаски муоина зимистон гузаронида шуда буд, тирезаҳо пӯшида буданд, вале бо вуҷуди ин, бӯи нофорам эҳсос намегардид.

Дар аксарияти МП системаи гармкунии мутамарказ вуҷуд дорад, вале он кор намекунад ва қобили истифода намебошад. Гармкунӣ танҳо ба воситаи асбобҳои барқӣ.

Дар аксарияти МП утоқҳо барои даструшӯӣ дар дохили биноянд, вале бисёри онҳо дар ҳолати корношоям қарор доранд,

ва ҷойҳои дигари даструшуӣ дар ҳавлии беморхона, дар ҳавои кушод сохта шудаанд. Вале на дар ҳамаи онҳо оби гарм вуҷуд дорад.

Дар аксари ҳолатҳо ҳоҷатхона кушода аст, бе дару занҷир ва девори байн. Дар ду МП дар ҳоҷатхона коғазӣ ташноб вуҷуд надорад.

Ҷойпӯшҳо дар аксари ҳолатҳо тозаву бепора ҳастанд, вале дар баъзе МП онҳо аз ҳад зиёд обшуста ва нотозаанд. Дар МП Конибодом бошад, сачоқҳои рӯйпоккунӣ вуҷуд надоранд.

Ғизо ва шароит дар ошхонаҳои МП дар ҳолати хеле хубанд. Дар МП ш. Душанбе зарфҳо комилан тоза ва бенуқсанд, хӯрокро кормандон меоранд, миқдори хӯрокҳо ба қадри кофӣ зиёд, хӯрок бомазза аст. Дар МП боқимонда хӯрок камгӯшт ва камсафеда аст, дар баъзе ҳолатҳо бошад, он умуман вуҷуд надорад. Асосан бӯй ғайриқаноатбахш аст – дар ошхона бӯйи сахти доруворӣи тиббӣ ва дигар бӯй ҳис карда мешавад.

Утоқҳои мулоқот танҳо дар МП Норак ва Исфара вуҷуд доранд.

Лавҳаҳои иттилоотӣ оид ба ҳуқуқи беморон танҳо дар Исфара ва Конибодом мавҷуданд, дар МП боқимонда вуҷуд надоранд.

Дар 57% МП, ки дар онҳо муоина гузаронида шуд, шароити нигоҳдорӣ қаноатбахш буд. Дар 43% МП – ғайриқаноатбахш.

## II. МЕТОДОЛОГИЯ

Мониторинг давраи аз 16 декабри соли 2011 то 16 майи соли 2012-ро фаро гирифт.

Барои гузаронидани таҳқиқот *усулҳо ва воситаҳои зерини ҷамъоварӣ ва ҷамъбасткунии иттилоот* таҳия карда шудаанд:

**усулҳо:**

- ✓ таҳлили қонунгузории миллӣ дар соҳаи риояи ҳуқуқи шахсони гирифтори носолимии (бемориҳои) рӯҳӣ ҷиҳати мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи солимии рӯҳӣ
- ✓ боздид аз муассисаҳои психиатрӣ (муоина, мусоҳиба)
- ✓ гузаронидани мусоҳибати нимсохторишуда бо беморон, кормандони тиббӣ, хешовандони беморон, адвокатҳо ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд
- ✓ таҳлили маълумотҳои омории дастрас бо роҳи ирсол намудани дархостҳо

**воситаҳо:**

- ✓ Саволнома барои роҳбари МП
- ✓ Саволнома барои духтурони МП
- ✓ Саволнома барои ҳайати кормандони хурди МП
- ✓ Саволнома барои хешовандони беморони МП
- ✓ Саволнома аброи адвокатҳо ва ташкилотҳое, ки ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ дар мариди ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд
- ✓ Харитаи муоина

***Минтақаи фаргирӣ***

Яктои МП дар минтақаҳои зерин:

- ✓ Душанбе
- ✓ НТМ
- ✓ Вилояти Суғд
- ✓ Вилояти Хатлон

Кори гурӯҳи таҳқиқотӣ дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда шуд:

- ✓ Бархурди инфиродӣ нисбати ҳар як пурсидашаванда
- ✓ Боварӣ
- ✓ Махфият
- ✓ Дар кори худ такя кардан танҳо ба далелҳо, надодани баҳои шахсии худ ба ақидаҳои шахсони пурсидашуда
- ✓ Беғаразона пешниҳод кардани иттилоот оид ба ҳодисаҳои ҳангоми сафарҳо ба МП рӯйдода

*Стратегияи* гузаронидани мониторинг ба ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, хусусан, бо Институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ нигаронида шудааст.

Барои санҷидани воситаҳои таҳиягардида таҳқиқоти таҷрибавӣ гузаронида шуд. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавии гузаронидашуда ба саволнома тағйирот ва иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд.

## III. ИНТИХОБ ВА МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ОИД БА МОНИТОРИНГ

| № | Посухди-хандагон | Душанбе | Рӯдакӣ | Норак | Хуҷанд | Ғафуров | Исфара | Конибодом | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Роҳбарон | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 7 |
| 2 | Духтурон | 4 | 8 | 1 | 5 | 1 | 4 | 3 | 26 |
| 3 | Кормандони хурд | 5 | 6 | 3 | 9 | 2 | 12 | 8 | 45 |
| 4 | Беморон | 5 | 49 | 10 | 6 | 7 | 27 | 13 | 117 |
| 5 | Хешовандагон | 5 | 7 | 1 | 4 | 3 | 7 | 6 | 33 |
| 6 | Адвокатҳо/ ҳуқуқшиносон | 20 | 3 | 2 | 28 | 10 | 10 | 7 | 75 |
| 7 | Харитаи муоина | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 7 |

### РОҲБАРОНИ МП

***Иттилоот умумӣ***

Дар давраи аз моҳи феврал то мойи соли 2012 дар маҷмӯъ 7 роҳбарони Муассисаҳои психиатрӣ дар ҳафт минтақа – Душанбе, Рӯдакӣ, Норак, Хуҷанд, Ғафуров, Исфара ва Конибодом пурсида шуданд.

Собиқаи кории онҳо ба сифати духтури психиатр (равоншинос) аз 9 то 32 сол буда, аз собиқаи кории онҳо ба сифати роҳбари муассисаи психиатрӣ, ки аз 3 то 13 солро ташкил медиҳад, хеле бештар аст.

### ДУХТУРОНИ МП

***Иттилооти умумӣ***

Дар давраи аз моҳи феврал то мойи соли 2012 дар маҷмӯъ 26 духтурони Муассисаҳои психиатрӣ дар ҳафт минтақа – Душанбе, Рӯдакӣ, Норак, Хуҷанд, Ғафуров, Исфара ва Конибодом

пурсида шуданд.

Собиқаи кории пурсидашудагон дар ихтисоси духтури равоншинос аз 1 то 47 солро ташкил медиҳад.

## КОРМАНДОНИ ХУРДИ МП

***Иттилооти умумӣ***

Дар давраи аз моҳи феврал то мойи соли 2012 дар маҷмӯъ 45 намояндаи ҳайати кормандони хурди Муассисаҳои психиатрӣ дар ҳафт минтақа – Душанбе, Рӯдакӣ, Норак, Хуҷанд, Ғафуров, Исфара ва Конибодом пурсида шуданд.

Аз онҳо 31% дар шӯъбаи мардона, 29% - дар шӯъбаи умумӣ, 27% - дар шӯъбаи занона ва яктои корманди хурди пурсидашуда (ин қариб зиёда аз 2%) – дар шӯъбаҳои психонаркологӣ, судӣ, муолиҷа ва маърифатӣ кор мекунанд.

Пурсидашудагон дар чунин вазифаҳо (ихтисосҳо), ба монанди бародари шафқати калон (2%), бародари шафқат (7%), ҳамшираи шафқати калон (13%), ҳамшираи шафқат (22%), сарфелдшер (2%), фелдшер (7%), педагог-мураббӣ (2%), вакили хоҷагӣ (2%), санитар/санитарзан (36%), фарроф (4%) кор мекунанд.

Асосан, кормандони хурд дар МП таҳсилоти миёнаи махсуси тиббӣ доранд – 53%. 36% пурсидашудагон намояндагони ҳайати кормандони хурд таҳсилоти миёна доранд. 2 фоизашон ҳеҷ гуна таҳсилот надоранд, ва танҳо 7% пурсидашудагон таҳсилоти олӣ доранд.

Давомнокии рӯзи кории қариб нисфи пурсидашудагон (47%) 24 соатро ташкил медиҳад. Рӯзе 8 соат бо танаффузи яксоата 33% посухдиҳандагони пурсидашуда кор мекунанд, рӯзи 7 соат – 13% ва навбат ба навбат (як шабонарӯз – кор, ду рӯз – истироҳат) 7% пурсидашудагон кор мекунанд.

Андаке бештар аз нисфи пурсидашудагон (51%) рӯзона кор мекунанд, шабона бошад – 11% посухдиҳандагони пурсидашуда. 33% посухдиҳандагони пурсидашуда зикр намуданд, ки онҳо ба навбат дар басти рӯзона ва шабона кор мекунанд, 9% пурси-

дашудагон шабонарӯзӣ навбатдорӣ мекунанд.

Дар айни ҳол, асосан пурсидашудагоне, ки ҳафтае 2 рӯзи истироҳат доранд (47%), ҳафтае як рӯз 16% пурсидашудагон истироҳат мекунанд. Дар байни пурсидашудагон онҳое низ ҳастанд, ки ҳафтае 3 рӯз (29%), ҳафтае 6 рӯз (2%) истироҳат мекунанд, ё ки як шабонарӯз кормекунанд – як шабонарӯз истироҳат доранд (7%).

Музди меҳнати пурсидашудагон аз 100 сомонӣ то 700 сомониро ташкил медиҳад.

Хизматрасонии беморон дар як рӯз

| Душанбе | Рӯдакӣ | Норак | Хуҷанд | Б. Ғафуров | Исфара | Конибодом |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3-10 | 50-99 | 7-24 | 10-80 | 10-75 | 10-106 | 7-106 |

***Проблемҳо дар кор***

«Мо ҳоло проблемаи ҷиддӣ надорем, вале дар ҳар сурат проблемаҳои вобаста ба шароити маишӣ вуҷуд доранд: аксар вақт оби хунук нест. Ва дар ҳоли ҳозир проблемаи аз ҳама бузург он аст, ки мо аз ҷумлаи «бенавоён» бемориони хеле зиёд дорем, ки баъди муолиҷа онҳо ҷое надоранд, ки раванд, ҷойҳои мо бошанд, маҳдуданд, вале мо онҳоро берун карда ҳам наметавонем. Аз шумо хоҳиш менамоем танҳо дар ҳалли ин проблема ба мо мусоидат намоед, барои беморони бехонаву дар ҷойи истиқомат пайдо кунед», - пурсидашудагон аз МП н. Рӯдакӣ.

«Мо чандон проблемаи муҳим надорем, вале ба мо кадрҳо, кормандон намерасанд», - пурсидашудагони МП ш. Конибодом.

«Мо проблема надорем», - пурсидашудагони МП ш. Норак.

«Баъзан қувваи барқи моро қатъ мекунанд, обамон ҳам низ кашонданӣ аст. Ғайр аз ин, музди меҳнати хеле кам аст, коргарон намерасанд. Роҳ то МП мо хеле дур аст, бинобар ин хешовандон беморон онҳоро аҳёнан хабар мегиранд», - пурсидашудагони МП ш.Исфара.

«Мо проблемаҳои ҷиддӣ надорем, вале фикр мекунем, ки кӯдакон аз ҷомеа дур шудаанд», - пурсидашудагони МП ш. Душанбе

«Мо проблема надорем», - пурсидашудагони МП н. Б. Ғафуров

«Маоши мо хеле кам аст. Хуб мешуд, ки агар касе ба бемoрони мо бо дорувории зарурӣ кӯмак мекард». «Гарчанде проблемаҳо набошанд ҳам, вале бо беморон кор кардан мушкил аст», пурсидашудагони МП ш. Хуҷанд.

## БЕМОРОНИ МП

### *Иттилооти умумӣ*

Ҷинси беморон: дар маҷмӯъ пурсида шуданд – 117 беморон, аз онҳо мардон – 74 нафар, занон – 43 нафар.

Муддати дар муолиҷа қарор доштан: аз 3 рӯз то 7 сол. Аксари беморон дар МП, ба ҳисоби миёна, якчанд моҳ муоилиҷа мешаванд – 2-6 моҳ. Ҳолатҳое ки беморон дар МП якчанд сол нигоҳ дошта мешаванд, ҳатто то 30 сол, хеле каманд.

Дар муассисаи психиатрии кӯдаконаи ш. Душанбе муддати ҳадди аксари муолиҷаи беморон – 1 моҳ.

Посухдиҳандагон дар 6 муассисаи психиатрӣ дар 4 минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурсида шуданд: ш. Душанбе, НТМ, вилояти Хатлон, вилояти Суғд.

## ХЕШОВАНДОНИ БЕМОРОНИ МП

### *Иттилооти умумӣ*

Пурсиш дар ш. Душанбе, НТМ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон гузаронида шуд.

Ҳамагӣ 33 хешовандони шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ пурсида шуданд. Ба гуфтаи хешовандон, 20 нафар – мардон, 13 нафар – занон.

Асосан, шахсоне, ки гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ҳастанд, хешовандони наздики посухдиҳандагон – фарзандон, ҳамсарон, волидон (20 нафар) мебошанд. Хешовандони боқимонда бародарон, хоҳарон, наберагони посухдиҳандагонанд.

Хешовандони посухдиҳандагон аз бемориҳои мухталифи рӯҳи азият мекашанд (шизофрения (маҷзубият), ноқисии ақлӣ, эпилепсия (саръ) ва ғайра). 11 нафар пурсидашудагон диагнози (ташхиси бемории) хешовандони худро намедонанд.

Давомнокии нигоҳдории беморон дар МП аз якчанд рӯз то якчанд моҳ, ва дар як ҳолат се солро ташкил медиҳад.

Ба гуфтаи хешовандон, 20 бемори МП пурра қодиранд моҳияти амалҳо ва суханони худро дарк кунанд, 3 бемор – қисман, 10 бемор – мафҳуми суханон ва амалҳои худро дарк намекунанд.

24 бемории МП, ба гуфтаи хешовандонашон, аз ҷониби суд ғайри қобили амал дониста нашудаанд. 4 хешовандон дар ин бораи намедонанд, 3 нафар посухдиҳандагон зикр намуданд, ки хешовандони онҳо кӯдакони гирифтори носолимии рӯҳӣ мебошанд, ки ҳанӯз ба синни 18-солагӣ нарасидаанд.

## АДВОКАТҲО ВА НАМОЯНДАГОНИ ТҒҲ

### *Иттилооти умумӣ*

Дар маҷмӯъ 79 адвокат ва намояндагони Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар ш. Душанбе, вилоятҳои Хатлон ва Суғд мавриди пурсиш қарор дода шуданд. Аз онҳо – 68 адвокат ва 11 ҳуқуқшиноси ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Собиқаи кории посухдиҳандагон аз 1 сол то 45 сол.

27 нафар аз 79 посухдиҳанда зикр намуданд, ки ба онҳо барои ёрии ҳуқуқӣ шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ё хешовандони онҳо муроҷиат карданд. 7 адвокат изҳор намуданд, ки муроҷиатҳо бо ҷойгиронии маҷбурии шахсон дар беморхонаҳои психиатрӣ алоқаманд буданд. 2 машварат ба муносибати бад аз ҷониби кормандони беморхонаи психиатрӣ алоқаманд бу-

данд. Мурочиатҳои боқимонда (18) ба муносибатҳои мухталифи ҳуқуқӣ – оилавӣ, нафақавӣ, меросӣ, меҳнатӣ ва ғайра дахл доштанд.

## IV. ТАҲЛИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ ДАР СОҲАИ РИОЯИ ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ ГИРИФТОРИ НОСОЛИМИИ (БЕМОРИИ) РӮҲӢ ҶИҲАТИ МУТОБИҚАТ БА СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ САЛОМАТИИ РӮҲӢ

### Муқаддима

Ҳуқуқ ба сатҳи олии имконпазири саломатӣ ҳуқуқи инсон мебошад, ки онро ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф намудааст. Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки механизми марказии ҳифзи ҳуқуқ ба саломатӣ мебошад, *«ҳуқуқи ҳар як инсонро ба сатҳи олитарини имконпазири саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ»* эътироф менамояд. Дар Паймони мазкур таваҷҷӯҳи баробар ҳам ба саломатии рӯҳӣ ва ҳам ба саломатии ҷисмонӣ зоҳир карда мешавад, гарчанде ки аксар вақт саломатии рӯҳӣ ба инобат гирифта намешуд. [1]

Қонунгузорӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ шарти ҷудонопазир барои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандоне мебошад, ки аз носолимии рӯҳӣ ва азият мекашанд ва табақаи осебпазири ҷомеаро ташкил медиҳанд. Онҳо таҳти стигматизатсия, табъиз ва маҳрумият дар ҳама гуна муҳити иҷтимоӣ қарор доранд, ва ин ҳолат эҳтимолияти поймолгардии ҳуқуқи инсонро бештар менамояд. Ҳуқуқи одамоне, ки аз носолимии рӯҳӣ азият мекашанд, поймол карда мешаванд ё метавонанд бештар поймол карда шаванд.

Дар 25% кишварҳо, ки дар онҳо тақрибан 31% аҳолии ҷаҳон сукунат дорад, қонунгузории умумимиллӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ вуҷуд надорад. [2]

---

1 «Право на здоровье», изложение фактов № 31, Управление Верховного Комиссара по правам человека ООН, Всемирная организация здравоохранения, стр. 12

2 «Законодательство в области психического здоровья и права человека», Свод методических рекомендаций по вопросам политики и оказания услуг в области психического здоровья, Всемирная Организация Здравоохранения, 2006 г.

Афзалиятноки пасти масъалаҳои ҳифзи саломатии рӯҳӣ дар аксари кишварҳо боиси он мегардад, ки барои хадамоти саломатии рӯҳӣ захираҳои моливӣ ва кадрии муносиб ҷудо карда намешаванд. Бинобар ин, бо мақсади тарвиҷи принсипҳои адолат ва баробарҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ низ бояд муқаррароте пешбинӣ карда шаванд, ки ҷудо намудани захираҳои муносиб ва маблағҳои кофиро барои хадамоти саломатии рӯҳӣ, ки ҳам дар шароити статсионар ва ҳам дар маҳалли истиқомат фаъолияти мекунанд, таъмин намоянд. [1]

Илова ба дарду ранҷи ошкор аз бемориҳои рӯҳӣ, боз сангинии ноаёне дар шакли дарки манфӣ аз ҷониби ҷомеа ва табъизи шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ низ вуҷуд дорад.

Дар кишварҳои ҳам сатҳи даромади аҳолиашон ба ҳар сари кас паст ва ҳам баланд чунин муносибат дар одамони гирифтори носолимии рӯҳӣ дар тӯли тамоми давраи инкишофи таърихии онҳо вуҷуд дошт, ки ин боиси ба миён омадани тасаввуроти манфӣ ва зуҳури тарсу рад шуд, ҳангоме ки шахсони гирифтори носолимии рӯҳиро ҷомеа ё рад мекард, ё ки мавҷудияти онҳоро намедид. [2]

Дар ҳоли ҳозир иштироки шахсони маъюб дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҳуқуқи дар арсаи байналмилалӣ эътирофшудаи инсон мебошад.

Шахси дорои нуқсони ақлӣ ҳамон гуна ҳуқуқҳоеро дорост, ки одамони дигар доранд, ва онҳо ҳадди аксар татбиқшаванда мебошад. [3]

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон носолимии (беморИИ) рӯҳӣ - вайрон шудани фаъолияти муътадили рӯҳӣ дониста мешавад, ки дар пастшавии қобилияти ақлӣ ва тағйирёбии возеҳи тафаккур ифода меёбад. [4]

---

1 Там же, стр. 29

2 Справочник базовой информации по психическому здоровью, правам человека и законодательству «Откажитесь от изоляции - окажите помощь», Всемирная организация здравоохранения, 2005 год.

3 Декларация о правах умственно отсталых лиц, принята резолюцией 2856 (XXVI) Генеральной Ассамблеи от 20 декабря 1971 года, пункт 1

4 Статья 2 Закона РТ «О психиатрической помощи»

## Стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ

Дар сатҳи байналмилалӣ қонунгузорӣ дар соҳаи масъалаҳои саломатии рӯҳӣ бо чунин стандартҳои байналмилалӣ, ба монанди Принсипҳои Ҳифзи шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ ва беҳтарсозии ёрии психиатрии (равонпизишкии) Созмони Милали Муттаҳид (Принсипҳои ПБ) ба танзим даровarда мешаванд, ки барои рушди қонунгузорӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ дар бисёр кишварҳо ҳамчун асоси чорчӯбӣ хизмат карданд; Қоидаҳои стандартии таъмини имкониятҳои баробар барои маъюбон (Қоидаҳои стандартӣ); Эъломияи Каракас; Эъломияи Мадрид; қонунгузории ТУТ оид ба ҳифзи саломатии рӯҳӣ – даҳ принсипи муҳимтарин, Тавсияҳои методӣ оид ба мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи инсон нисбати шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ (Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, с. 1961) ва дигар санадҳои меъёрӣ.

Дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқи кӯдак як қатор муқаррарот оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон дар соҳаи саломатии рӯҳӣ мавҷуданд ва он ҳуқуқи ҳар як кӯдакро ба сатҳи зиндагие, ки барои рушди ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ зарур мебошанд, эътироф менамояд.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки чунин стандартҳои байналмилалӣ, ба монанди Принсипи ПБ, Қоидаҳои стандартӣ ва Қонунгузорӣ оид ба саломатии рӯҳӣ – даҳ принсипи муҳимтаринанд, гарчанде ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ намебошанд, вале мавқеъҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда нисбати стандартҳои амалияи муносиб мебошанд. [1]

*Даҳ принсипи муҳимтарини Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, 1996 аз инҳо иборатанд:*

- Таҳкими саломатии рӯҳӣ ва пешгирии носолимии (бемориҳои) рӯҳӣ.
- Таъмини дастрасии хизматрасониҳои заминавӣ ва кӯмак дар соҳаи саломатии рӯҳӣ.
- Арзёбии вазъият бо саломатии рӯҳӣ мутобиқи принсинҳое,

1 «Законодательство в области психического здоровья и права человека», Свод методических рекомендаций по вопросам политики и оказания услуг в области психического здоровья, Всемирная Организация Здравоохранения, 2006 г., с. 20

ки дар сатҳи байналмилалӣ маъқул дониста шудаанд.

- Ёрӣ расонидан ва пешниҳод кардани хизматрасонӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ мутобиқи принсипҳои алтернативаи ҳадди ақал маҳдудкунанда.
- Худмуайянкунии фард.
- Риояи ҳуқуқ ба дарёфти кӯмак дар раванди худмуайянкунӣ.
- Таъмин намудани функсияҳои назорат (муроқибат).
- Амали худазхуди мунтазами механизми назорат.
- Ҷалби мутахассисони варзида ба раванди қабули қарорҳо.
- Эҳтироми принсипи баробарӣ дар назди қонун.

*Эъломияи Европа оид ба ҳифзи саломатии рӯҳӣ.*

14 январи соли 2005 Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эъломияи Европа оид ба ҳифзи саломатии рӯҳиро ба имзо расонид.

Дар ҳуҷҷати мазкур принсипҳои зерини ташкили системаи ҳифзи саломатии рӯҳӣ зикр шудаанд:

- мусоидат намудан ба дарки васеътари аҳамияти муҳими некӯаҳволии рӯҳӣ;
- муқаррар намудани сиёсат, барномаҳо ва қонунгузорӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ, ки ба донишҳои муосир ва эҳтироми ҳуқуқи инсон, ба машварат бо тамоми ҳамшарикон оид ба ҳифзи саломатии рӯҳӣ асос ёфтаанд; ин маънои ҷалби васеътари истифодабарандагони хадамоти саломатии рӯҳӣ ва наздикони онҳо, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаҳоро ба раванди мазкур дорад;
- зиёд намудани ҳаҷми сармоягузориҳо барои ҳифзи саломатии рӯҳӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири таъмини некӯаҳволии аҳолӣ;
- аз байн бурдани стигматизатсия ва табъиз ва пурзӯр намудани ҳамгироии иҷтимоӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва вусъат бахшидани ҳуқуқу

имкониятҳои шахсони таҳти хавф қароргиранда;
- қатъ намудани истифодаи усулҳои муоличаи ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф;
- ба шахсони проблемаҳои саломатии рӯҳӣ дошта пешниҳод кардани имконияти интихоб намудан ва ҷалб шудан ба раванди муоличаи худ, ки бо дар назар гирифтани эҳтиёҷот ва фарҳанги онҳо гузаронида мешавад;
- арзёбӣ намудани таъсири амалҳое, ки ҳукумат анҷом медиҳад, ба саломатии рӯҳии аҳолӣ;
- рушд додани хадамоти ҳифзи саломатии рӯҳӣ дар маҳалли истиқомат, то ки тавассути онҳо ёрии муассисаҳои статсионарӣ барои шахсони гирифтори проблемаҳои аёни рӯҳӣ иваз карда шавад.
- Дар самти иҷрои ӯҳдадориҳои қабулнамуда, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи муштаракро бо Вазорати молия ва Барномаи амнияти озуқаворӣи Комиссияи Европа ба имзо расонид. Дар Протоколи мазкур ихтисор намудани катҳои статсионарии муассисаҳои психиатрӣ ва равона намудани маблағҳои озодшуда барои татбиқи фаъолияти ин муассисаҳо пешбинӣ гардидааст. [1]

*Эъломияи Каракас (с.1990)*[2]

Дар он дар бораи он гуфта мешавад, ки истифодаи истисноии табобати статсионарӣ дар беморхонаи психиатрӣ беморонро аз муҳити табиии онҳо ҷудо мекунад, ва чун натиҷа маъюбиро шадид мегардонад. Эъломия робитаи мутақобилаи фавқулодда муҳими байни хадамоти саломатии рӯҳӣ ва ҳуқуқи инсонро муқаррар намуда, дар мавриди он хулоса мекунад, ки чунин хадамоти кӯҳнашудаи ҳифзи саломатии рӯҳӣ ҳуқуқи беморонро таҳти ҳавф қарор медиҳанд.

1 «Реформы в области психического здоровья в Таджикистане», проект реализован Глобальной Инициативой в Психиатрии (ГИП) при финансовой поддержке организации Мизереор, 2007 г., стр. 12
2 Принята в качестве резолюции на совещании Панамериканской организации здравоохранения (ПАОЗ/ВОЗ).

Дар Эъломия гуфта мешавад, ки захираҳо, кӯмак ва табобати ба шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ пешниҳодшаванда бояд эҳтироми шаъну шараф ва риояи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрвандиро кафолат диҳанд, муоиличаи оқилона ва муносиби беморонро таъмин намоянд ва, ба қадри имкон, шароит фароҳам оваранд, ки чунин одамон ҳаёти худро дар муҳити барои онҳо муқаррарӣ идома диҳанд.

Мутобиқи мақсадҳое, ки дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва созишномаҳои байналмилалӣ муайян карда шудаанд, принсипи бунёдии қонунгузорӣ оид ба ҳифзи саломатии рӯҳӣ ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад. Ҳуқуқ ва принсипҳои асосӣ баробарӣ ва муносибати ғайритабъизӣ, ҳуқуқ ба ҳаримнишинӣ ва ҳифз ва рушди мухторияти шахсият, ҳимоят аз муоиҷаи ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсонӣ, принсипи маҳдудкунии ҳадди ақали озодӣ ва ҳуқуқ ба гирифтани иттилоот ва иштирок дар раванди таҳияи даври муоличаро дар бар мегиранд. [1]

Моддаи 12 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқи ҳар як шахс, аз ҷумла одамони гирифтори носолимии рӯҳиро ба сатҳи ҳадди аксар имконпазири саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ эътироф менамояд.

Манбаи муҳими тафсири моддаҳои паймонҳо ва конвенсияҳо оид ба ҳуқуқи инсон Мулоҳизоти умумии таҳиянамудаи мақомоти назоратӣ мебошанд. Гарчанде ки Мулоҳизоти умумӣ ғайриҳатмӣ мебошанд, онҳо назариёти расмӣ оид ба тафсири лозимии муқаррароти дахлдори паймонҳои байналмилалии ҳуқуқӣ арзёбӣ мегарданд.

Мутобиқи Мулоҳизоти умумии №5 Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дар Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сухан мушаххасан дар хусуси шахсони гирифтори ягон шакл маъюбӣ намеравад. Бо вуҷуди ин, азбаски Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эътироф мекунад, ки тамоми одамон аз

1 Справочник базовой информации по психическому здоровью, правам человека и законодательству «Откажитесь от изоляции - окажите помощь», Всемирная организация здравоохранения, 2005 год, стр.3

лиҳози шарафу ҳуқуқ бо ҳам баробар ба дунё меоянд, ва азбаски муқаррароти Паймон ба андозаи пурра ба ҳама аъзои ҷомеа таалluқ доранд, нисбати шахсони гирифтори ягон шакли маюъбӣ низ, мутобиқан, муқаррароти ПБҲИИФ татбиқ карда мешаванд. Ҳар як давлати узви Паймон ӯҳдадор аст вазъияти маъюбонро беҳтар созад. Ганчанде ки воситаҳо ва усулҳои ташвиқи татбиқи пурраи ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии гурӯҳи мазкури аҳолӣ ногузир дар кишварҳои мухталиф аз ҳамдигар хеле фарқ хоҳанд кард, бо вуҷуди ин, ягон кишваре вуҷуд надорад, ки дар он эҳтиёҷот ба қабули сиёсат ё барномаи дахлдор ба миён наомада бошад. [1]

Дар мавриди зарурати муносибати махсус бошад, давлатҳои аъзо ӯҳдадоранд дар доираи захираҳои ҳадди аксари дар ихтиёр доштаашон тадбирҳо андешанд, то ки ба чунин шахсон имкон диҳанд кӯшиш намоянд, ки ҳама гуна ҳолатҳои номусоиди маъюбии онҳо бавуҷудовардаро, дар мавриди марбут ба истифодаи ҳуқуқҳое, ки дар Паймон зикр гардиаанд, паси сар намоянд.[2]

Тавре ки аллакай Кумитаи оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъкид намуда буд (Мулоҳизоти умумии №3, иҷлосияи панҷум (соли 1990), банди 12), ӯҳдадории давлати узв ҷиҳати ҳимоят кардани табақаҳои осебпазири ҷомеаи худ дар шароити якбора ихтисор гардидани захираҳои мавҷуда аҳамияти басо муҳим пайдо мекунад.

*Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон*

Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон бо қатъномаи 61/106 Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид 13 декабри соли 2006 қабул гардида буд ва 3 майи соли 2008 эътибор пайдо намуд. Ҳамзамон бо Конвенсия Протоколи иловагӣ ба он қабул гардида буд ва эътибор пайдо кард. То ин вақт ҳуқуқҳои маъюбон ҳеҷ гоҳ дар ҳуҷҷати ягонаи байналмилалии ҳуқуқӣ муқаррар

1 Замечание общего порядка № 5 к Международному Пакту об экономических, социальных и культурных правах: *(Одиннадцатая сессия, 1994 год),* пункт 5
2 Замечание общего порядка № 5 к Международному Пакту об экономических, социальных и культурных правах: *(Одиннадцатая сессия, 1994 год),* пункт 8

карда нашуда буданд. Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон яке аз ҳуҷҷатҳои байналмилалии аз ҳама ҷавон мебошад, ки ба ҳифзи ҳуқуқи шахсони гирифтори маъюбӣ нигаронида шудааст.

Моддаи 1 Конвенсия пешбинӣ менамояд, ки ба ҷумлаи маъюбон шахсони гирифтори нуқсони устувори ҷисмонӣ, **рӯҳӣ**, зеҳнӣ ё дигар нуқсони ҳис мансубанд, ки ҳангоми бархурдан бо монеаҳои мухталиф метавонанд ба иштироки пурра ва самаранокии онҳо дар ҳаёти ҷомеа дар баробари дигарон халал расонанд. Ҳамин тариқ, муқаррароти Конвенсия бевосита ба шахсони гирифтори носолимии (бемории) рӯҳӣ дахл доранд.
Конвенсияи оид ба ҳуқуқи маъюбон ҳуқуқи ҳар як маъюбро ба эҳтироми якпорчагии ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯ дар баробари дигарон эътироф менамояд. [1]

Принсипҳои Конвенсияи мазкур инҳоянд: [2]

*a*) эҳтироми ба шаъну шарафи инсон хос, соҳибихтиёрии шахсии ӯ, аз ҷумла озодии интихоби шахсӣ, ва мустақилият;
*b*) адами табъиз;
*c*) ҷалбу ҳамроҳкунии пурра ва муассир ба ҷомеа;
*d*) эҳтироми хусусиятҳои маъюбон ва қабули онҳо ҳамчун ҷузъи гуногуншаклии инсонҳо ва ҷузъи башар;
*e*) баробарии имкониятҳо;
*f*) дастрасӣ;
*g*) баробарии мардон ва занон;
*h*) эҳтиром имкониятҳои рушдёбандаи кӯдакони маъюб ва эҳтироми ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба нигоҳдории фардияти худ.

3 октябри соли 2011 дар шаҳри Женева (Швейтсария) аз ҷониби Гурӯҳи кории Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми муколама дар доираи расмиёти Тафсири даврии универсалии Тоҷикистон як қатор тавсияҳо оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон пешниҳод карда шуда буданд, аз он ҷумла:

1 Моддаи 17 Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон
2 Моддаи 3 Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон

- Андешидани як қатор тадбирҳо оид ба таъмини таҳсилоти инклюзивӣ (фаргир) ва ғайритабъизии кӯдакони маъюб дар системаи муқаррарии маориф (Испания).
- Таҳия намудани барномаҳое, ки ба духтарон имкон медиҳанд дар системаи таҳсилот боқӣ монанд ва пеш аз мӯҳлат аз мактаб хориҷ шудани онҳоро пешгирӣ менамоянд; андешидани чораҳои мушобеҳ нисбати кӯдакони маъюб (Коста-Рика).
- Қабул намудани маҷмӯи нави критерияҳои муайянкунии маъюбӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ ва таъмин намудани баланд гардидани сатҳи огоҳии аҳолӣ бо мақсади роҳ надодан ба стигматизатсия (Венгрия).
- Аз ҷониби як қатор кишварҳо тавсия дода шуд, ки Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон ва Протоколи иловагӣ ба он бо мақсади ташвиқ ва ҳифзи минбаъдаи ҳуқуқи шахсони имкониятҳояшон маҳдуд ба тасвиб расонида шавад.

Мутаассифона, тавсияи 90.6 дар мавриди ба тасвиб расонидани Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда нашуд. Ҳамчунин Тоҷикистон баён дошт, ки тавсияи мазкурро минбаъд бо дар назар гирифтани имконияти молиявию иқтисодӣ баррасӣ хоҳад кард. [1]

Тоҷикистон қариб тамоми маҷмӯи шартномаҳои байналмилалии ҳуқуқии Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи ҳуқуқи инсонро, ба истиснои Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон ба тасвиб расонидааст. Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон ба қатъномаи 61/106 Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид 13 декабри соли 2006 қабул гардида, 3 майи соли 2008 эътибор пайдо кардааст. Ҳамзамон бо Конвенсия Протоколи иловагӣ ба он қабул гардида, эътибор пайдо намуд. То ин вақт ҳуқуқҳои маъюбон ҳеҷ гоҳ дар ҳуҷҷати ягонаи байналмилалии ҳуқуқӣ муқаррар карда нашуда буданд. Дар Конвенсия ба за-

1 «Соображения в отношении выводов и/или рекомендаций, добровольные обязательства и ответы, представленные государством  объектом обзора» (Таджикистан), Совет ООН по правам человека, Женева, 19-ая сессия, 27 февраля 2012 г.

нони маъюб ва кӯдакони маъюб таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад, зеро онҳо аксар вақт «таҳти табъизи мухталиф қарор дода мешаванд» [1], ки ин барои Тоҷикистон басо муҳим аст.

**Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саломатии рӯҳӣ**

Мутобиқи Конститутсия (Сарқонун) Тоҷикистон давлатӣ иҷтимоӣ мебошад ва барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ба ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор … таъминоти иҷтимоӣ кафолат дода мешавад. [2]

Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми масъалаҳои марбут ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳиро дар Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» аз соли 2002 муттаҳид намудааст. То соли 2002 масъалаҳои марбут ба муолиҷа ва расонидани ёрӣ ба шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ амалан аз лиҳози қонунӣ ба танзим дароварда нашуда буданд.

Мутобиқи моддаи 53 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» (аз соли 1997) бемориҳои рӯҳӣ ба категорияи бемориҳое, ки барои атрофиён хавфнок мебошанд (дар қатори чунин бемориҳо, ба монанди бемории сил, СПИД, бемориҳои олоти таносул ва ғайра), мансуб дониста шудаанд.

Баъзе масъалаҳои марбут ба шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ бо кодексҳои Гражданӣ, Мурофиавии гражданӣ, Ҷиноятӣ ва Ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.

**Ҳамчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани ёрии психиатрӣ бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии амалкунанда ба танзим дароварда мешавад:**

1. Фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тадбирҳо оид ба такмили минбаъдаи ёрии психиатрӣ №54 аз 9 феврали соли 2001.

2. Низомномаи беморхонаи психиатрӣ (замимаи №1 ба

---

1 Моддаи 6 Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон
2 Моддаи 39 Конститутсияи ҶТ

фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).

3. Низомномаи пешбурди ташхиси судию психиатрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи №2 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
4. Дастурамали тартиби истифодаи чораҳои маҷбурӣ ва дигар чораҳои дорои хислати тиббӣ нисбати шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ, ки кирдорҳои барои ҷомеа хатарнок содир кардаанд (Замимаи №3 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
5. Низомномаи шӯъбаи ташхиси судию психиатрии назди беморхонаи психиатрӣ барои шахсоне, ки таҳти ҳабс қарор доранд (Замимаи №4 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
6. Низомномаи шӯъбаи муоилиҷаи маҷбурии дорои низоми назорати қатъии беморхонаи психиатрӣ (Замимаи №5 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
7. Низомномаи шӯъбаи психиатрӣ барои беморони гирифтори патологияи якҷояи шадиди ҷисмонӣ ва рӯҳӣ (шӯъбаи сомапсихиатрӣ) (Замимаи №6 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
8. Дастурамали тартиби бистарикунонии беморони рӯҳӣ бе иҷозати онҳо ва розигии хешовандон (Замимаи №7 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
9. Дастурамали тартиби барасмиятдарорӣ ва бақайдгирии рухсатиҳои муолиҷавӣ дар беморхонаҳои психиатрӣ (Замимаи №8 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).

10. Низомномаи диспансери психоневрологии ҷумҳуриявӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, байниноҳиявӣ) (Замимаи №9 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
11. Дастурамали тартиби муоинаи ибтидоии психиатрии шаҳрвандон (Замимаи №10 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
12. Низомномаи статсионари рӯзона барои беморони рӯҳӣ (Замимаи №11 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
13. Низомномаи Шӯъбаи ташкилию методии машваратии ёрии психиатрии ҷумҳуриявӣ (Замимаи №12 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
14. Дастурамали тартиби пешниҳоди маълумот оид ба вазъияти рӯҳии шаҳрвандон (Замимаи №13 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
15. Дастурамали тартиби аз ҷониби диспансерҳои (шӯъбаҳои, кабинетҳои) психоневрологӣ додани маълумоте, ки имконияти иҷозат додани ин ё он шахсро ба силоҳи оташфишон тасдиқ мекунанд (Замимаи №14 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
16. Низомномаи Сарпсихиатри мақомоти тандурустӣ (Замимаи №15 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
17. Номгӯи шаклҳои ҳуҷҷатҳои тиббии ибтидоие, ки барои кори муассисаҳои психиатрии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошанд (Замимаи №16 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).
18. Дастурамали ташкили ҳамкории мақомоти тандурустӣ

ва мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии амалҳои барои ҷомеа хафвноки беморони рӯҳӣ (Замимаи №17 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001).

Бояд зикр кард, ки ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мазкур дар соли 2001 қабул гардида буданд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» соли 2002 қабул гардида буд, бинобар ин байни ин санадҳо ва Қонун як қатор ихтилофот ба мушоҳида мерасад. Бешубҳа, дар ин ҳолат Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» бартарият дорад, вале проблемаи асосӣ аз он иборат аст, ки ҳамаи муассисаҳои психиатрӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол санадҳои зерқонунии мазкурро истифода мебаранд, зеро санадҳои нав баъди мавриди амал қарор дода шудани қонун қабул карда нашуда буданд, ки ин боиси номутобиқатии зиёд байни қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонун гардида, дар навбати худ, метавонад ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ зиёни ҷиддӣ расонад.

Мутобиқи таҳқиқоти «Саломатии рӯҳӣ дар Тоҷикистон», дар ҷумҳурӣ сиёсати тасдиқгардидаи фарогир дар соҳаи саломатии рӯҳӣ вуҷуд надорад. Танҳо қонунҳо, қоидаҳо ва расмиёти ҷудогона вуҷуд доранд, ҳуқуқҳои беморони рӯҳӣ бошад дар як қатор ҳолатҳо на дар асоси қонунҳо, балки дар асоси расмиёти мавҷуда маҳдуд карда мешаванд.

## <u>Адами табъиз</u>

Ӯҳдадории ҳатмӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ӯҳдадорӣ дар мавриди ҳифз аз табъиз мебошад.

Кумитаи оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба таври возеҳ фаҳмонд, ки вуҷуд надоштани ҳифзи аъзои осебпазири ҷомеа аз табъиз бо нишонаи вазъи саломатӣ, хоҳ дар қонунгузорӣ ё дар амалия бо ягон далеле асоснок карда шуда наметавонад. Бинобар ин, ҳатто агар давраи норасоии шадиди захираҳо фаро расад, аъзои осебпазири ҷомеа бояд ҳифз шуда бо-

шанд, масалан, бо ёрии қабул намудани барномаҳои мақсадноки нисбатан камхароҷот. [1] Мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ба ҳеҷ гуна табъиз дар асоси бемории рӯҳӣ роҳ дода намешавад. «Табъиз» мафҳуми ҳама гуна фарқгузорӣ, хориҷкунӣ ё афзалиятгузориеро дорад, ки натиҷаи он бекор кардан ё мушкил сохтани истифодаи баробари ҳуқуқҳо мебошад. Чораҳи махсусе, ки танҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ё беҳбудсозии вазъияти шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ андешида мешаванд, табъиз ҳисобида намешаванд.

*Бояд таъкид намуд, ки аз нуқтаи назари стандартҳои байналмилалӣ, ҳуқуқ ба саломатӣ танҳо вазифаи барномавӣ барои ояндаи дарозмуддат намебошад.*

*Сарфи назар аз маҳдуд будани захираҳои мавҷуда, татбиқи баъзе ӯҳдадориҳо зуд натиҷа медиҳад: чунин ӯҳдадориҳо бо кафолати ҳуқуқ ба саломатӣ дар шароити роҳ надодан ба табъиз, бо таҳияи меъёрҳои мушаххаси қонунгузорӣ ва нақшаҳои амал ё бо дигар иқдомҳои мушобеҳ, ки ба татбиқи пурраи ҳуқуқи мазкур нигаронида шудаанд, мисли ҳолат бо ҳама гуна дигар ҳуқуқи инсон, алоқаманд мебошанд.* [1]

*Табъиз мафҳуми ҳама гуна ҷудокунӣ, хориҷкунӣ ё маҳдудкунӣ дар асоси сабабҳои мухталифро дорад, ки ба расонидани зиён ё рад кардани эътироф намудан, амалӣ ва татбиқ намудани ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ боис мешаванд ё мусоидат мекунанд. Табъиз маргинализатсияи гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ алоқаманд буда, дар заминаи нобаробарии бунёдие қарор дорад, ки дар сохтори ҷомеа ниҳон аст.* [2]

Табъиз метавонад дастрасӣ ба хизматрасониҳои заруриро дар соҳаи ҳифзи саломатии рӯҳӣ, инчунин ба дигар соҳаҳои ҳаётан муҳими фаъолият, аз ҷумла масъалаҳои шуғл, таҳсилот ва пешниҳоди манзил мушкил созад. Қодир набудан ба ҳамгироии муқаррарӣ дар ҷомеа боиси ҷудошавии бо ҳам бештари шахс мегардад, ки ин дар навбати худ, метавонад сабабгори шиддатёбии бемории рӯҳӣ гардад. Сиёсате, ки проблемаи аз ҷониби ҷомеа манфӣ қабул гардидани шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ шадид мегардонад ё ба инобат намегирад, метавонад боиси

1 Замечание Общего порядка № 14, пункт 18

шиддатёбии табъиз гардад. [1]

Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ махсус таъкид менамояд, ки ба давлатҳои аъзои ПБҲИИФ лозим аст, ки меъёрҳои ҳуқуқии зиддитабъизии фарогирро нисбати маъюбон бо мақсади рафъи оқибатҳои табъиз дар гузашта ва дар ҳозира, инчунин роҳ надодан ба табъиз дар оянда қабул намоянд. Чунин қонунгузорӣ бояд на танҳо маъюбонро бо воситаҳои судии ҳимоят ба қадри имкон ва зарурат таъмин намояд, балки ҳамчунин барномаҳоеро дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ пешбинӣ кунад, ки ба шахсони гирифтори шаклҳои мухталифи маъюбӣ имкон диҳанд зиндагии комил, озод ва мустақил дошта бошанд. [2]

Давлатҳо ӯҳдадор мешаванд ҳуқуқи истифодаи баробари ҳуқуқҳои иҷтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дар ПБҲИИФ пешбинигардидаро барои мардон ва занон таъмин намоянд. Бинобар ин, дар партави моддаи 3 ПБҲИИФ Кумита (КҲИИФ) давлатҳои аъзоро боисрор даъват менамояд, ки ба масъалаҳои марбут ба вазъи занони маъюб, ки бо ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ алоқаманданд, машғул шуда, инро бо он асоснок намоянд, ки ба шахсони гирифтори ин ё он шакли маъюбӣ ҳамчун ба мавҷудоти беҷинс менигаранд. Дар натиҷаи ин аксар вақт далеле, ки занони маъюб аз табъизи дуҷониба азият мекашанд, аз мадди назар дур мемонад. [3]

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.[4]

Вале дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар соҳаи саломатии рӯҳӣ мафҳум ва манъи бевоситаи табъизи

1 Справочник базовой информации по психическому здоровью, правам человека и законодательству «Откажитесь от изоляции - окажите помощь», Всемирная организация здравоохранения, 2005 год, стр.3

2 Замечание общего порядка № 5 к Международному Пакту об экономических, социальных и культурных правах: *(Одиннадцатая сессия, 1994 год),* пункт 16

3 Замечание общего порядка № 5 к Международному Пакту об экономических, социальных и культурных правах: *(Одиннадцатая сессия, 1994 год),* пункт 19

4 Статья 17 Конституции РТ

шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ вуҷуд надорад.

## Маҳдудкунии ҳуқуқҳо

Мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ба татбиқи ҳуқуқҳои шахсони аз ҷиҳати рӯҳӣ носолим мумкин аст танҳо чунин маҳдудиятҳое гузошта шаванд, ки онҳоро қонун пешбинӣ намудааст ва барои ҳифзи саломатӣ ва амнияти шахси манфиатдор ё дигар шахсон, ё ки барои ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ, тартибот, саломатӣ ё ахлоқ ё ҳуқуқу озодиҳои асосии дигар шахсон зарур мебошанд. [1]

Ҳуқуқҳои алоҳидаи инсон мутлақ мебошанд ва дар ҳеҷ гуна ҳолат маҳдуд карда намешаванд. Ба онҳо ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва ғуломӣ, ҳуқуқи озодии ақида, виҷдон ва дин мансубанд.

Дар қайду шартҳои маҳдудкунии аксари паймонҳои байналмилалии ҳуқуқӣ зарурати маҳдудкунии ҳуқуқи инсон дар ҳолатҳои муайян, аз ҷумла, дар соҳаи ҳифзи саломатии рӯҳӣ эътироф карда мешавад.

Принсипҳои Сиракузии[2] тафсири маҳдудиятҳо ва истисноҳо аз муқаррароти Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (Принсипҳои Сиракуза) критерияҳоеро муқаррар мекунанд, ки ҳангоми маҳдудсозии ҳуқуқи шахс онҳоро риоя кардан зарур аст. Муҳим аст, ки ҳама гуна маҳдудсозии ҳуқуқ ба ҳар яке аз шаш критерия мутобиқ бошад. Маҳдудсозӣ бояд дар доираи вақт маҳдуд карда шуда бошад, ва шахсе, ки нисбати ӯ маҳдудиятҳои мазкур татбиқ карда мешаванд, бояд ба мунтазам таҷдиди назар кардани онҳо ҳуқуқ дошта бошад.

- Маҳдудиятро қонун пешбинӣ намудааст.
- Дар ҷомеаи демократӣ зарур мебошад.
- Маҳдудият барои риояи тартиботи ҷамъиятӣ гузошта

1 Принципы защиты психически больных лиц и улучшения психиатрической помощи, Общее ограничительное положение

2 Сиракузские принципы толкования ограничений и отступлений от положений международного пакта о гражданских и политических правах

мешавад.
- Бо мақсади ҳифзи саломатӣ ва маънавиёти аҳолӣ.
- Ба манфиати амнияти ҷамъиятӣ.
- Ба манфиати амнияти миллӣ.
- Барои риояи ҳуқуқу озодиҳои дигар шахсон.

Мутобиқи қонунгузории миллиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи шахсони барои табобат ё тафтиш дар беморхонаи бемориҳои равонӣ буда дорои ҳуқуқҳои зайл мебошанд:
- истифода аз рухсатии табобатӣ;
- мукотиба дар шароите, ки сензураро истисно менамояд;
- пазироии аёдаткунандагон дар рӯзҳои қабул;
- гирифтани фиристода ва муросилот;
- доштан ва ба даст овардани маводи зарурати аввалия.

Ҳуқуқҳои мазкур метавонанд аз ҷониби духтури табобаткунанда ва мудири шӯъба танҳо ҳангоми зарурати фавқуллода ба манфиати саломатӣ ё бехатарии худи бемор ё шахсони дигар маҳдуд карда шаванд.[1]

Агар дар натиҷаи маъюбии дорои хислати ҷиддӣ шахси нуқсони ақлӣ дошта ҳамаи ҳуқуқҳои худро ба таври зарурӣ татбиқ карда натавонад ё зарурати маҳдудсозӣ ё бекор кардани баъзе аз чунин ҳуқуқҳо ба миён ояд, он гоҳ расмиёте, ки бо мақсади чунин маҳдудсозӣ ё бекоркунӣ истифода мегардад, бояд кафолатҳои зарурии ҳуқуқӣ аз ҳама гуна суиистифодаро пешбинӣ намояд. Ин расмиёт бояд ба арзёбии имкониятҳои ба ҷомеа муфиди шахси нуқсони ақлӣ дошта аз ҷониби мутахассисони варзида асос ёбад, инчунин мунтазам таҷдиди назар намудан ва ҳуқуқи ба мақомоти болоӣ шикоят пешниҳод карданро пешбинӣ намояд. [2]

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки шихсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, бархурдоранд. Ҳуқуқу озодиҳои беморони

1 Статья 33 Закона РТ «О психиатрической помощи»

2 Декларация о правах умственно отсталых лиц, принята резолюцией 2856 (XXVI) Генеральной Ассамблеи от 20 декабря 1971 года, пункт 7

рӯҳӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда мешаванд. [1]

Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки аз қарорҳо ва амалҳои муассисаҳои психиатрӣ ва шахсоне, ки ёрии равонпизишкӣ мерасонанд, ба мақомоти давлатии тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, инчунин вазорату идораҳое, ки муассисаҳои психиатрӣ ва психоневрологӣ доранд, инчунин ба прокуратура ва суд шикоят кардан мумкин аст. [2]

## Ғайри қобили амал донистани шахс

Агар шахс гирифтори бемории рӯҳии ҷиддӣ дошта бошад, ин худ аз худ боиси ғайри қобили амал будани ӯ намегардад ва метавонад ба қобилияти ӯ ба қабул кардани қарорҳо таъсир нарасонад.

Ҳама гуна қарор оид ба он, ки бо сабаби бемории рӯҳиаш шахс қобили амал намебошад, ва ҳама гуна қарор дар бораи он, ки дар натиҷаи чунин ғайри қобили амал будан бояд намояндаи шахсӣ таъин карда шавад, танҳо баъди баррасии одилона аз ҷониби мақомотии судии мустақил ва беғаразе, ки мутобиқи қонунгузории дохилӣ таъсис дода шудааст, қабул карда мешавад. Шахсе, ки қобилияти амали ӯ мӯҳтавои баррасӣ мебошад, ҳуқуқ дорад аз ҷониби адвокат намояндагӣ шавад. Агар шахсе, ки қобилияти амали ӯ мӯҳтавои баррасӣ мебошад, наметавонад мустақилона худро бо чунин намояндагӣ таъмин намояд, намоянда ба ин шахс бояд ройгон (бепул) пешниҳод карда шавад, агар шахси мазкур барои ин маблағи кофӣ надошта бошад. [3]

Мутобиқи қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қобилияти шаҳрванд барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи гражданӣ, барои худ муқаррар намудани ӯҳдадорӣ ва иҷро намудани он (мукаллафияти гражданӣ) дар

1 Моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»
2 Моддаи 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»
3 Пункт 6 Принципа 1 Принципов ООН Защиты психически больных лиц и улучшения психиатрической помощи

ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ, ба миён меояд. [1]

Мутобиқи қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандеро, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё камақлиаш аҳамияти амали худро дарк ё онро идора карда наметавонад, суд мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои мурофиаи граждани ғайри қобили амал эътироф карда метавонад ва ӯ таҳти васоят қарор дода мешавад. [2]

Яъне, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, расмиёти судии ғайри қобили амал эътироф кардани шахсро пешбинӣ менамояд.

Парванда оид ба ғайри қобили амал эътироф намудани шаҳрванд дар суд вобаста ба бемории рӯҳӣ дар асоси аризаи аъзои оилаи ӯ, хешу табори наздик (падару модар, фарзандон, бародарон, хоҳарон), сарфи назар аз он ки онҳо бо ҳам зиндагӣ мекунанд ё не, мақомоти васоят ва парасторӣ, беморхонаи бемориҳои равонпизишкӣ ё муассисаҳои равонию асабӣ ва прокурор оғоз карда мешавад. [3]

Чунин парвандаҳо бо тартиби мурофиаи махсус баррасӣ карда мешаванд.

Аризаро оид ба ғайри қобил амал эътироф намудани шаҳрванд суд бо иштироки аризадиҳанда, прокурор, намояндаи мақомоти васоят ва парасторӣ баррасӣ мекунад. Агар вазъи саломатии шаҳрванд оид ба ғайри қобили амал эътироф намуданаш имконият диҳад, ӯро ба маҷлиси судӣ даъват кардан мумкин аст.[4] Ҳамин тариқ, дар қонунгузории миллии Тоҷикистон талабот нисбати иштироки ҳатмии шахсе, ки масъалаи ғайри қобили амал эътироф кардани ӯ ҳал карда мешавад, вуҷуд надорад. Ҳамчунин дар қонун муқаррарот оид ба таъмин намудани шахси гирифтори бемории рӯҳӣ бо адвокати ройгон, агар чунин шахс барои пардохти хизмати адвокат маблағи кофӣ надошта бошад, ё дар бораи иштироки ҳатмии адвокат/намоянда дар суд

1 Статья 22 Гражданского Кодекса РТ
2 Ч. 1 статьи 30 Гражданского Кодекса РТ
3 Часть 1 статьи 286 Гражданского процессуального кодекса РТ
4 Ч.1 статьи 289 Гражданского процессуального кодекса РТ

дар сурати ҳузур надоштани худи шахси гирифтори бемории рӯҳӣ пешбинӣ нашудааст.

Агар асосҳое, ки бинобар онҳо шаҳрванд ғайри қобили амал дониста шуда буд, аз байн рафта бошанд, суд дар асоси аризаи васӣ, аъзои оилааш, мақомоти васоят ва парасторӣ, беморхонаи бемориҳои равонпизишкӣ ё муассисаҳои равонию асабӣ, прокурор тибқи хулосаи дахлдори экспертизаи судию равонпизишкӣ оид ба қобили амал эътироф намудани шаҳрванд ҳалнома қабул мекунад[1]. Дар ин маврид низ, дар байни шахсоне, ки барои додани ариза дар хусуси қобили амал эътироф кардани шахс ҳуқуқ доранд, адвокат/намояндаи шахси гирифтори бемории рӯҳ вуҷуд надорад.

## <u>Ҳуқуқ ба розигии огоҳона</u>
### *Дастрасӣ ба иттилоот*

Кормандони тиббӣ баъзан ба шахсони гирифтори маъюбӣ (аз ҷумла, нисбати шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ), ҳамчун ба объекти табобат, на ҳамчун ба одамоне, ки ҳуқуқҳои муайян доранд, муносибат мекунанд, ва на ҳамеша розигии озоду огоҳонаи онҳоро дар мавриди табобат мепурсанд. Чунин вазъият на танҳо шаъну шарафи инсониро паст мезанад, балки мутобиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон поймолкунии ҳуқуқи инсон низ ҳисобида мешавад, инчунин далели рафтори беадабона аз ҷониби кормандони тиббӣ мебошад. [2]

Шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ бояд дорои ҳуқуқи дар қонун муқарраргардидаи озодона гирифтани иттилооти пурраи дар таърихчаи бемории онҳо мавҷудбуда, ки муассисаҳои психиатрӣ ва мутахассисони соҳаи саломатии рӯҳӣ сабт менамоянд, бошанд. Ин ҳуқуқро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ба монанди Моддаи 19 ПБҲШС ва Принсипҳои ПБ ҳимоят мекунанд.

1. Шахс … ба иттилооти ба ӯ марбутбудаи дар таърихчаи

1 Ч. 1 статьи 291 Гражданского процессуального кодекса РТ
2 «Право на здоровье», изложение фактов № 31, Управление Верховного Комиссара по правам человека ООН, Всемирная организация здравоохранения, стр. 24

бемори̅ дарҷгардида, ки муассисаи психиатри̅ сабт менамояд, ҳуқуқи дастраси̅ дорад. Ин ҳуқуқ метавонад бо мақсади пешгирии зиёни ҷидди̅ ба саломатии бемор ва хавф ба бехатарии дигар шахсон маҳдуд карда шавад. Мутобиқи қонунгузории дохилии кишвар ҳама гуна чунин иттилоот, ки ба шахси бемор пешниҳод карда нашудааст, бояд, вақте ки инро маҳрамона анҷом додан имконпазир аст, ба намояндаи шахси̅ ва адвокати шахси бемор хабар дода шавад. Дар сурате ки ҳама гуна чунин иттилоот ба бемор хабар дода намешавад, бемор ё адвокати шахси бемор, агар он вуҷуд дошта бошад, дар бораи хабардор накардан аз чунин иттилоот ва сабабҳои он огоҳ карда мешавад, ва ин қарор метавонад бо тартиби суди̅ таҷдиди назар карда шавад.

2. Ҳама гуна мулоҳизоти хаттии бемор ё намояндаи шахсии ӯ, ё ки адвокати шахси бемор метавонанд бо хоҳиши онҳо ба таърихчаи бемории шахси бемор ворид карда шаванд. (Принсип 19(1) ва (2), Принсипҳои ПБ)[1].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишки̅» ба шахсони гирифтори бемориҳои равони̅ гирифтани иттилоот оид ба ҳуқуқҳои худ кафолатҳо дода мешавад ва як қатор ҳуқуқҳое, ки онҳо доранд, номбар карда мешаванд:

- муносибати боэҳтиромона ва башардӯстона, ки таҳқири шаъну эътибори инсонро истисно мекунад;
- додани розигии пешаки̅ ва даст кашидан дар ҳама зинаҳо аз истифодаи онҳо ба сифати объекти озмоиши маводҳо ва усулҳои тибби̅ ва тадқиқотҳои илми̅;
- маълумот дар бораи хусусияти бемории рӯҳи̅ ва усулҳои табобати он;
- истифодаи восита ва роҳу усулҳои табобат вобаста ба хулосаи ташхис, хислати ранҷурҳои рӯҳи̅ ва дастовардҳои илми тибби замонави̅, ки мақомоти тандурусти̅ иҷозат додааст;

1 Справочник базовой информации по психическому здоровью, правам человека и законодательству «Откажитесь от изоляции - окажите помощь», Всемирная организация здравоохранения, 2005 год, стр.32-33

- гузаронидани табобат дар шароити дармонгоҳӣ ва беморхонагӣ бо истифодаи усулҳои бошафқатона аз рӯи имкон дар махалли зисти бемор;
- имконияти даст кашидан аз муоина ва табобат, агар шахс ба қабули қарорҳои бошуурона қодир бошад;
- нигоҳ доштан дар муассисаи табобати беморхонагӣ танҳо ба мӯҳлате, ки барои муоина ва табобат зарур аст;
- расонидани ёрии табобатӣ ва иҷтимоӣ дар шароите, ки ба талаботи санитарию гигиенӣ мувофиқат карда, шаъну эътибори инсониро паст намекунад;
- табобати санаторию курортӣ тибқи нишондодҳои тиббӣ;
- ҳуқуқи даъвати ҳар кадом табиби бемориҳои равонӣ ҷиҳати иштирок дар кори комиссия вобаста ба масъалаҳое, ки ҳамин Қонун танзим мекунад;
- гирифтани ёрии иҷтимоӣ ва нафақа аз давлат;
- ҳуқуқи шахсан ё бо ҳамроҳии дигарон ба мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо мурофиат намудан;
- ёрии адвокат, намояндаи қонунӣ, инчунин шахси дигари ваколатдор тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар айни ҳол, Қонун талабот нисбати фаҳмонида додани ҳуқуқҳои зикргардида аз ҷониби маъмурияти муассисаи психиатрӣ вуҷуд надорад.

Ба шахсе, ки дар беморхона хобонида мешавад маъмурияти беморхонаи психиатрӣ, агар ҳолати рӯҳии ӯ имкон диҳад, бояд танҳо асосҳо ва мақсадҳои дар беморхонаи психиатрӣ хобонидани ӯ фаҳмонида дода шаванд. Дар муддати 24 соат хешовандон ё намояндагони қонунӣ бояд расман ва ба тариқи хаттӣ дар бораи дар беморхона хобонидани ӯ хабардор карда шаванд.

Ба шахси дар беморхона хобонидашуда, хешовандон ё намояндаи қонунии ӯ низ бояд тартиби шикоят пешниҳод кардан аз қарор дар хусуси дар беморхонаи психиатрӣ хобонидани шахс тавзеҳ дода шавад.

## Ғайриихтиёрӣ (маҷбурӣ) ба беморхона хобонидан

Маҷбурӣ дар беморхона хобонидан бояд истисно бошад ва танҳо дар ҳолатҳои фавқулодда ҷой дошта бошад. Дар қонунгузорӣ бояд чунин ҳолатҳои истисноӣ эзоҳ дода шаванд ва тартиботи расмӣ барои ба муолиҷаи маҷбурӣ равон кардан баён карда шаванд. Қонунгузорӣ бояд ба бемороне, ки ғайриихтиёрӣ дар беморхона хобонида шудаанд, ҳуқуқи аз қарори қабулгардида шикоят карданро диҳад

Ба ҳамаи шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ бояд имконияти муолиҷа кардан дар маҳалли истиқомати худ дода шавад, ба истиснои ҳолатҳои хеле камшумор, аз ҷумла, вақте ки чунин шахсон мумкин аст ба худ ё ба атрофиён зарар расонанд ё ҳангоме ки муолиҷа дар шароити беморхона таъин гардидааст. Агар бистарикунонӣ ё муоилаҷа ҳақиқатан зарур бошад, қонунгузорӣ бояд қабул намудани қарори дахлдорро ба таври ихтиёрӣ пешбинӣ намояд. Қонунҳо бояд имконпазирии бистарикунонии маҷбурӣ ва муолиҷаи маҷбуриро танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ иҷозат диҳанд. Агар бистарикунонии маҷбурӣ ҷой дошта бошад, бояд чораҳои зарурӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи беморон пешбинӣ карда шаванд.

Дар кишварҳое, ки дар онҳо имкониятҳои муолиҷа дар маҳалли истиқомат чандон зиёд нестанд ё умуман вуҷуд надоранд, саъю кӯшиш ва захираҳои зарурӣ бояд барои таъсисдиҳӣ ва таҳкимбахшии хадамоти дахлдор равона карда шаванд, то ки ба қадри имкон бархурдҳои алтернативӣ нисбати муолиҷа бар ивази бистарикунонӣ бештар дастрас гарданд[1].

Қонунгузорӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ дар кишварҳои

1 «Законодательство в области психического здоровья и права человека», Свод методических рекомендаций по вопросам политики и оказания услуг в области психического здоровья, Всемирная Организация Здравоохранения, 2006 г., с. 21

Европа, мутобиқи Конвенсияи Европа оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон бояд ба муқобили бистарикунонии маҷбурии шахсони гирифтори носолимии рӯҳӣ дар асоси се принсипи зерине, ки Суди Европа оид ба ҳуқуқи инсон тасвият кардааст, кафолат диҳад:

a) далели носолимии рӯҳӣ бояд дар натиҷаи ташхиси тиббии беғаразонаю холисона муқаррар карда шавад;

b) носолимии рӯҳӣ бояд дар чунин шакл ва дараҷае зоҳир гардад, ки барои маҷбуран дар муассисаи навъи пӯшида нигоҳ доштан асос бошад;

c) хислати устувори носолимии рӯҳӣ бояд тасдиқ карда шавад, то ки дар ин асос қабул намудани қарор дар бораи минбаъд дар муассисаи навъи пӯшида боқӣ мондани бемор мумкин бошад.

Ҳамин тариқ, барои муолиҷаи маҷбурӣ равон кардан дар сурати вуҷуд доштани шароити зерин имконпазир (мумкин) аст:

- нишонаҳои воқеии носолимии рӯҳии дараҷаи вазнинии муайяне вуҷуд доранд, ки ба стандартҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда мутобиқат мекунанд;
- эҳтимолияти расонидани зиён ба худ ё ба атрофиён ё бадшавии вазъи саломатии шахси бемор бинобар вуҷуд надоштани муолиҷа истисно карда нашудааст

Ғайр аз ин, дар қонун бояд муқаррароти марбут ба риояи ҳуқуқи фардҳое, ки озодии шахсиашон маҳдуд карда шудааст, вуҷуд дошта бошанд. Нисбати ҳамаи беморone, ки на бо розигии худ дар беморхона хобонида шудаанд, бояд ҳуқуқи махсус ба пешниҳод кардани шикоят дар робита бо бистарикунонии маҷбурӣ ба маъмурияти муассисаи тиббии дахлдор ва ба шӯро ё суд (Созмони Милали Муттаҳид, с. 1991) татбиқ карда шавад.

Дар моддаи 9(1) Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешбинӣ гардидааст, ки «ҳар як инсон ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Ҳеҷ кас наметавонад худсарона ба ҳабс гирифта шавад ё дар ҳабс нигоҳ дошта ша-

вад. Ҳеҷ кас набояд аз озодӣ, ғайр аз асосҳо ва мутобиқи расмиёте, ки тавассути қонун муқаррар карда шудаанд, маҳрум карда шавад». Ин муқаррарот дар чорчӯби проблемаи фиристодан ба муассисаи дорои низоми махсус бо тартиби ғайриҷиноӣ аҳамияти фавқулодда муҳим дорад, зеро дар он пешбинӣ шудааст, ки дар муассисаҳои психиатрӣ ҷойгир кардани шахсоне, ки аз чунин бемориҳо ранҷ мекашанд, бояд мутобиқи меъёрҳои моддию ҳуқуқӣ ва кафолатҳои мурофиавии муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ сурат гирад. Дар мулоҳизоти умумии №8 (1982) оид ба ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ Кумитаи оид ба ҳуқуқи инсон зикр намуд (банди 1), ки ҳимояти мутобиқи моддаи 9(1) пешбинигардида дар ҳама ҳолатҳои маҳрум кардан аз озодӣ, дар ҳолатҳои парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар дигар ҳолатҳо, ба монанди, масалан, бемории рӯҳӣ татбиқ карда мешавад».[1]

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷой додани шахс дар беморхонаи бемориҳои равонӣ ихтиёран анҷом дода мешавад. Шарти ҳатмӣ дар ин ҳолат розигии худи бемор ба бистарикунонӣ мебошад.[2]

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», шахсе, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ғайри қобили амал эътироф шудааст, дар беморхонаи бемориҳои равонӣ бо хоҳиш ё розигии намояндаи қонунии ӯ ҷой дода мешавад. Ба сифати намояндагони қонунӣ қонун[3] волидон, фарзандон, фарзандхондагон, васиён ё парасторонро номбар мекунад. Номгӯйи мазкур пурра мебошад ва мавриди тафсири васеътар қарор дода намешавад. Ба ибораи дигар, дигар хешовандони шахсе, ки ба беморхонаи психиатрӣ хобонида мешавад, ғайр аз шахсони дар боло зикргардида, ҳақ надоранд дар мавриди ба беморхонаи психиатрӣ хобонидани шахс хоҳиш кунанд ё

1 «Результаты усилий по обеспечению полного признания и осуществления прав человека инвалидов», доклад Генерального секретаря ООН, 58-ая сессия, 24 июля 2003 г., стр. 10

2 Моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», банди 27 Низомномаи беморхонаи психиатрӣ (Замимаи № 1 ба фармони Вазорати тандурустии ҶТ № 54 аз 09.02.с.2001)

3 Моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»

розигӣ диҳанд.

Ғайр аз ин, Қонун ба сифати асос барои ҷойгир кардани шахс ба беморхонаи психиатрӣ бе розигии ӯ, ғайри қобили амал будани чунин шархсро, ки суд муқаррар намудааст, пешбинӣ менамояд (ба истиснои ҳолатҳое, ки шахс гирифтори бемории возеҳи рӯҳӣ гардида, қобилияти қарори бошуурона қабул карданро аз даст додааст ва бинобар ҳолати рӯҳӣ барои худ ва атрофиён хавфнок аст). Дар айни ҳол, Низономаи беморхонаи психиатрӣ масъалаҳои дар беморхонаи психиатрӣ бо тарзи дигар ҷойгир кардани шахсро танзим менамояд:

«Ҷойгиронӣ дар беморхонаи психиатрӣ танҳо аз ҷониби духтури психиатр (равоншинос) сурат мегирад. Агар шахсе, ки ба беморхона хобонида мешавад, ба синни 16-солагӣ нарасида бошад, ё ӯ бинобар вазъияти рӯҳии худ ба изҳори озодонаи иродаи (хоҳиши) худ қодир набошад, розигӣ барои бистарикунонии ӯ бояд аз хешовандон ё намояндагони қонунӣ, дар сурати вуҷуд надоштани онҳо бошад – аз сарпсихиатри мақомоти тандурустии минтақавӣ гирифта шавад» [1]. Яъне, дар Низомнома талаботи ҳатмӣ оид ба ғайри қобили амал будани шахсе, ки бе розигии ӯ дар беморхонаи психиатрӣ ҷойгир карда мешавад, вуҷуд надорад. Ғайр аз ин, мутобиқи Низомномаи мазкур, розигӣ метавонанд на танҳо аз намояндагони қонунӣ, балки инчунин аз дигар «хешовандони» шахс, ки номгӯи онҳо оварда намешавад, гирифта шавад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», маҷбурӣ ҷойгир кардан дар беморхонаи психиатрӣ дар ҳолатҳое анҷом дода мешавад, ки шахс гирифтори бемории возеҳи рӯҳӣ буда, қобилияти қарори бошуурона қабул карданро аз даст додааст ва бинобар ҳолати рӯҳӣ барои худ ва атрофиен хавфнок аст.

Ҳамчунин шахсе, ки бо табобат ва ёрии тиббии рӯҳӣ фаро нагирифтани он боиси хатар ба саломатии ӯ ва расонидани зарари ҷиддии маънавӣ ва моддӣ ба атрофиён мегардад, метавонад

1 Моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», банди 27 Низомномаи беморхонаи психиатрӣ (Замимаи № 1 ба фармони Вазорати тандурустии ҶТ № 54 аз 09.02.с.2001)

ба беморхона хобонида шавад. Дар чунин ҳолатҳо шахс метавонад бо қарори табиби бемориҳои равонӣ бе розигии бемор ва намояндаи қонунии вай дар беморхонаи бемориҳои равонӣ хобонида шавад.[1]

Дар айни ҳол, ғайриқонунӣ дар шифохонаҳои бемориҳои рӯҳӣ ҷойгир намудани шахсе, ки мӯҳтоҷи чунин шакли муолиҷа намебошад ё ғайриқонунӣ нигоҳ доштани ӯ дар ин шифохона, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз як то панҷ сол ҷазо дода мешавад. Агар шахс бо ғарази шахсӣ, ё бо истифодаи мақоми хизматӣ дар беморхонаи психиатрӣ ҷойгир карда шуда бошад; аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст ё боиси дигар оқибатҳои вазнин гашта бошад, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол ва маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.[2]

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», шахсоне, ки маҷбурӣ дар беморхона ҷойгир карда шудаанд, дар давоми 72 соат аз ҷониби комиссияи равонпизишкӣ бояд ҳатман мавриди азназаргузаронӣ қарор дода шаванд. Комиссия бояд дар бораи асоснокии дар беморхона хобонидан ё дар хусуси мавҷуд набудани асосҳои кофӣ барои ин амал қарор қабул намояд. Агар дар беморхона бе розигӣ хобонидан беасос дониста шавад ва шахси бистаригардида хоҳиши дар беморхона монданро надошта бошад, ӯ фавран бояд ҷавоб дода шавад. Агар дар беморхона бе розигӣ хобонидан асоснок дониста шавад, хулосаи комиссияи равонпизишкӣ дар бораи ҳалли масъалаи минбаъд нигоҳ доштани шахс дар муассисаи бемориҳои равонӣ дар давоми 24 соат ба суди маҳалли ҷойгиршудаи он фиристода мешавад.[3] Яъне, бо дарназардошти муқаррароти Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», шахс метавонад то ба суд фиристодани ариза дар хусуси берозигӣ дар беморхона хобонидани ӯ дар муддати 4 шабонарӯз дар беморхонаи психиатрӣ нигоҳ дошта шавад. Дар айни ҳол, мутобиқи

1 Моддаи 28 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»

2 Моддаи 133 КҶ ҶТ

3 Моддаҳои 30, 31 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»

Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ариза дар бораи бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар мӯҳлати чилу ҳашт соат аз лаҳзаи ҷойгиркунонии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ пешниҳод карда мешавад.[1] Яъне, ихтилофоти аён байни қонун ва кодекс, ки 2 шабонарӯзро ташкил медиҳад, дида мешавад, ки барои шахси маҷбурӣ дар беморхонаи психиатрӣ ҷогиркардашуда мӯҳлати зиёд аст. Азбаски кормандони муассисаи психиатрӣ, яқинан, дар фаъолияти худ на муқаррароти Кодекси мурофиавии гражданӣ, балки Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»-ро дастури амал қарор медиҳанд, шахс ғайриқонунӣ, зиёда аз мӯҳлати муқаррарнамудаи КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад то аз ҷониби суд ҳал гардидани масъалаи бистарикунонии маҷбурии ӯ дар муассисаи психиатрӣ нигоҳ дошта шавад. Фарқияти (ихтилофоти) аз ин ҳам бештар бо қонунгузорӣ дар Дастурамали тартиби бистарикунонии беморони рӯҳӣ бе розигии он ва розигии хешовандон (Замимаи №7 ба фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №54 аз 09.02.с.2001) вуҷуд дорад, ки тибқи он шахсоне, ки ба тариқи маҷбурӣ дар муассисаи психиатрӣ ҷойгир карда шудаанд, бояд дар мӯҳлати 48 соат, ба истиснои рӯзҳои истироҳати умумӣ ва ид, муоина карда шаванд. Нусхаи қарори комиссияи духтурони психиатр (равоншинос) дар муддати 24 соат ба мақомоти тандурустӣ аз рӯи тобеият барои назорат фиристода мешавад. Ҳамин тариқ, дар робита ба мӯҳлатҳои муоина, агар шахс дар арафаи рӯзҳои истироҳат, ки баъди онҳо ид фаро мерасад, дар муассисаи психиатрӣ ҷойгир карда шуда бошад, муоинаи ӯ метавонад ба муддати то як ҳафта ва аз ин бештар тӯл кашад. Дар мавриди талабот оид ба муроҷиат ба суд, ки қарори ниҳоӣ дар хусуси бистарикунонии маҷбурии ӯ дар доираи салоҳияти он қарор дорад, дар Дастурамали умуман чунин талабот вуҷуд надорад. Ва танҳо баъди гузаштани 6 моҳ, мутобиқи Дастурамали мазкур, хулоса оид ба зарурати муолиҷаи минбаъда дар муассисаи психиатрӣ ба суд ирсол карда мешавад, ки он масъалаи дар беморхона нигоҳ доштани шахсро ҳал мекунад.

1 Моддаи 308 КМГ ҶТ

Дар Дастурамал банде вуҷуд дорад, ки тибқи он шахси мабурӣ дар беморхона хобонидашуда метавонад ихтиёран бистарикунонидашуда холиста шавад, агар дар ҷараёни муоиҷа барои минбаъд дар беморхона мондан розигии огоҳонаи хаттӣ баён намояд. Банди мазкур ба шахсони мансабдори муассисаи психиатрӣ барои суиистифода бо мақсади таҳриф намудани омор ба ҷониби камтар нишон додани шумораи ҳолатҳои бистарикунонии маҷбурӣ имкониятҳои васеъ пешниҳод мекунад.

Ҳамин тариқ, Дастурамали мазкур ба қонунгузории нав қабулгардида дар соҳаи бистарикунонии маҷбурии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ пурра мутобиқат намекунад. Ҷиҳати пешгирӣ намудани поймолкунии оммавии ҳуқуқи шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ қабул кардани Дастурамали наве, ки ба қонунгузорӣ мутобиқат мекунад, зарур мебошад.

Ғайр аз ин, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», суд бояд дар давоми на камтар аз се рӯз оид ба дар беморхонаи бемориҳои равонӣ минбаъд нигоҳдоштан ва ё ҷавоб додани шахс қарор қабул намояд. Дар ин маврид низ, мӯҳлатҳои дар КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида аз ин мӯҳлат фарқ мекунанд. Масалан, мутобиқи КМГ, аризаро дар бораи бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ ё тамдиди мӯҳлати бистарикунонии маҷбурии шаҳрванди мубталои бемории рӯҳӣ судя дар мӯҳлати панҷ рӯз аз оғози парванда баррасӣ менамояд.[1]

Дар сурати ғайри имкон будани иштироки шахс вобаста ба ҳолати рӯҳиаш дар баррасии ариза прокурор, намояндаи муассисаи бемориҳои равонӣ ва намояндаи қонунии шахсе, ки нисбати вай масъала ҳал карда мешавад, ҳатман бояд иштирок намоянд. Дар айни ҳол, дар қонунгузорӣ талабот нисбати иштироки ҳатмии адвокат/намояндаи чунин шахс ҳангоми баррасии ариза вуҷуд надорад.

Масъалаи шикоят пешниҳод кардан аз қарори суд низ дар Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» ва КМГ фарқияти зиёд дорад. Масалан, тибқи Қонун, аз болои қарори суд дар давоми

1 Қ. 1 моддаи 309 КМГ ҶТ

даҳ рӯз шахси дар беморхонаи бемориҳои равонӣ хобонидашуда, намояндаи қонунии вай, роҳбари муассисаи бемориҳои равонӣ ва ё прокурор тибқи тартиби муқарраркардаи Кодекси мурофиавии гражданӣ, метавонанд шикоят намоянд.[1]

Мутобиқи КМГ, шикоят ва эътирози кассатсионӣ мумкин аст дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи супоридани ҳалномаи асоснок ба тарафҳо пешниҳод карда шавад.[2]

Азбаски байни ду санади меъёрии ҳуқуқӣ – Қонун ва Кодекс ихтилофот ба мушоҳида мерасанд, зикр кардан зарур аст, ки ба санади меъёрии ҳуқуқии пештар қабулгардида бояд бинобар қабул шудани санади нави меъёрии ҳуқуқӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд, агар он қисман ба меъёрҳои ба санади меъёрии ҳуқуқии нав воридгардида мухолифат кунад. Матни чунин тағйиру иловаҳо дар шакли таҳрири нави моддаҳои (қисмҳои, бандҳои) дахлдор ва қисмҳои таркибии онҳо, ҳамчунин ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба ин моддаҳо (қисмҳо, бандҳо) ва қисмҳои таркибии онҳо ифода карда мешавад.[3]

Дар мавриди қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ёрии равонпизишкӣ бошад, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор дода шуд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» бошад, хеле пештар – моҳи июни соли 2002 қабул гардида буд. Вале, баъди қабули КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» сари вақт тағйирот ворид карда нашуданд, бинобар ин, дар амалия мумкин аст поймолкунии оммавии ҳуқуқи шахсоне, ки маҷбурӣ дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида мешаванд, аз ҷониби роҳбарияти муассисаи психиатрӣ содир карда шавад. Ҳамин тариқ, ба Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» ворид намудани тағйиру иловаҳо бо мақсади мутобиқ гардонидани он бо Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

Минбаъд азназаргузаронии комиссиявӣ ҳар моҳ дар

1 Моддаи 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»
2 Моддаи 327 КМГ ҶТ
3 Қ. 2 моддаи 51 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

ҷараёни ним сол бо мақсади муайян кардани зарурати давом додани табобат дар беморхона гузаронида мешавад.

Пас аз шаш моҳи дар беморхона ҷой додани шахси бемор, хулосаи комиссия дар бораи зарурияти табобати минбаъда дар беморхона бе розигии вай аз ҷониби роҳбари беморхона ба суд, ки бо таъиноти худ метавонад табобати беморхонавиро дароз намояд, фиристода мешавад. Минбаъд дароз намудани мӯҳлати табобати беморхонавӣ ҳар 6 моҳ аз ҷониби суд амали карда мешавад. Тартиби мазкур инчунин нисбат ба шахсоне, ки бо таъиноти суд маҷбуран табобат меёбад, татбиқ мегардад. [1]

***Азназаргузаронии (муоинаи) маҷбурӣ***

Мутобиқи Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» азназаргузаронии аввалияи тиббии рӯҳӣ аз ҷониби табиби бемориҳои равонӣ муоина намудани шахсе мебошад, ки қаблан ёрии тиббии рӯҳӣ нагирифтааст ё аз назорати доимӣ озод карда шудааст. Азназаргузаронии аввалияи тиббии рӯҳӣ барои муайян кардани мавҷудияти бемории рӯҳӣ ва зарурати расонидани ёрии тиббии рӯҳӣ гузаронида мешавад.[2]

Мутобиқи КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои муоинаи маҷбурии равонпизишкии шахс ба суд муроҷиат кардан зарур аст. Аризаи духтури равонпизишк дар бораи муоинаи маҷбурии равонпизишкии шаҳрванд ба суди маҳалли истиқомати шаҳрванд пешниҳод карда мешавад. Ба ариза хулосаи асосноки духтури равонпизишк оид ба зарурати чунин муоина ва дигар маводи мавҷуда замима мегардад. Дар мӯҳлати се рӯзи додани ариза судя аризаро ҷиҳати муоинаи маҷбурии равонпизишкии шаҳрванд баррасӣ намуда, дар бораи муоинаи маҷбурии равонпизишкии шаҳрванд ё радди муоинаи маҷбурии равонпизишкии шаҳрванд ҳалнома қабул мекунад.[3]

Мутобиқи Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», дар ин ҳолатҳо қарор дар бораи азназаргузаронии тиббии рӯҳии шахс

1 Моддаҳои 30-31 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»
2 Моддаи 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»
3 Моддаи 311 КМГ ҶТ

аз ҷониби комиссияи равонпизишкӣ ё суд қабул карда мешавад.

Мутобиқи Дастурамали тартиби муоинаи аввалияи равонпизишкии шаҳрвандон чунин муоина бо хоҳиш ё розигии шахс гузаронида мешавад, нисбати ноболиғӣ синни то 15-сола бошад – бо хоҳиш ё розигии намояндаи қонунии ӯ (банди 4). Дар банди 12 Дастурамал синни кӯдаки ноболиғ – то 16-сола нишон дода шудааст. Яъне, дар 2 банди Дастурамал дар мавриди синни кӯдаки муоинашаванда иттилооти мухолиф зикр шудааст.

Муоинаи равонпизишкии аввалия метавонад бе розигии шаҳрванд ё намояндаи қонунии ӯ танҳо дар ҳолатҳое гузаронида шавад, ки асосҳое вуҷуд доранд тахмин карда шавад, ки ӯ гирифтори носолимии рӯҳии ошкор мебошад, ки боиси хатар ба худи ӯ ва атрофиён мегардад, инчунин мумкин аст боиси расониданиа зиёни зиёд ба саломатии ӯ гардад ё метавонад ба ӯ зарари ҷидди моддӣ ва маънавӣ расонад, агар шахс бе муолиҷа ва ёрии равонпизишкӣ гузошта шавад (банди 13).

Қарор дар бораи муоинаи аввалияи равонпизишкии шахс аз ҷониби духтури равоншиноси муассисаи табобатию профилактикӣ (шӯъба, кабинет), ки ёрии равонпизишкӣ мерасонад, қабул карда мешавад (банди 14).

Дар банди 16 Дастурамали мазкур гуфта мешавад, ки қарор дар бораи муоинаи аввалияи маҷбурии равонпизишкии шахс аз ҷониби комиссияи духтурони равонпизишк дар асоси аризаи хаттии хешовандон, ҳамсоягон, дутури шабакаи умумитиббӣ, дигар шаҳрвандон ва шахсони мансабдор қабул карда мешавад. Дар ҳолатҳои таъҷилӣ ариза метавонад шифоҳӣ бошад.

Бори дигар мухолифати 2 банди Дастурамал ба ҳамдигар аён аст. Дар як банд зикр шудааст, ки қарор дар бораи муоинаи аввалияи маҷбурии равонпизишкии шахс аз ҷониби духтури равоншинос шахсан қабул карда мешавад, дар банди дигар – аз ҷониби комиссияи духтурони равонпизишк дар асоси аризаи хаттӣ. Ғайр аз ин, на дар Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», на дар Дастурамал талабот оид ба муроҷиати духтури бемориҳои рӯҳӣ ба суд бо мақсади гузаронидани муоинаи маҷбурии шахс вуҷуд надорад.

## *Муолиҷаи маҷбурӣ*

Ҳар як шахси бемор ба табобат дар шароите, ки маҳдудиятҳои камтаринро пешбинӣ менамояд, ва бо ёрии усулҳои камтар маҳдудкунанда ва инвазивии мутобиқ ба зарурати таъмини саломатӣ ва ҳифзи бехатарии ҷисмонии ӯ ва дигар шахсон ҳақ дорад.[1]

Дар гузашта дар бисёр кишварҳои Европа муолиҷаи маҷбурии маъмулии одамони мубталои иллатҳои рӯҳӣ бо маҳрум кардани онҳо аз озодӣ алоқаманд буд. Агар шахс дар муассисаи психиатрӣ ҷойгир карда шуда бошад, ба ӯ ёрии тиббӣ хилофи иродаи ӯ расонида мешуд.[2]

Дар ҳолатҳои истисноӣ қонунгузорӣ метавонад гузаронидани муолиҷаро бе розигии огоҳонаи шахс иҷозат диҳад. Аз ҷумла, чунин ҳолат метавонад дар сурати бемории ҷиддии рӯҳии шахсе, ки мутобиқи қонун ғайри қобили амал дониста шудааст, ҷой дошта бошад, зимнан муолиҷаи пешниҳодшаванда, эҳтимол, имкон диҳад дараҷаи шиддати чунин беморӣ паст карда шавад.

Кумитаи оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ (ЕКПП) мавқеи зеринро қабул намуд: Бисёр муҳим аст, ки беморон ба изҳори розигии озодона ва огоҳона нисбати табобати ба онҳо таъиншаванда ҳуқуқ дошта бошанд. Маҷбурӣ ҷойгир кардани шахс дар муассисаи психиатрӣ набояд ҳамчун иҷозат ба гузаронидани муолиҷа бе розигии маънидод карда шавад. Аз ин бармеояд, ки ба ҳар бемори салоҳиятнок, ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ, бояд имконияти даст кашидан аз муолиҷа ё ягон дахолати дигари тиббӣ дода шавад. Ҳама гуна истисноҳо аз ин принсипи бунёдӣ бояд асоси қонунӣ дошта бошанд ва танҳо дар ҳолатҳои равшану возеҳ муайяншуда татбиқ карда шаванд.

---

1 Принципы защиты психически больных лиц и улучшения психиатрической помощи, Принцип 9

2 Учебные материалы для юристов и общественных организаций по Европейской Конвенции о защите прав человека и основных свобод и правам лиц, страдающих психическими расстройствами и/или расстройствами развития, Центр защиты интересов лиц, страдающих психическими расстройствами (MDAC), 2003

[Стандартҳои ЕКПП, 2002, CPT/inf/E (2002) 1, пар 41]. [1]

Қонунгузорӣ бояд иштирок дар таҳқиқоти илмии клиникӣ ё озмоиширо бе розигии огоҳона, ки бояд аз ҳама беморон сарфи назар аз он, ки онҳо ихтиёран ё маҷбурӣ ба беморхона ворид шудаанд, гирифта шавад, манъ намояд.

Маркази ҳифзи манфиатҳои шахсоне, ки аз бемориҳои рӯҳӣ азият мекашанд (Mental Disability Advocacy Center (MDAC)[2] ба ҷонибдории ҳимояти он баромад мекунанд, ки ҳуқуқи қабул кардани қарор оид ба муолиҷа аз қобили амал будани шахс вобастагӣ дорад, на аз ташхис ё бистарикунонӣ.

«Масалан, баъдид боздид аз ҷойҳое, ки дар он ҷо одамони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ бо қарори мақомот ҷойгир карда шудаанд, Кумитаи зидди шиканҷа изҳор намуд, ки: «Усулан, беморон бояд дар чунин шароите қарор дошта бошанд, ки барои муолиҷа розигии ба иттиллот асосёфта диҳанд. Ҷойгир кардани шахс дар муассисаи психиатрӣ ба тариқи маҷбурӣ набояд ҳамчун муолиҷа бе розигии ӯ арзёбӣ карда шавад. Аз ин бармеояд, ки ҳар як бемори босалоҳият, истиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ, бояд имконият дошта бошад муолиҷа ё ҳама гуна дигар дахолати тиббиро рад кунад. Ҳама гуна истисноҳо аз ин принсипи бунёдӣ бояд асоси қонунӣ дошта бошанд ва танҳо дар ҳолатҳои равшану возеҳ истисноӣ муайяншуда татбиқ карда шаванд. [3]

*«Яке аз проблемаҳо, ҳангоме ки беморони ба розигӣ додан қодирнабударо «ихтиёрӣ» дар беморхонаи психиатрӣ мехобонанд, аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки онҳо ба муқобили чунин бистарикунонӣ эътироф намекунанд. Мисоли чунин ҳолат беморе буда метавонад, ки ӯро «ихтиёрӣ» бистарӣ кунонидаанд, вале ӯ нисбати худи далел ва мақсади бистарикунонӣ ҳеҷ гуна дар-*

1 Учебные материалы для юристов и общественных организаций по Европейской Конвенции о защите прав человека и основных свобод и правам лиц, страдающих психическими расстройствами и/или расстройствами развития, Центр защиты интересов лиц, страдающих психическими расстройствами (MDAC), 2003, стр. 14, 15

2 Общественная организация, которая действует преимущественно в центральной и восточной Европе, Центральной Азии, России и Монголиии содействует защите прав лиц, страдающих психическими расстройствами и/или расстройствами развития.

3 Доступ инвалидов к социальным правам в Европе, автор Марк Модине, принято на 26-й сессии Комитета по реабилитации и интеграции инвалидов (CD-P-RR) (Страсбург, 7-10 октября 2003 года)

*ку фаҳмиш надорад. Ба гурӯҳи дигари бемороне, ки метавонанд таҳти хавфи бистарикунонии ба иборае «ихтиёрӣ» қарор гиранд, шахсони гирифтори нуқсони ақлӣ мансубанд. Категорияҳои боқимондаи беморон метавонанд ба муолиҷа ё бистарикунонии маҷбурӣ «розигӣ» диҳанд, ва дар айни ҳол ҳеҷ гуна эътироз баён накунанд, танҳо барои он, ки онҳоро тарсонидаанд, ё барои он, ки онҳо ҳуқуқи худ ба даст кашидан аз бистарикунонӣ хабардор нестанд. Дар чунин ҳолатҳо вуҷуд надоштани эътироз аз ҷониби онҳо набояд ҳамчун розигӣ маънидод карда шавад, зеро розигӣ бояд ихтиёрӣ ва огоҳона бошад».* [1]

Мутобиқи қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, табобати шахси гирифтори бемории рӯҳӣ баъд аз ба тарзи хаттӣ гирифтани розигии ӯ ва ё намояндаи қонунии ӯ, ки он ҳамроҳи ҳуҷҷатҳои тиббӣ нигоҳ дошта мешавад, гузаронида мешавад. [2]

Табиб вазифадор аст, ки ба шахси гирифтори бемории рӯҳӣ ё намояндаи қонунии ӯ дар бораи хусусияти бемории рӯҳии вай, мақсад ва усулҳои табобат, аз ҷумла алтернативӣ ва давомнокии табобати тавсияшаванда, хавфи имконпазир, таъсири иловагии номатлуб ва натиҷаҳои дар назар дошташудаи табобат, маълумот пешниҳод намояд.

Табобат мумкин аст бе розигии шахси гирифтори бемории рӯҳӣ ё намояндаи қонунии ӯ танҳо ҳангоми истифодаи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ бо қарори суд, инчунин дар ҳолате ки шахси гирифтори бемории возеҳи рӯҳӣ қобилияти қарори бошуурона қабул карданро аз даст додааст ва бинобар ҳолати рӯҳӣ барои худ ва атрофиен хавфнок аст, гузаронида шавад.

Шахси гирифтори бемории рӯҳӣ ё намояндаи қонунии ӯ ҳуқуқ доранд аз табобати пешниҳодшаванда даст кашанд, ё ба истисноӣ ҳолатҳои дар боло зикргардида, онро қатъ намоянд.

Ба шахсе, ки табобатро рад кардааст ё ба намояндаи қонунии ӯ бояд оқибатҳои имконпазири даст кашидан ё катъ

---

1 Справочник базовой информации по психическому здоровью, правам человека и законодательству «Откажитесь от изоляции - окажите помощь», Всемирная организация здравоохранения, 2005 год.
2 Моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»

кардани табобат фаҳмонда дода шавад. Даст кашидан аз табобат барои аз беморхона ҷавоб додан асос шуда метавонад.

Даст кашидан аз табобат бо тарзи хаттӣ, бо имзои шахси гирифтори бемории рӯҳӣ ё намояндаи қонунии вай, табиби бемориҳои равонӣ, бо зикри маълумоти мухтасар дар бораи оқибатҳои имконпазирӣ даст кашидан аз табобат, ба расмият даровaрда мешавад.[1]

Дар айни ҳол, Қонун «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» анҷомдиҳии амалияти ҷарроҳӣ, гузаронидани хун ва чузъҳои он, усулҳои мураккаби ташхиси беморони рӯҳиро бо розигии волидайн, васӣ, парасторон ва хешовандони наздики онҳо иҷозат медиҳад.[2] Ҳамин тариқ, муқаррароти мазкури Қонун «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» кӯҳна шудааст ва бо Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» мутобиқат намекунад.

Муолиҷаи маҷбурии шахсони гирифтори бемории рӯҳие, ки амалҳои барои ҷомеа хатарнок содир кардаанд, бо қарори суд анҷом дода мешавад.

## Озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона

### *Стандартҳои байналмилалӣ:*

Моддаи 7 ПБҲШС ҳифз аз шиканҷа, муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро кафолат медиҳад; он нисбати муассисаҳои тиббӣ ва, хусусан, нисбати клиникаҳои психиатрӣ қобили татбиқ аст. Мулоҳизаи умумӣ нисбати Моддаи 7 аз давлатҳои аъзо тақозо менамояд, ки «дар бораи нигоҳдории маҷбурӣ дар беморхонаҳои психиатрӣ, чораҳо оид ба пешгирии таҳқир, расмиёти пешниҳод кардани аризаҳои шикоятӣ аз ҷониби шахсоне, ки ба беморхонаҳои психиатрӣ ворид шудаанд ва арзу шикоятҳои дар давраи омодасозии ҳисобот ба қайд гирифта шудаанд, иттилоот пешниҳод намоянд».

Боз як ҳуҷҷати байналмилалии хеле муҳим дар соҳаи

1 Моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»
2 Моддаи 54 Қонун «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ»

озодӣ аз шиканҷа Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф мебошад (с. 1984), ки ба дарҷаи баробар нисбати шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ низ қобили татбиқ аст.

**Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон Моддаи 15**

***Озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф***

1. Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор дода шавад. Аз ҷумла, ягон шахс набояд бе розигии озодонаи ӯ таҳти озмоишҳои тиббӣ ё илмӣ қарор дода шавад.

2. Давлатҳои аъзо тамоми тадбирҳои муассири қонунгузорӣ, маъмурӣ, судӣ ё дигар чораҳоро барои он меандешанд, ки маъюбон дар барои дигарон таҳти шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор дода нашаванд.

Азбаски ҳам Конвенсияи зидди шиканҷа ва ҳам Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, бар хилофи Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон, аз ҷониби Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудаанд, иҷром муқаррароти онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

Муқаррароти мушобеҳ ҳамчунин дар Принсипҳои Созмони Милали Муттаҳид Ҳифзи шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ зикр шудаанд: «Нисбати ҳамаи шахсоне, ки аз бемориҳои рӯҳӣ азият мекашанд ё чунин ҳисобида мешаванд, бояд инсондӯстона ва эҳтиромона ба шаъну шарафи ҷудонопазири шахсияти инсонии онҳо муносибат кард. Ҳамаи шахсоне, ки аз бемориҳои рӯҳӣ азият мекашанд ё чунин ҳисобида мешаванд, ба ҳимоят аз истисмори иқтисодӣ, ҷинсӣ (шаҳвонӣ) ва дигар шаклҳои истисмор, суиистифодаи ҷисмонӣ ё дорои дигар хислат ва муносибати

таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳақ доранд.

Шахси дорои нуқсони ақлӣ ба ҳимоят аз истисмор, суиистифода ва муносибати таҳқиркунанда ҳақ дорад.[1]

Дастрасӣ ба муассисаи психиатрӣ бояд ҳамон тавре, ки дастрасӣ ба ҳама гуна дигар муассисаи табобатӣ ҳангоми ҳама гуна дигар беморӣ танзим карда мешавад, ба танзим даровარда шавад.[2]

***Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон:***

Дар моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъи шиканҷа ва муносибати бераҳмона зикр шудааст:

| |
|---|
| *Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст..* |

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ёрии равонпизишкӣ муносибати эҳтиромона ва инсондӯстона нисбати шахсони мубталои бемориҳои рӯҳиро, ки таҳқири шаъну шарафи инсониро истисно мекунад, кафолат медиҳад. Дар айни ҳол, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» кафолатҳо барои шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ ба озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона вуҷуд надоранд. Манъи истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ дар сатҳи қонунгузорӣ дар ӯҳдадориҳои кормандони муассисаҳои психиатрӣ низ вуҷуд надорад. Ҳамчунин ҳуқуқи мазкур дар номгӯи ҳуқуқҳои шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ зикр нашудааст.

Моҳи марти соли 2012 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи «Шиканҷа» ворид карда шуд. Сарфи назар аз чунин иқдоми мусбӣ, ки ба мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ дар соҳаи шиканҷа бо стандартҳои байналмилалӣ, аз

1 Декларация о правах умственно отсталых лиц, принята резолюцией 2856 (XXVI) Генеральной Ассамблеи от 20 декабря 1971 года, пункт 6

2 Принципы защиты психически больных лиц и улучшения психиатрической помощи, Принцип 15 п. 2

ҷумла, бо Конвенсияи зидди шиканҷа нигаронида шудааст, ҳомиёни ҳуқуқ бар он ақидаанд, ки ин модда ба таври пурра ба Конвенсия мутобиқат намекунад, зеро қисми якуми модда ҷазои алтернативии маҳрум кардан аз ьозодиро дар шакли ҷарима, ё маҳрум кардан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 2 то 5 солро пешбинӣ менамояд, вале дар моддаи 4 Конвенсияи зидди шиканҷа гуфта мешавад, ки барои шиканҷа бояд ҷазо ҳамчун барои ҷинояти вазнин пешбинӣ карда шавад, ва барои ҷинояти вазнин ҷазо бояд маҳрум кардан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 5 сол ва зиёдтар бошад.

Моддаи мазкур ба истифодаи шиканҷа дар муассисаҳои психиатрӣ нисбати шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ ишора намекунад, вале аз рӯи мазмун ба маъмурияти муассисаҳои мазкур дар сурати истифодаи шиканҷа ё муносибати бераҳмона бо шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ низ дахл дорад.

Барои ташхис ва табобати шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ восита ва усулҳои тиббие истифода карда мешаванд, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудаанд. Восита ва усулҳои тиббӣ танҳо бо мақсадҳои ташхис ва табобат, мувофиқи хусусияти беморӣ истифода гардида, барои ҷазо додан ба шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ ё ба манфиати шахсони дигар набояд истифода карда шаванд. [1]

**Барои табобати бемориҳои равонӣ истифода намудани усулҳои ҷарроҳӣ ва дигар усулҳо, ки боиси оқибатҳои бебозгашт мегарданд, инчунин гузаронидани санҷиши воситаҳо ва усулҳои тиббӣ, иҷозат дода намешавад.** [2]

**Ҳангоми табобати маҷбурӣ танҳо усулҳои ташхис, табобат ва офиятбахшие, ки Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додааст, истифода карда мешаванд.** [3]

Ҳангоми ғайриихтиёрӣ хобонидан ва ба беморхонаи

1 Моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»

2 Моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»

3 Пункт 19 Инструкция о порядке применения принудительных и иных мер медицинского характера в отношении лиц с психическими расстройствами, совершившими общественно опасные деяния (Приложение № 3 к приказу Министерства здравоохранения РТ № 54 от 9.02.2001 г.)

бемориҳои равонӣ овардани бемор тадбирҳои зӯран нигоҳдорӣ танҳо дар ҳолатҳо ва ба муддате истифода мегарданд, ки агар пешгирии расонидани зарари бевосита ва ногузир ба бемор ва дигар шахсон бо усулҳои дигар имконнопазир бошад. Дар бораи шаклҳо ва вақти истифодаи тадбирҳои маҳдудкунии ҷисмонӣ ё ҷудонигоҳдорӣ, дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ сабти дахлдор карда мешавад. [1]

Дар айни ҳол, на дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», на дар Дастурамалҳо ва Низомномаҳои амалкунанда номгӯй ва тартиби истифодаи чораҳои боздории ҷисмонӣ дар муассисаҳои психиатрӣ оварда нашудааст.

Ҳамин тариқ, манъи истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона нисбати шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ аз ҷониби кормандони муассисаҳои психиатрӣ на Қонун «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ», на дар Дастурамалҳое, ки нигоҳдорӣ ва табобати беморонро дар муассисаҳои психиатрӣ танзим менамояд, муқаррар нашудааст.

## ***Шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ дар системаи адлияи маъмурӣ ва ҷиноятӣ***

### Ҷавобгарии маъмурии шахсони гирифтори бемориҳои рухӣ

Шахси воқеие, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҳолати номукаллафӣ қарор дошт, яъне бар асари бемории рӯҳии доимӣ, парешонии муваққатии рӯҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории рӯҳӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқии кирдори (амал ё беамалии) худро дарк ё онро идора карда наметавонад, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад. [2]

### Ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ

Мутобиқи сатандартҳои байналмилалӣ, шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноят дар маҳбас адои мӯҳлати ҷазо мекунанд,

1 Моддаи 29 Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ»
2 Моддаи 26 Кодеки ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

ё шахсоне, ки ба тарзи дигар дар давраи муҳокимаи судӣ ё тафтишоти ба муқобили онҳо бинобар айбдорӣ дар содир кардани ҷиноят оғозгардида боздошт мешаванд, ва тавре ки муқаррар гардидааст, аз бемориҳои рӯҳӣ азият мекашанд ё, тавре ки тахмин мегардад, мумкин аст аз чунин бемориҳо азият кашанд, бояд ёрии равонпизишкии беҳтаринро гиранд. Муқарраротӣ дохилидавлатӣ метавонанд суд ё дигар мақомоти босалоҳиятро дар асоси хулосаи тиббии салоҳиятнок ва мустақил ваколатдор кунанд, ки дар бораи дар муассисаи бемориҳои рӯҳӣ ҷойгир кардани чунин шахсон қарорҳо қабул намоянд. Вале дар айни ҳол, Принсипҳои Ҳифзи шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ва беҳбудсозии ёрии равонпизишкии СММ бояд нисбати онҳо дар ҳаҷми ҳарчи пурратар, танҳо бо чунин тағйироту истиноҳои маҳдуде, ки дар ҳолатҳои мазкур заруранд, татбиқ карда шаванд. Ҳеҷ ягон аз чунин тағйирот ё истисноҳо набояд ба ҳуқуқи ин шахсони зиён расонад.[1]

Дар сурате ки, агар гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бинобар камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ ҳуқуқи худашонро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда натавонанд, иштироки ҳимоятгар дар парвандаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошад.[2] Мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне бар асари бемории рӯҳии доимӣ, парешонии муваққатии рӯҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории рӯҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Ба шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ кирдори барои ҷамъият хавфноки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишударо содир намудааст, чораҳои дорои хусусияти маҷбурии тиббӣ дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро таъин кардан мумкин аст. Шахсе, ки дар ҳолати мукаллафӣ ҷиноят содир намуда, вале то баровардани ҳукми суд мубталои бемории рӯҳие шудааст, ки барои дарки хавфи кирдори худ ё

1 Пункты 1, 2, 3 Принципа 20 Принципов ООН Защиты психически больных лиц и улучшения психиатрической помощи
2 Моддаи 51 КМҶ ҶТ

идора кардани онро имконият намедиҳад, ҳамчунин ҷазо дода намешавад, ва суд метавонад нисбати чунин шахс чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро раво бинад ва пас аз шифо ёфтан ин шахсро ҷазо додан мумкин аст агар мӯҳлатҳои мурур нагузашта бошанд.[1]

Суд шахсеро, ки пас аз баромадани ҳукм ба бемории рӯҳӣ гирифтор шуда, имконияти дарки воқеии амалҳои худ ва идора кардани онҳоро аз даст додааст, аз ҷазо ё адои минбаъдаи он озод мекунад. Ба чунин шахс суд метавонад чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро таъин намояд. [2]

Вақте, ки дар давоми он нисбати шахси пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемории рӯҳӣ гардида чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ татбиқ карда шудаанд, ба мӯҳлати ҷазо ба ҳисоб гирифта мешавад. [3]

Дар айни ҳол, дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мафҳум, ба монанди **мукаллафии маҳдуд** вуҷуд дорад. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки гарчанде шахс дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф буд, вале бар асари парешонҳолии рӯҳӣ наметавонист пурра хуссусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Сарфи назар аз ин, чунин шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.Вале, ҳолати мукаллафии маҳдуд, ба ҳар ҳол, ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта шуда, барои таъин намудани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ асос шуда метавонад.[4]

Намудҳои зерини чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ вуҷуд доранд, ки суд онҳоро таъин карда метавонад:

а) назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ (психиатр);

б) табобати маҷбурӣ дар шифохонаи умумии бемориҳои рӯҳӣ;

в) табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ;

---

1 Моддаи 24 КҶ ҶТ
2 қ. 1 моддаи 79 КҶ ҶТ
3 қ. 6 моддаи 70 КҶ ҶТ
4 Моддаи 25 КҶ ҶТ

г) табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ тахти назорати пуршиддат.[1]

Ба шахсоне, ки барои дар ҳолати мукаллафӣ содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шудаанд, вале ба табобати майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ва ё бемориҳои рӯҳии мукаллафиро истиснонакунанда эҳтиёҷ доранд, суд дар баробари ҷазо чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар шакли назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобатро дар назди духтури бемориҳои рӯҳи таъин карда метавонад

Агар шахс тибқи ҳолати рӯҳии худ барои ҷойгиркунӣ дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ эҳтиёҷ надошта бошад, мумкин аст назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ таъин карда шавад.

Агар хусусият ва вазнинии бемории рӯҳии шахс чунин шароити табобат, нигоҳубин, нигоҳдорӣ ва назоратро талаб кунад, ки танҳо дар шароити шифохона имконпазир бошад, метавонад табобати маҷбурӣ дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ таъин карда шавад.

Табобати маҷбурӣ дар шифохонаи умумии бемориҳои рӯҳи танҳо ба шахсе таъин кардан мумкин аст, ки аз рӯи ҳолати рӯҳии худ ба ҷой кардан дар шифохона эҳтиёҷ дорад, вале назорати пуршиддатро талаб намекунад.

Табобати маҷбури дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ ба шахсе таъин кардан мумкин аст, ки аз рӯи ҳолати рӯҳии худ назорати доимиро талаб мекунад.

Табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ тахти назорати пуршиддат метавонад ба шахсе таъин карда шавад, ки аз рӯи ҳолати рӯҳиаш барои худ ва шахсони дигар махсусан хавфнок буда, назорати доимию шадидро талаб мекунад.[2]

Дароз кардани мӯҳлат, тағйир додан ва қатъ намудани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар асоси хулосаи комиссияи духтурони бемориҳои рӯҳӣ аз ҷониби суд ба

1 Моддаи 98 КҶ ҶТ
2 Моддаи 99 КҶ ҶТ

амал баровварда мешавад.

Дар ҳолати ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ эҳтиёҷ надоштани шахси рӯҳан бемор, инчунин дар ҳолати бекор карда шудани онҳо суд метавонад чунин шахсро барои ҳалли масъалаи тибқи асосҳои умумӣ табобат кардан ба мақомоти тандурустӣ супорад ё ба муассисаи таъминоти иҷтимоӣ фиристад ё ин ки ӯро бо шарти назорати ҳатмии духтурон ба парастории хешовандон ё васиён диҳад. [1]

Нисбати шахси мукаллафияташ маҳдуд чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар маҳалли адо намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва нисбати шахсони ба намудҳои дигари ҷазо маҳкумшуда бошад дар муассисаҳои мақомоти тиббие ба иҷро расонида мешаванд, ки ба беморони рӯҳӣ кӯмаки амбулатории психиатрӣ мерасонанд. Дар асоси хулосаи комиссияи духтурони бемориҳои рӯҳӣ суд метавонад чунин шахсро ҷиҳати табобат ба шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ ё муассисаи дигари табобатӣ фиристад, агар ин ба ҳолати рӯҳии маҳкумшуда асос ёфта, ба манфиати табобат бошад. Вақти табобат дар муассисаҳои нобурда ба мӯҳлати адои ҷазо ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати аз байн рафтани зарурати табобати маҳкумшуда дар муассисаҳои номбурда, ӯ бо қарори суд мувофиқи тартиби пешбининамудаи қисми чоруми ҳамин модда, барои адои мӯҳлати боқимондаи ҷазо фиристода мешавад. Чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббии якҷоя бо иҷрои ҷазо таъингардидаро суд бо пешниҳоди мақомоти татбиқкунандаи ҷазо, дар асоси хулосаи комиссияи духтурони бемориҳои рӯҳӣ, қатъ мекунад.[2]

1 Моддаи 100 КҶ ҶТ
2 Моддаи 103 КҶ ҶТ

# V. ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТҲОИ ОМОРИИ ДАСТРАС

## Ҷадвали Муассисаҳои психиатрӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон

| **Душанбе** | | | |
|---|---|---|---|
| **№** | **Ном** | **Минтақа** | **Шумораи катҳ** |
| **1.** | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯӣ бо шӯъбаҳои муоинаи диспансерӣ ва статсионарӣ | **Душанбе** | **30** |
| **2.** | Маркази ҷумҳуриявии саломатии рӯҳии кӯдакон ва наврасон | **Душанбе** | **60** |
| **Ноҳияҳои тобеи марказ** | | | |
| **1.** | Беморхонаи ҷумҳуриявии бемориҳои рӯҳӣ | **Рӯдакӣ** | **640** |
| **2.** | Шӯъбаи бемориҳои рӯҳии Беморхонаи марказӣ | **Ҳисор** | **10** |
| **3.** | Маркази ҷумҳуриявии байниноҳиявии психоневрологӣ | **Турсунзода** | **50** |
| **4.** | Маркази байниноҳиявии бемориҳои рӯҳӣ | **Рашт** | **60** |
| **Вилояти Суғд** | | | |
| **1.** | Беморхонаи клиникии вилоятии бемориҳои рӯҳӣ | **Лаккон, Исфара** | **180** |
| **2.** | Маркази вилоятии бемориҳои рӯҳӣ | **Хуҷанд** | **70** |
| **3.** | Маркази шаҳрии бемориҳои рӯҳӣ | **Конибодом** | **60** |
| **4.** | Маркази шаҳрии бемориҳои рӯҳӣ | **Панҷакент** | **40** |
| **5.** | Маркази шаҳрии бемориҳои рӯҳӣ | **Истаравшан** | **40** |
| **6.** | Маркази ноҳиявии бемориҳои рӯҳӣ | **Зафаробод** | **10** |
| **7.** | Маркази ноҳиявии бемориҳои рӯҳӣ | **Ғафуров** | **15** |
| **Вилояти Хатлон** | | | |
| **1.** | Маркази вилоятии бемориҳои рӯҳии № 1 | **Қӯрғонтеппа** | **70** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **2.** | Маркази вилоятии бемориҳои рӯҳии № 2 | **Кулоб** | **50** |
| **3.** | Шӯъбаи бемориҳои рӯҳии Беморхонаи марказӣ | **Норак** | **35** |
| | **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | | |
| **1.** | Маркази вилоятии бемориҳои рӯҳӣ | **Рошткалъа** | **60** |

## Ҷадвали миқдори ҷойҳо ва беморон дар МП, ки дар онҳо мониторинг гузаронида шуд

| Минтақа | Миқдори ҷойҳо (катҳо) | Шумораи умумии беморон[3] | Шумораи бемoрони ихтиёран бистари-кунонидашуда | Шумораи беморони ғайри ихтиёрӣ бистари-кунонидашуда |
|---|---|---|---|---|
| **Рӯдакӣ** (Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии бемориҳои рӯҳӣ) | 640 | 690 | 645 | 45 |
| **Душанбе** (Маркази ҷумҳуриявии саломатии рӯҳии кӯдакон ва наврасон) | 60 | 25 | 25 | 0 |
| **Хуҷанд** | Маъ. оморӣ вуҷуд надоранд, зеро бинои МП кӯчонида шудааст. | | | |
| **Ғафуров** | 15 | 13 | 13 | 0 |
| **Конибодом** | 60 | 74 | 74 | 0 |
| **Исфара** | 180 | 180 | 180 | 0 |
| **Норак** | 35 | 27 | 27 | 0 |

Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2011 аз ҷониби судҳо 5 парванда

оид ба маҷбурӣ хобонидани шахс дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ баррасӣ гардидаанд. Маълумотҳо барои соли 2010 вуҷуд надоранд.[1]

## Вилояти Суғд

**Хуҷанд:**

Роҳбари муассисаи мазкур ба сифати духтури психиатр 30 сол собиқаи корӣ дорад. Муддати 12 сол ӯ роҳбари муассиса мебошад.

Дар Маркази психиатрияи вилояти Суғд дар ш. Хуҷанд 43 корманд кор мекунанд:

1. Духтурон – 6; музди меҳнати миёнаи моҳона – 394 сомонӣ (қариб 81 доллари США)
2. Бародарони шафқат / ҳамшираҳои шафқат – 8; музди меҳнати миёнаи моҳона – 250 сомонӣ (қариб 52 доллар)
3. Санитарҳо / санитарзанҳо – 12; музди меҳнати миёнаи моҳона – 145 сомонӣ (қариб 30 доллар)
4. Фаррошон / фаррошзанон – 17; музди меҳнати миёнаи моҳона – 145 сомонӣ (қариб 30 доллар)

Дар ҷавоб ба дархост зикр шудааст, ки дар МП нарасидани кадрҳо ҷой дорад – духтурон, кормандони ҳайати хурд, зеро музди меҳнат кам аст.

Азбаски шумораи беморони муассиса дар ҷавоб ба дархост зикр нашудааст, ҳисоб кардани он, ки ба як корманд чанд бемор рост меояд ва оё дар муассиса ба миқдори кофӣ кормандон ҳастанд, имконпазир набуд.

Ба саволҳо дар мавриди шумораи ҷойҳо, беморон, шумораи шахсони ихтиёрӣ ва ғайри ихтиёрӣ бистарикунонидашуда

1 Ҷавоби Агентии омори назди Президенти ҶТ № 8/2 -10 аз 28.06.с.2012 ба дархости «Идораи ҳуқуқи инсон вариояи қонуният»

ҷавобҳо пешниҳод нагардиданд, зеро дар ҳоли ҳозир бинои МП кӯчонида шудааст.

Савол оид ба омори ҳолатҳои фавт дар муассисаи мазкур низ бе ҷавоб монд.

Ба савол дар хусуси он, ки оё ҳолатҳои фавти беморон ҷой доштанд, роҳбари МП ҷавоби манфӣ дод.

**Ғафуров:**

Роҳбари муассисаи мазкур ба сифати духтури писхиатр 21 сол собиқаи корӣ дорад. Дар тӯли 1,5 сол ӯ роҳбари муассиса мебошад.

Шумораи умумии ҷойҳо (катҳо) дар МП – 15.

Шумораи беморон – 13.

Шумораи беморони ихтиёран бистарикунонидашуда – 13.

Дар МП мазкур 10 корманд кор мекунад:

1. Духтурон – 1; музди меҳнати миёнаи моҳона – 394 сомонӣ (қариб 81 доллари США)
2. Бародарони шафқат / ҳамшираҳои шафқат – 3; музди меҳнати миёнаи моҳона – 250 сомонӣ (қариб 52 доллар)
3. Санитарҳо / санитарзанҳо – 2; музди меҳнати миёнаи моҳона – 145 сомонӣ (қариб 30 доллар)
4. Фаррошон / фаррошзанон – 4; музди меҳнати миёнаи моҳона – 145 сомонӣ (қариб 30 доллар)

Дар ҷавоб ба дархост зикр шудааст, ки дар МП нарасидани кадрҳо ҷой дорад – духтурон, кормандони ҳайати хурд, зеро музди меҳнат кам аст.

Савол оид ба омори ҳолатҳои фавт дар муассисаи мазкур бе ҷавоб монд.

Ба савол дар хусуси он, ки оё ҳолатҳои фавти беморон ҷой доштанд, роҳбари МП ҷавоби манфӣ дод.

**Исфара:**

Роҳбари муассисаи мазкур ба сифати духтури психиатр 26 сол собиқаи корӣ дорад. Муддати як сол ӯ роҳбари муассиса мебошад.

Шумораи умумии ҷойҳо (катҳо) дар МП – 180.
Шумораи беморон – 180.
Шумораи беморони ихтиёран бистарикунонидашуда – 180.

Дар беморхонаи вилоятии бемориҳои рӯҳӣ 32 корманд кор мекунад:

1. Духтурон – 4; музди меҳнати миёнаи моҳона – 436 сомонӣ (қариб 90 доллари США)
2. Бародарони шафқат / ҳамшираҳои шафқат – 12; музди меҳнати миёнаи моҳона – 430-450 сомонӣ (қариб 90-93 доллар)
3. Санитарҳо / санитарзанҳо – 16; музди меҳнати миёнаи моҳона – 286 сомонӣ (қариб 60 доллар)
4. Фаррошон / фаррошзанон – 0.

Ҳамин тариқ, ба ҳар духтур 45 бемор рост меояд.
Ба ҳар бародари шафқат / ҳамшираи шафқат – 15 бемор.
Ба ҳар санитар/санитарзан – 11-12 бемор.

Фаррошон дар МП мазкур вуҷуд надоранд, эҳтимол вазифаи фаррошон ба ӯҳдаи санитарҳо вогузор шуда бошад.

Дар МП норасоии кадрҳо ҷой дорад – духтурони психиатр бинобар кам будани музди меҳнат.

Ба савол дар хусуси ҳолатҳои фавт дар МП мазкур, мутобиқи ҷавоби пешниҳодшуда, дар соли 2011 дар МП мазкур 7 бемор вафот кардааст, ҳамаашон аз беморӣ.

Ба савол дар хусуси он, ки оё ҳолатҳои фавти беморон ҷой доштанд, роҳбари МП ҷавоби манфӣ дод.

**Конибодом:**

Роҳбари Маркази психиатрии ш. Конибодом ба сифати духтури психиатр 36 сол собиқаи корӣ дорад. Муддати 28 сол ӯ роҳбари муассиса мебошад.

Шумораи умумии ҷойҳо (катҳо) дар МП – 60.
Шумораи беморон – 74.
Шумораи беморони ихтиёран бистарикунонидашуда – 74.

Яъне, шумораи беморон аз миқдории ҷойҳо дар МП зиёд аст.

Тибқи ҷавоб ба дархост, ҳамаи беморон ихтиёрӣ бистарӣ кунонида шудаанд.

Дар МП ш. Конибодом 19 корманд кор мекунад:

1. Духтурон – 5; музди меҳнати миёнаи моҳона – 394 сомонӣ (қариб 81 доллари США)
2. Бародарони шафқат / ҳамшираҳои шафқат – 4; музди меҳнати миёнаи моҳона – 250 сомонӣ (қариб 52 доллар)
3. Санитарҳо / санитарзанҳо – 10; музди меҳнати миёнаи моҳона – 145 сомонӣ (қариб 30 доллар)

Ҳамин тариқ, ба ҳар духтур 15 бемор рост меояд.
Ба ҳар бародари шафқат / ҳамшираи шафқат – 18 бемор.
Ба ҳар санитар/санитарзан – 7-8 бемор.

Дар ҷавоб зикр гардидааст, ки дар МП норасоии кадрҳо ба мушоҳида мерасад (ҳамшираҳои шафқат ва санитарзанҳо), бинобар шароити вазнини кор.

Савол оид ба омори ҳолатҳои фавт дар муассисаи мазкур бе ҷавоб монд.

Ба савол дар хусуси он, ки оё ҳолатҳои фавти беморон ҷой доштанд, роҳбари МП ҷавоби манфӣ дод.

## НТМ

**Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳӣ (ноҳияи Рӯдакӣ)**

Шумораи умумии ҷойҳо (катҳо) дар МП – 640.

Шумораи беморон – 690.

Шумораи беморони ихтиёран бистарикунонидашуда – 645.

Шумораи беморони ғайри ихтиёрӣ бистарикунонидашуда – 45

Бо дар назар гирифтани шумораи беморон, МП аз ҳад зиёд пур буда, шумораи беморон аз ҷойҳо зиёдтар аст.

Тибқи ҷавоб ба дархост, аксари беморон (93%) ихтиёрӣ бистарӣ карда шудаанд.

Дар МП мазкур 238 корманд кор мекунад:

1. Духтурон – 29; музди меҳнати миёнаи моҳона – аз 800 то 1300 сомонӣ вобаста ба собиқаи кор (аз 165 то 268 доллари США).
2. Бародарони шафқат / ҳамшираҳои шафқат – 62; музди меҳнати миёнаи моҳона – 600 сомонӣ (қариб 124 доллар).
3. Санитарҳо / санитарзанҳо – 145; музди меҳнати миёнаи моҳона аз 200 то 600 сомонӣ вобаста ба вақти кор.
4. Фаррошон / фаррошзанон – 2; музди меҳнати миёнаи моҳона – 300 сомонӣ (қариб 62 доллар)

Дар ҳоли ҳозир, бо дар назар гирифтани шумораи зиёди беморон дар МП, ба ҳар духтур 23-24 бемор рост меояд.

Ба ҳар бародари шафқат / ҳамшираи шафқат – 11-12 бемор.

Ба ҳар санитар/санитарзан – 4-5 бемор.

Ба ҳар фаррош/фаррошзан – 345 бемор.

Дар ҷавоб ба дасхост зикр гардидааст, ки дар МП мазкур норасоии кадрҳо ҷой дорад, ки аз рақамҳои пешниҳодшуда аён аст. Сабаби норасоии кадрҳо хоҳиш надоштани мутахассисон ба машғул шудан ба чунин кори мушкил мебошад. Масалан, ба ҳар духтур лоим меояд, ки бо 23-24 бемор машғул шавад, ки ин, албатта, боиси нарасидани вақт, ғайриимкон будани таваҷҷӯҳи кофӣ зоҳир намудан ба ҳар бемор ва бархурди инфиродӣ мегардад, инчунин метавонад ба сифати табобат таъсир расонад.

Ғайр аз ин, дар МП мазкур ҳамагӣ 2 фаррош ба 690 бемор рост меояд. Возеҳ аст, ки ҳамагӣ 2 воҳид коргаре, ки дар беморхона ба рубучин машғуланд, кофӣ намебошад, бинобар ин, онҳо, яқинан, аз ӯҳдаи тамоми ҳаҷми кор дар МП намебароянд.

Дар МП мазкур танҳои вазъият бо санитарҳо қаноатбахш аст, ба ҳар яки онҳо 4-5 бемор рост меояд.

Дар мавриди ҳолатҳои фавт дар МП мазкур бошад, мутобиқи ҷавоби пешниҳодшуда, дар солҳои 2010-2011 дар МП мазкур 29 бемор вафот кардааст, аз онҳо 27 нафарашон аз беморӣ, 2 бемор худкушӣ кардаанд.

Ҳодисаҳои ҳалокати кормандон вобаста беморон дар МП мазкур ба қайд гирифта нашудааст.

## ш. Душанбе

**Роҳбари Маркази ҷумҳуриявии саломатии рӯҳии кӯдакон ва наврасони ш. Душанбе** ба сифати духтури психиатр 12 сол собиқаи корӣ дорад. Муддати 4 сол ӯ роҳбари муассисаи мазкур мебошад.

Шумораи умумии ҷойҳо (катҳо) дар МП – 60.

Шумораи беморон – 25.

Шумораи беморони ихтиёран бистарикунонидашуда - 25

Яъне, бо дар назар гирифтани шумораи беморон, дар МП ҷойҳои холӣ бисёр аст.

Мутобиқи ҷавоб ба дархост, ҳамаи беморон ихтиёрӣ

бистарӣ кунонида шудаанд.

Дар МП мазкур 23 корманд кор мекунад:

1. Духтурон – 4; музди меҳнати миёнаи моҳона – 280 сомонӣ (қариб 58 доллари США).
2. Бародарони шафқат / ҳамшираҳои шафқат – 8; музди меҳнати миёнаи моҳона – 240 сомонӣ (қариб 50 доллар).
3. Санитарҳо / санитарзанҳо – 8; музди меҳнати миёнаи моҳона 240-320 сомонӣ (қариб 50-66 доллар).
4. Фаррошон / фаррошзанон – 3; музди меҳнати миёнаи моҳона – 240 сомонӣ (қариб 50 доллар)

Бояд тазаккур намуд, ки андозаи музди меҳнати кормандони МП мазкур хеле паст аст. Дар айни ҳол, маошҳои духтурон ва ҳайати кормандони хурд қариб фарқ намекунанд, маошҳои санитарзанҳо дар баъзе ҳолатҳо аз музди меҳнати духтурон баландтаранд.

Дар мавриди муқоисаи шумораи кормандон бо шумораи беморон бошад, вақте ки дар МП ҳама ҷойҳо пуранд, ба ҳар духтур 15 бемор рост меояд. Ҳоло ба ҳар духтур 6-7 бемор рост меояд.

Вақте ки дар МП ҳама ҷойҳо пуранд, ба ҳар бародари шафқат/ҳамшираи шафқат 7-8 бемор рост меояд. Ҳоло, ҳангоми пур набудани муассиса – 3 бемор.

Вақте ки дар МП ҳама ҷойҳо пуранд, ба ҳар санитарзан низ 7-8 бемор рост меояд. Ҳоло, ки муассиса пур нест – 3 бемор.

Ба ҳар фаррош 20 бемор рост меояд, дар ҳоли ҳозир – 8 нафар.

Дар ҷавоб зикр шудаат, ки дар МП норасоии кадрҳо ҷой надорад.

Савол оид ба омори фавт дар муассисаи мазкур бе ҷавоб монд.

Ба савол дар хусуси он, ки оё ҳолатҳои фавти беморон ҷой

доштанд, роҳбари МП ҷавоби манфӣ дод.

**Вилояти Хатлон**

**Шӯъбаи психонаркологии Беморхонаи марказии ноҳиявии ш. Норак**

Роҳбари муассисаи мазкур ба сифати духтури психиатр 22 сол собиқаи корӣ дорад. Муддати 11 сол ӯ роҳбари муассиса мебошад.

Шумораи умумии ҷойҳо (катҳо) дар МП – 35.
Шумораи беморон – 27.
Шумораи беморони ихтиёран бистарикунонидашуда – 27.

Яъне, шумораи беморон аз шумораи ҷойҳо дар МП камтар аст.
Мутобиқи ҷавоб ба дархост, ҳамаи беморон ихтиёрӣ бистарӣ кунонида шудаанд.

Дар МП 24 корманд кор мекунад:

1. Духтурон – 2; маоши миёнаи моҳона – 350-360 сомонӣ (қариб 73 доллари США)
2. Бародарони шафқат / ҳамшираҳои шафқат – 14; маоши миёнаи моҳона – 250 сомонӣ (қариб 52 доллар)
3. Санитарҳо / санитарзанҳо – 8; маоши миёнаи моҳона – 220 сомонӣ (қариб 46 доллар)

Тавре ки аз ҷавоб бармеояд, андозаи музди меҳнати кор-

мандони МП мазкур низ паст буда, ба ҳаҷм ва вазнини коре, ки иҷро мекунанд, ҷавобгӯ намебошад.

Ҳамин тариқ, ба ҳар духтур 17-18 бемор дар сурати пур будани МП рост меояд, дар лаҳзаи гирифтани ҷавоб ба дархост, ки муассиса чандон пур набуд – 13-14 бемор.

Ба ҳар бародари шафқат/ҳамшираи шафқат – 2-3 бемор, агар дар МП ҳамаи ҷойҳо банд бошад, ва 2 бемор – дар ҳоли ҳозир.

Бар ҳар санитарзан – 4-5 бемор дар сурати пур будани МП, ва 3-4 бемор – дар ҳоли ҳозир.

Тавре ки аз рақамҳои овардашуда дида мешавад, дар МП бараъло норасоии духтурон ба мушоҳида мерасад, вале вазъият бо микдори ҳайати кормандони хурд қаноатбахш аст. Ба ҳар ҳамшираи шафқат/бародари шафқат ва санитарҳо чунин микдор беморон рост меоянд, ки имкон медиҳад ба ҳар як бемор бидуни зиён ба сифати хизматрасонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад.

Дар ҷавоб зикр гардидааст, ки дар МП норасоии кадрҳо ба мушоҳида мерасад (ҳамшираҳои шафқат ва санитарзанҳо), бинобар шароити вазнини кор.

Савол оид ба омори ҳолатҳои фавт дар муассисаи мазкур бе ҷавоб монд.

Ба савол дар хусуси он, ки оё ҳолатҳои фавти беморон ҷой доштанд, роҳбари МП ҷавоби манфӣ дод.

## Хулоса

Ҳамин тариқ, маълумотҳои оморӣи аз МП гирифташуда нишон медиҳанд, ки андозаи музди меҳнати кормандони муассисаҳо, аз духтурон то фаррошон, хеле паст мебошад. Масалан, музди меҳнати духтурон моҳе аз 400 сомонӣ зиёд нест (камтар аз 100 доллари ШМА), музди меҳнати ҳамшираҳои шафқат/бародарони шафқат – моҳе аз 250 сомонӣ (камтар аз 55 доллар)

беш нест. Ягона муассисае, ки дар он андозаи музди меҳнат, дар муқоиса бо дигар МП ҳадафқарор, нисбатан зиёдтар аст, ин Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳии ш. Душанбе мебошад (музди меҳнати духтурон вобаста ба собиқаи кор дар ҳудуди 165-268 доллари ШМА аст).

Дар 5 муассиса аз 6 МП таҳқиқшуда, мутобиқи ҷавобҳои ба дархостҳо гирифташуда, норасоии кадрҳо ҷой дорад: духтурон ва ҳайати кормандони хурд.

Дар 2 муассиса аз 6 МП таҳти таҳқиқ фарогирифташуда шумораи беморон аз миқдори ҷойҳо зиёдтар аст.

Дар ягон МП таҳти таҳқиқ фарогирифташуда ҳодисаҳои ҳалокати кормандон вобаста ба беморон ба қайд гирифта нашудааст.

Ба савол оид ба ҳолатҳои фавт дар муассисаҳои мазкур ҷавоб танҳо аз Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳии ш. Душанбе пешниҳод карда шуд. Дар 2 сол (солҳои 2010-2011) дар МП мазкур 29 ҳодисаи фавт ба қайд гирифта шудааст: 27 бемор бо сабаби беморӣ вафот кардаанд, сабаби ҳалокати 2 бемори дигар худкушӣ будааст.

# VI. ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТҲОИ ЭМПИРИКӢ (БО РОҲИ АМАЛӢ ГИРИФТАШУДА)

## VI.1. Пурсиш

### 1. Озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона

### 1.1. Натиҷаҳои пурсиши роҳбарои МП

***Расонидани зиёни ҷисмонӣ/зӯроварии ҷинсӣ (шаҳвонӣ) нисбати беморон***

Андаке камтар аз нисфи роҳбарони пурсидашуда (43%) зикр карданд, ки дар МП онҳо ҳодисаҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯб, ки беморон ба якдигар расониданд, вуҷуд доштанд, посухдиҳандагони боқимонда 57%, таъкид намуданд, ки дар МП чунин ҳодисаҳо ҷой надоштанд. Асосан, ин ҳодисаҳо аз он иборат буданд, ки беморон якдигарро таҳқир мекарданд ва хӯроки якдигарро кашида мегирифтанд.

Дар мавриди ҳодисаҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯб, ки кормандон ба беморон равон дидаанд, ҳамаи роҳбарони пурсидашуда изҳор намуданд, ки дар МП онҳо чунин ҳодисаҳо ҷой надоштанд.

| |
|---|
| Аз суханони яке аз роҳбарони МП: «Онҳоро бе ин ҳам Худо ҷазо додааст, мо чӣ тавр метавонем боз онҳоро занем …» |

Ягон корманди МП аз ҷумлаи муассисаҳои бо мониторинг фарогирифташуда, мувофиқи ҷавобҳои роҳбарони МП, барои муносибати бад бо беморон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудааст, зеро чунин ҳолатҳои муносибати бад ҷой

надоштанд.

***Ҳуқуқ ба робитаи беморон бо олами беруна***

Ҳамаи роҳбарони пурсидашудаи МП (7 нафар) қайд намуданд, ки хешовандон ва дигар одамони наздик метавонанд беморонро хабар гиранд.

Роҳбарони пурсидашудаи МП рӯзҳо ва соатҳои қабули зеринро зикр намуданд, ки дар муассисаҳои онҳо муқаррар шудаанд:

| | **Душанбе** | **Рӯдакӣ** | **Норак** | **Хуҷанд** | **Б.Ғафуров** | **Исфара** | **Конибодом** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Рӯзҳо** | Ҳар рӯз | Ҳар рӯз | Бе маҳдудият | панҷ.-якшанбе. | Бе маҳдудият | Бе маҳдудият | Бе маҳдудият |
| **Соатҳо** | аз 8.00 то 12.00 аз 16.00 то 18.00 | аз 8.00 то 18.00 | Бе маҳдудият | аз 8.00 то 12.00 аз 13.00 то 17.00 | аз 8.00 то 17.00 | Бе маҳдудият | Бе маҳдудият |

Ҳамаи роҳбарои пурсидашудаи МП изҳор намуданд, ки беморон метавонанд бо хабаргирандагони худ танҳо сӯҳбат кунанд.

71% посухдиҳандагони пурсидашуда баён намуданд, ки беморон дар МП онҳо метавонанд муросилот (мактубҳо, пайғомҳо ва ғайра) фиристонанд ва гиранд. Боқимонда 29%-и ҷавобҳо ба таври зайл тақсим шуданд: Роҳбарони МП ноҳияи Рӯдакӣ изҳор намуданд, ки беморон метавонанд танҳо мактубҳо гиранд, роҳбари МП ш. Душанбе баён намуд, ки бемор наметавонад муросилот фиристад ва гирад, зеро падару модарон онҳоро зуд-зуд хабар мегиранд.

50% посухдиҳандагон (аз ҷумлаи онҳое, ки изҳор намуданд,

ки беморон метавонанд мактубҳо фиристанд ва гиранд) баён доштанд, ки мундариҷаи мактубҳои беморон аз ҷониби кормандон тафтиш карда намешавад, 50%-и боқимонда зикр карданд, ки мундариҷаи мактубҳо ба хотири бехатарии худи беморон аз ҷониби мудири шӯъба, духтури муолиҷавӣ ё ҳамшираи шафқат тафтиш карда мешавад.

Ҳамаи посухдиҳандагони пурсидашуда зикр намуданд, ки бемор метавонад ба прокуратура, суд ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин ба адвокат шикоятнома ва аризаҳо ирсол намояд. Дар айни ҳол, ҳама, ба истиснои роҳбари МП ш. Норак, изҳор намуданд, ки мазмуни чунин шикоятномаҳо/аризаҳо аз ҷониби кормандони муассиса тафтиш карда намешавад. Роҳбари МП ш. Норак зикр намуд, ки мазмуни шикоятномаҳо ва аризаҳо аз ҷониби мудири шӯъба тафтиш карда мешавад, то ки мундариҷаи мактуб ба касе зарар нарасонад.

### *Чораҳои фурӯнишонии (боздории) ҷисмонии беморон*

Ҳамаи роҳбарони пурсидашудаи МП зикр намуданд, ки дар сурате ки, агар бемор тундхӯӣ кунад ва ба ҳаёт ва саломатии дигар беморон ё кормандон таҳдид кунад, нисбати ӯ чораҳои тиббии доругузаронӣ истифода карда мешавад. Ғайр аз ин, ду нафар аз пурсидашудагон, дар қатори чораҳои тиббии доругузаронӣ, ҳамчунин истифодаи куртаи дафъи ҷунун ва фиксаторҳоро номбар карданд.

Дар мавриди он, ки оё ҷадвали чораҳои фурӯнишонии ҷисмонӣ ва ҷудокунии маҷбурӣ, агар бемор тундхӯӣ кунад ва ба ҳаёт ва саломатии дигар беморон ё кормандон таҳдид кунад, бо тартиби аз начандон вазнин то вазнин, вуҷуд дорад, қариб ҳамаи пурсидашудагон таъкид намуданд, ки дар муассисаи онҳо танҳо чораҳои тиббии доругузаронӣ истифода мешаванд, ҷадвали дигар вуҷуд надорад. Танҳо он ду нафар аз пурсидашудагоне, ки ба ғайр аз чораҳои тиббии доругузаронӣ, куртаи дафъи ҷунин ва фиксаторҳоро ном бурда буданд, зикр карданд, ки аввал чораҳои тиббии доругузаронӣ, баъд куртаи дафъи ҷунин ва фиксаторҳо

истифода карда мешаванд.

Ҳамаи посухдиҳандагони пурсидашуда баён намуданд, ки дар муассисаи онҳо ҷойҳои ҷудокардашуда вуҷуд надоранд, бинобар ин, беморон дар онҳо нигоҳ дошта намешаванд.

| |
|---|
| «Дар беморхонаи мо ҳамаи ҷойҳо бо беморон пуранд, бинобар ин мо ҷойҳо ва утоқҳои ҷудокардашуда барои ҷазодиҳӣ надорем», - изҳор намуд яке аз роҳбарони пурсидашудаи МП. |

Аксарияти кулли посухдиҳандагони пурсидашуда баён намуданд, ки агар бемор ҳангоми истифодаи чораҳои фурӯнишонии/боздории ҷисмонӣ ҷароҳати ҷисмонӣ гирад, чунин ҳодисаҳо ҳамеша дар ҳуҷҷатҳои тиббии бемор сабт карда мешаванд.

100% посухдиҳандагони пурсидашудаи МП зикр намуданд, ки дар муассисаи онҳо ҳолатҳои аз ҷониби кормандон баромадан аз ҳадди таъсиррасонии ҷисмонии зарурӣ вуҷуд надоштанд.

Қарор дар хусуси истифодаи маҳдудиятҳои ҷисмонӣ ё ҷудокунии бемор, одатан, аз ҷониби духтури муолиҷакунанда, ё роҳбари МП қабул карда мешавад. Дар айни ҳол, дастурамали махсус оид ба истифодаи маҳдудиятҳои ҷисмонӣ ва ҷудокунии ғайри ихтиёрӣ дар МП бо мониторинг фарогирифташуда, тавре ки роҳбарони ин муассисаҳо таъкид намуданд, вуҷуд надорад.

71% пурсидашудагон зикр намуданд, ки ҳар як ҳолати маҳдудкунии ҷисмонӣ ё ҷудокунии ғайри ихтиёрӣ дар ҳуҷҷатҳо қайд карда мешавад: асосан, дар таърихчаи беморӣ (60%), дар китоби бақайдгирӣ, корти амбулаторӣ ва шахсии бемор (40%). Ин ҳуҷҷатҳо дар назди духтури табобаткунанда (60%) ё сарҳамшираи шафқат (20%) ё утоқи ординаторҳо (20%) нигоҳ дошта мешаванд. Одатан, хешовандони беморон (60%) ба ин ҳуҷҷатҳо дастрасӣ надоранд, 40% ба ин ҳуҷҷатҳо дастрасӣ доранд. Вале адвокати шахси бемор ба ин ҳуҷҷатҳо дастрасӣ дорад (100%). Боқимонда 29% пурсидашудагон зикр карданд, ки чунин ҳолатҳо дар ҳуҷҷатҳо қайд карда намешаванд. Танҳо 30% пурсидашудагон изҳор намуданд, ки дар ин ҳуҷҷатҳо сабабҳо, хислат

ва дарҷаи маҳдудиятҳо ё ҷудокуниҳо қайд карда мешаванд.

## 1.2. Натиҷаҳои пурсиши дутурони МП

***Расонидани зиёни ҷисмонӣ/зӯроварии ҷинсӣ (шаҳвонӣ) нисбати беморон***

Аз шумораи умумии духтурони пурсидашуда 36% зикр карданд, ки дар МП онҳо ҳолатҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯб аз ҷониби беморон ба якдигар – таҳқир ва лату кӯб ҷой доштанд. 64% пурсидашудагони боқимонда изҳор намуданд, ки дар МП чунин ҳодисаҳо вуҷуд надоштанд.

Асосан, ҳолатҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯб, ки беморон ба якдигар раво дидаанд, дар шакли таҳқир (32%) ва лату кӯб (16%) буданд, инчунин ҳолатҳое, буданд, ки беморон аз якдигар хӯрок, савғотиҳо (8%) ё либосро (8%) кашида гирифтаанд, кӯшишҳои содир кардани амалҳои дорои хислатӣ ҷинсӣ намудаанд (4%).

> «Аксар вақт бинобар вазъи саломатии худ ва чунин бемори беморон ҳамдигарро таҳқир мекунанд, бо суханҳои қабеҳ дашном медиҳанд».

Тавре ки аксарияти кулли духтурони пурсидашуда, ҳолатҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯби беморон аз ҷониби кормандон вуҷуд надоштанд, ва ягон нафар аз духтурони пурсидашуда, аз он ҷумла, ҳамкорони онҳо, барои муносибати бад бо беморон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудааст. Танҳо ду нафар духтурони пурсидашуда зикр намуданд, ки онҳо намедонанд, ки оё ҳамкоронашон барои муносибати бад бо беморон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, ё не.

*Ҳуқуқи беморон ба робита кардан бо олами беруна*

Аксарияти кулли духтурони пурсидашуда (92%) зикр намуданд, ки хешовандон ва дигар одамони наздик беморонро хабар мегиранд. Як духтур (ин 4%) зикр намуд, ки хешовандон беморонро хабар намегиранд, ва боз ду духтури дигар (8%) зикр карданд, ки хабаргирӣ аз маҳалли истиқомати хешовандон вобастагӣ дорад, қариб 70% хешовандон наздикони бемори худро хабар намегиранд.

Духтурони пурсидашудаи МП рӯзҳо ва соатҳои қабули зеринро зикр намуданд, ки дар муассисаҳои онҳо муқаррар шудаанд:

| | **Душанбе** | **Рӯдакӣ** | **Норак** | **Хуҷанд** | **Б.Ғафуров** | **Исфара** | **Конибодом** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Рӯзҳо** | Ҳар рӯз | Ҳар рӯз (душанбе –шанбе) | Бе маҳдудият | панҷ.-якшанбе. | Бе маҳдудият | Бе маҳдудият | Бе маҳдудият |
| **Соатҳо** | аз 8.00 то 12.00 аз 16.00 то 18.00 | аз 8.00 то 18.00 | Бе маҳдудият | аз 8.00 то 12.00 аз 13.00 то 17.00 | аз 8.00 то 17.00 | Бе маҳдудият | Бе маҳдудият |

72% пурсидашудагон зикр намуданд, ки беморон бо хабаргирандагони худ якка ба якка мулоқот мекунанд, 28% - якка ба якка сӯҳбат намекунанд, мулоқот дар ҳузури санитар, нозир, нигоҳбон ё дигар корманди тиббӣ сурат мегирад.

Тибқи ҷавобҳои аксарияти пурсидашудагон (84%), бемор метавонад ҳам муросилот (мактуб, пайғом ва ғайра) гирад ва ҳам фиристад. Яктоӣ духтурон (4%) зикр намуданд, ки бемор метавонад танҳо мактуб гирад ё фиристад. 12% духтурони пурсидашуда (духтурони МП ш. Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ) зикр намуданд, ки бемор наметавонад на муросилот гирад на фиристад, зеро дар амал чунин ҳолатҳо набуданд ё хадамоти почта ва

қуттии почта вуҷуд надорад.

Аз ҷумлаи онҳое, ки имконияти беморро ба фиристодан ва гирифтани мактубҳо зикр карданд, 57% изҳор намуданд, ки кормандон (асосан, духтурон ва духтурони табобаткунанда, навбатдорон) мундариҷаи мактубҳоро тафтиш мекунанд, асосан, бо мақсади бехатарӣ, то ки дар ин мактубҳо ягон чизи хатарнок ва ба саломатии бемор таҳдидкунанда набошад, инчунин, ба хотири он, ки мактуби холӣ фиристодани бемор пешгирӣ карда шавад. Боқимонда 43% зикр намуданд, ки кормандон мундариҷаи мактубҳои беморонро тафтиш намекунанд.

96% духтурони пурсидашуда зикр карданд, ки бемор метавонад ба суд, прокуратура ва адвокат шикоятнома ва ариза равон кунад. Танҳо 4% пурсидашудагон таъкид карданд (духтур аз МП н. Рӯдакӣ), ки бемор наметавонад ба суд, прокуратура ва адвокат шикоятнома ва ариза равон кунад, зеро ҳангоми таҳти табобати беморхонавӣ қарор доштан дар мавриди мукаллафияти бемор шубҳа вуҷуд дорад.

Қисми зиёди пурсидашудагон изҳор намуданд, ки кормандон мундариҷаи шиноятнома/аризаҳоро тафтиш намекунанд (65%). Танҳо 35% пурсидашудагон зикр карданд, ки кормандон (асосан, ҳамшираҳои шафқати навбатдор ва духтурони табобаткунанда мундариҷаи шикоятнома/аризаҳоро бо мақсади бехатарӣ тафтиш мекунанд, то ки дар онҳо суханҳои қабеҳ набошанд, бо мақсади тафтиши дурустии онҳо.

### *Чораҳои фурӯнишонии (боздории) беморон*

Тавре ки пурсиши духтурони МП нишон дод, асосан, дар ҳолате ки, агар бемор тунхӯӣ кунад ва ба ҳаёт ва саломатии дигар беморон ё кормандон таҳдид намояд, нисбати ӯ чораҳои тиббии доругузаронӣ (сӯзандорӯ, доруи хаб) истифода мешаванд – 96%. Ҳолатҳое мешаванд, ки дар чунин ҳол чораҳоеро, ба монанди бастан ба кати махсус бо тасмаҳо, бандҳо (15%), фиксаторҳо (15%), инчунин куртаи дафъи ҷунун (8%) истифода мекунанд. Қариб ҳамаи роҳбарои МП ҳангоми пурсиш исрор карданд, ки

дар МП онҳо ҷойҳои ҷудонигоҳдорӣ вуҷуд надоранд. Вале, пурсиши духтурони МП нишон дод, ки дар МП ба сифати чораи оромкунӣ чунин усулҳо, ба монанди ҷойгиронии шахс дар палата ё утоқи махсус истифода мешаванд (12%).

Ба савол дар хусуси он, ки оё ҷадвали чораҳои оромкунӣ ва ҷудокунии маҷбурӣ, агар бемор рафтори хушунатомез кунад ва ба ҳаёт ва саломатии дигар беморон ё кормандон таҳдид кунад, бо тартиби аз начандон вазнин то вазнин, вуҷуд дорад, аксари духтурони пурсидашуда зикр намуданд, ки чунин ҷадвал вуҷуд надорад, ва аз таҷрибаи шахсии худ, тавре ки дар МП онҳо рӯй медиҳад, ҷадвали гуногунро номбар карданд. Масалан, духтурони МП ноҳияи Рӯдакӣ ҷадвали зерини чораҳоро зикр намуданд:

1. Сӯҳбат
2. Куртаи дафъи ҷунин
3. Чораҳои тиббии доругузаронӣ
4. Ба кат бастан
5. Утоқи ҷудокунӣ.

Духтурони МП ш. Норак ва Конибодом ҷадвали чораҳои зеринро номбар карданд:

1. Бастан
2. Чораҳои тиббии доругузаронӣ.

Дар МП ноҳияи Б. Ғафуров зикр намуданд, ки дар ҳама ҳолатҳо танҳо чораҳои тиббии доругузаронӣ истифода мешаванд.

Як духтур аз МП ш. Хуҷанд зикр намуд, ки танҳо чораҳои тиббии доругузаронӣ истифода мешаванд, як нафари дигар гуфт, ки ҳама гуна чораҳои оромкунониро истифода кардан мумкин аст, ду нафар қайд намуданд, ки дар муассисаи онҳо ҷадвали чораҳо вуҷуд надорад, терапия (дармон) пешбинӣ шудааст.

Дар ш. Душанбе ҳамаи духтурони пурсидашуда, ба ғайр аз як нафар ҷадвали зеринро номбар карданд:

1. Сӯҳбат
2. Чораҳои тиббии доругузаронӣ
3. Дар кат бастан.

Як духтур зикр намуд, ки дар муассисаи онҳо ҷадвали чораҳо вуҷуд надорад.

Дар МП Исфара духтурон зикр намуданд, ки онҳо ҷадвали чораҳоро надоранд, ё ки ҳама гуна чораҳои оромкуниниро истифода кардан мумкин аст.

Аксари духтурони пурсидашудаи МП ба савол оид ба он, ки одатан бемор чанд муддат дар утоқи ҷудогона нигоҳ дошта мешавад, ҷавоб доданд, ки дар МП онҳо чунин утоқҳо (ҷойҳо) вуҷуд надоранд (65%). 19% пурсидашудагон (ҳама духтурони МП н. Рӯдакӣ) баён намуданд, ки дар муассисаи онҳо ҷойҳои (утоқҳои) маъсуси ҷудогона вуҷуд надоранд, вале дар охири долон палатае мавҷуд аст, ки дар он бемор вақти ба ҷунун омадан метавонад аз 30 дақиқа то 3 соат нигоҳ дошта шавад. Як духтури МП ш. Душанбе зикр намуд, ки бемор то як ҳафта метавонад дар ҷойи ҷудогона нигоҳ дошта шавад, ва боз як духтури МП ноҳияи Б. Ғафуров изҳор намуд, ки нигоҳдории бемор дар ҷойи ҷудогона ба ҳолати бемор вобастагӣ дорад. Дар айни ҳол, тахти мафҳуми ҷойи ҷудогона онҳо палатаи алоҳидаро дар назар доранд, ки беморони бар асари авҷи бемории худ баҷунуномада баъди дуругузаронии дахлдор дар он ҷо нигоҳ дошта мешаванд.

Аксарияти кулли духтурони пурсидашудаи МП (92%) баён намуданд, ки агар бемор ҳангоми истифодаи чораҳои оромкунонии/боздории ҷисмонӣ ҷароҳати ҷисмонӣ гиранд, ҳодасаҳои (далелҳои) мазкур ҳамеша дар ҳуҷҷатҳои тиббии бемор сабт карда мешаванд, боқимонда 8% изҳор намуданд, ки дар таҷрибаи онҳо ҳодисаҳои ҷароҳат бардоштани беморон ҳангоми истифодаи чораҳои оромкунонии ҷисмонӣ ҷой надоштанд.

Ҳама, ба ғайр аз як духтури МП зикр намуданд, ки ҳолатҳои аз ҷониби онҳо ё ҳамкоронашон аз ҳадди таъсиррасонии ҷисмонии зарурӣ берун баромадан вуҷуд надоштанд. Дар бораи он, ки ҳодисаи аз ҷониби худи посухдиҳанда аз ҳадди таъсиррасонии ҷисмонӣ берун баромадан ҷой дошт, яке аз духтуро-

ни МП ш. Душанбе изҳор кард, ба гуфтаи ӯ, ӯро барои ин ҷазо надоданд.

Андаке бештар аз нисфи духтурон пурсидашудаи МП (54%) зикр намуданд, ки қарор дар хусуси истифодаи чораҳои маҳдудкунии ҷисмонӣ ё ҷудокунонии беморро духтури табобаткунандаи бемор қабул мекунад, 23% мудири шӯъба, 8% - роҳбари МП-ро ба сифати шахсе, ки дар хусуси истифодаи чораҳои маҳдудкунии ҷисмонӣ ё ҷудокунонии бемор қарор қабул мекунад, зикр намуданд. Боз 27% пурсидашудагон гуфтанд, ки дар МП онҳо ин пешбинӣ нашудааст, ва он, ки дар муассисаи онҳо ҷойҳои ҷудогона вуҷуд надоранд.

Қисми зиёди духтурони пурсидашуда (77%) изҳор намуданд, дастурамали махсус оид ба истифодаи чораҳои маҳдудкунии ҷисмонӣ ва ҷудокунии ғайри ихтиёрӣ вуҷуд надорад. Боқимонда 23% духтурони пурсидашуда (ҳама аз МП н. Рӯдакӣ) гуфтанд, ки чунин дастурамал вуҷуд дорад ва дар утоқи кории мудири шӯъба аст.

Ба гуфтаи акдаке камтар аз нисфи духтурони пурсидашуда (46%), ҳар як ҳодисаи оромкунонии ҷисмонӣ ё ҷудокунии ғайри ихтиёрӣ дар ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта мешавад, асосан дар таърихчаи бемории шахси бемор, дар китоби махсус, дар корти шахсии тиббии бемор. Ин ҳуҷҷатҳо дар утоқи кории духтури табобаткунанда, мудири шӯъба, сардухтур, кормандони тиббии навбатдор, дар утоқи ординаторҳо, утоқи муолиҷа ё дар картотека нигоҳ дошта мешаванд. Хешовандони беморон дар аксари ҳолатҳо, ба истиснои як ҳолат, ба чунин ҳуҷҷатҳо дастрасӣ надоранд, вале, тавре ки 67% духтурон зикр карданд, адвокати шахси бемор ба ин ҳуҷҷатҳо дастрасӣ дорад. Тавре ки қисми дигари пурсидашудагон – 33% гуфтанд, адвокати шахси бемор низ ба ин ҳуҷҷатҳо дастрасӣ надорад. Ба ақидаи аксарият (83%) дар ин ҳуҷҷатҳо сабабҳо, хислат ва дарҷаи маҳдудиятҳо ё ҷудокуниҳо сабт карда мешаванд, 17% пурсидашудагон аз ҷумлаи онҳое, ки дар мавриди бақайдгирии ҳар як ҳодисаи оромкунонии ҷисмонӣ ё ҷудокунии ғайри ихтиёрӣ мусбӣ ҷавоб доданд, гуфтанд, ки дар

ин ҳуҷҷатҳо сабабҳо, хислат ва дараҷаи маҳдудкунӣ ё ҷудокунӣ сабт карда намешаванд.

## 1.3. Натиҷаҳои пурсиши ҳайати кормандони хурд

### *Ҳуқуқи беморон ба робита бо олами берунӣ*

Бояд зикр кард, ки дар рафти пурсиши ҳайати кормандони хурд дар МП ш. Конибодом, якчанд пурсидашавандагон, пурсиш ба охир нарасида, дур шуданд. Дар МП Конибодом шарҳ доданд, ки ҳайати кормандони хурд асосан аз собиқ беморони МП мазкур иборат аст, бинобар ин дар баъзе ҳолатҳо онҳо метавонанд ноҷо рафтор кунанд. Бо ҳамин сабаб, шумораи пурсидашавандагон кам шуд.

Ҳама, ба истисноли як посухдиҳанда (МП н. Рӯдакӣ) зикр карданд, ки хешовандон ва дигар одамони наздик метавонанд беморро хабар гиранд. Дар айни ҳол, қариб ҳамаи пурсидашудагон гуфтанд, ки хешовандону наздикон метавонанд ҳар рӯз аз соати 8.00 то 17.00 ба хабаргирии беморон оянд.

84% посухдиҳандагони пурсидашуда гуфтанд, ки беморон метавонанд бо хабаргирандагони худ танҳо сӯҳбат кунанд, 14% гуфтанд, ки беморон наметавонанд бо хабаргирандагони худ танҳо сӯҳбат кунанд, ҳангоми вохӯрӣ санитар, ҳамшираи шафқат ё бародари шафқат, нигаҳбон аз ҷумлаи милитсионерҳо ҳузур дорад. 2% ҷавоб доданд, ки ин аз вазъи саломатии бемор вобастагӣ дорад.

Аксарияти кулли посухдиҳандагони пурсидашуда (82%) зикр карданд, ки беморон метавонанд муросилот (мактуб, пайғом ва ғайра) фиристонанд ва гиранд, 2% изҳор намуданд, ки беморон метавонанд танҳо онҳоро фиристанд. Боқимонда 16% гуфтанд, ки беморон наметавонанд муросилот фиристанд ё гиранд, зеро ба ин зарурат нест, хешовандон дар наздикӣ зиндагӣ мекунанд ё ки хадамоти почта вуҷуд надорад, ва муросилотро танҳо ба воситаи духтури табобаткунанда фиристодан мумкин

аст.

Аз ҷумлаи онҳое, ки дар мавриди имконпазир будани фиристодан ва гирифтани муросилот аз ҷониби беморон сухан гуфтанд, 68% зикр намуданд, ки дар айни ҳол, кормандон мундариҷаи мактубҳоро тафтиш мекунанд, асосан, навбатдорон, духтурони табобаткунанда ва мудирони шӯъбаҳо, бо мақсади он, ки ба касе зиён нарасад, бемор шикоят накунад ва мактубҳои манфӣ нанависад, ба хотири бехатарӣ. Ҳамчунин пурсидашудагон зикр намуданд, ки ҳолатҳое мешаванд, ки беморон худашон мактубро хонда наметавонанд ва аз кормандон хоҳиш мекунанд, ки мактубҳоро барои онҳо хонанд. Баъзе аз пурсидашудагон изҳор намуданд, ки онҳо намедонанд бо кадом мақсад кормандон мактубҳои беморонро тафтиш мекунанд. Боқимонда 32% пурсидашудагон гуфтанд, ки кормандон мактубҳои беморонро тафтиш намекунанд.

Қисми зиёди пурсидашудагон (59%) дар ҷавоб гуфтанд, ки дар МП онҳо ҳодисаҳои фирори беморон/вайрон кардани низом аз ҷониби беморон ҷой надоштанд. Дар хусуси вуҷуд доштани чунин ҳодисаҳо 39% пурсидашудагон изҳор намуданд. Тавре ки 39% зикр намуданд, дар чунин ҳолатҳо нисбати беморон ягон чора андешида намешавад, 27% зикр карданд, ки нисбати чунин беморон муолиҷаи интенсивӣ истифода мешавад, онҳо бозмегарданд, ва ба онҳо ба хубӣ фаҳмонида мешавад, ки ин корро кардан лозим нест.

67% посухдиҳандагони пурсидашуда изҳор намуданд, ки дар МП онҳо ҳолатҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯби беморон нисбати якдигар ҷой надоштанд, 3% зикр карданд, ки дар ин бора хабардор нестанд, 30% гуфтанд, ки чунин ҳодисаҳо ҷой доштанд, ва асосан аз таҳқиркунӣ (77%) ва лату кӯб иборат буданд. Ҳамчунин яктои пурсидашудагон, дар баробари ин вариантҳо, чунин ҳодисаҳоро зикр карданд, ки беморон хӯрок, савғотиҳо ва либосҳои якдигарро кашида мегиранд.

Ҳама, ба истисноі як посухдиҳанда аз МП н. Рӯдакӣ, изҳор намуданд, ки дар МП онҳо ҳолатҳои муносибати бад/зӯроварӣ/лату кӯб аз ҷониби кормандон нисбати беморон вуҷуд надо-

штанд. Дар айни ҳол, як посухдиҳанда гуфт, ки ин ҳодиса бо лату кӯб ва таҳқиркунии бемор алоқаманд буд; соли 2006 кормандон барои лату кӯб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда буданд.

Вале,дарбораиҳодисаҳоимазкур,таврекипосухдиҳандагон зикр намуданд, ҳамеша ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар дода мешавад. Ва ягон намояндаи МП, ба истисноси ҳолати дар боло зикргардида, барои мунисибати бад бо беморон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудааст.

> «Мо бо беморон муносибати хуб дорем». Аз суханони посухдиҳандае аз МП ш. Душанбе.

> «Дар муассисаи мо ба ин ҷиддӣ муносибат мекунанд». «Ҳеҷ кас ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудааст, зеро дар муассисаи мо чунин ҳолатҳои муносибати бад вуҷуд надоштанд». Аз суханони пурсидашудагони ҳамаи МП бо мониторинг фарогирифташуда.

### *Чораҳои оромкунонии (боздории) беморон*

Дар аксарияти кулли МП ба сифати чора дар ҳолате ки, агар бемор девонагӣ кунад ва ба ҳаёт ва саломатии дигар бемрон ё кормандон таҳдид кунад, чораҳои тиббии доругузаронӣ (сӯзанорӯ, доруи хаб ва ғайра) истифода карда мешавад. Вале, дар баробари чораҳои тиббии доругузаронӣ, баъзе пурсидашудагон дигар чораҳоро низ, ба монанди куртаи дафъи ҷунин (16%), ба кат бастан (2%) ва ҷойгир кардан дар палатаи ҷудогона (2%) номбар карданд. 5% пурсидашудагон изҳор намуданд, ки дар МП онҳо ҳолатҳои истифодаи чораҳои оромкунонӣ ҷой надоштанд.

Тавре ки аксарият таъкид карданд, ин чораҳо аз ҷониби ҳамшираи шафқат ё бародари шафқат (93%), инчунин санитар (47%) ё духтури табобаткунанда истифода карда мешаванд.

Аз суханони пурсидашудагон: «Электрошок ва дигар чораҳо дар давраи Шӯравӣ истифода мешуданд, ҳоло мо танҳо чораҳои тиббии доругузарониро истифода мебарем: беморонро укол мекунанд ё таблетка медиҳанд.

Дар мавриди ҷадвали чораҳои зикргардида бошад, аксари пурсидашудагон натавонистанд ин ҷадвалро номбар кунанд, ба назари онҳо, чунин ҷадвал вуҷуд надорад, асосан онҳо чораҳои тиббии доругузарониро истифода мекунанд. Вале ба ҳар ҳол, пусидашудагон аз се МП ҷадвали зерини чораҳоро номбар карданд:

Норак
1. Сӯҳбат
2. Чораҳои тибии доругузаронӣ
3. Фиксатсия (бастан)

Рӯдакӣ
1. Куртаи дафъи ҷунин
2. Чораҳои тибии доругузаронӣ
3. Ҳама гуна чораҳои оромкунониро истифода кардан мумкин аст

Душанбе
1. Сӯҳбат
2. Бозиҳои фориғкунанда
3. Ба кат бастан
4. Чораҳои тибии доругузаронӣ
5. Ҳама гуна чораҳои оромкунониро истифода кардан мумкин аст

Аксарияти кулли пурсидашудагон (93%) дар саволи он, ки бемор чанд вақт дар ҷойҳои ҷудогона нигоҳ дошта мешавад, ҷавоб доданд, ки дар муассисаи онҳо чунин ҷой вуҷуд надорад. Танҳо се нафар пурсидашудагон аз МП н. Рӯдакӣ зикр карданд, ки дар муассисаи онҳо ҷойҳои ҷудогона вуҷуд надоранд, вале

палатаҳои алоҳидае мавҷуданд, ки бемор вақти ҷанҷолӣ рафтор кардан дар он ҷо 2-3 соат (5%) ё 1-2 рӯз (2%) нигоҳ дошта мешавад.

Ба савол оид ба он, ки ҷойи ҷудогона чӣ гуна ҷой аст, на ҳама посухдиҳандагон ҷавоб дода тавонистанд. Мз 45 посухдиҳанда танҳо 20 нафар ба ин савол ҷавоб доданд. Аз ин миқдор, қисми зиёдашон (65%) ҷавоб доданд, ки он аз ҷойи махсус иборат аст, боқимонда 35% гуфтанд, ки ҷойи ҷудогона – ин палатаи муқаррарии якҷоя аст.

Ҳамчунин на ҳама пурсидашудагон ба савол дар хусуси он, ки кӣ қарори истифодаи маҳдудият ё ҷудокунии беморро қабул мекунад, ҷавоб доданд. Ба ин савол танҳо 21 посухдиҳанда ҷавоб дод, аз онҳо 76% гуфтанд, ки қарорро духтури табобаткунанда, 24% - роҳбари МП ва 5% - мудири шӯъба қабул мекунад. Дар айни ҳол, 92% зикр карданд, ки ҳар як ҳолати маҳдудкунии ҷисмонӣ ё ҷудокунии ғайри ихтиёрӣ дар ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта мешавад: таърихчаи беморӣ, дафтар, корти шахсӣ, китоби бақайдгирии муолиҷа ё махсус. Дигарон гуфтанд, ки ба қайд гирифта намешаванд. Асосан, хешовандони беморон ба ин ҳуҷҷатҳо дастрасӣ надоранд. (71%), адвокати шахси бемор низ на ҳамеша дастрасӣ дорад, дастрасӣ танҳо дар 33% ҳолатҳо вуҷуд дорад, дар ҳолатҳое боқимонда не. Вале сабабҳо, хислат ва дарҷаи маҳдудкунӣ ё ҷудокунӣ дар ҳама ҳолатҳо дар ҳуҷҷатҳо сабт карда мешавад.

79% пурсидашудагон изҳор мекунанд, ки дар сурати ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштани бемор ҳангоми истифодаи чораҳои оромкунонии/боздории ҷисмонӣ нисбати ӯ, ҳамаи ин далелҳо ҳамеша дар ҳуҷҷатҳои тибии бемор сабт карда мешаванд. Танҳо 5% пурсидашудагон аз ҷумлаи посухдиҳандагони ҳайати кормандони хурди МП н. Рӯдакӣ изҳор намуданд, ки ин ҳолатҳо сабт карда намешаванд, зеро онҳо чандон ҷиддӣ нестанд. Боқимонда 16% пурсидашудагон гуфтанд, ки онҳо дар ин бора чизе намедонанд, ва дар муассисаи онҳо чунин ҳолатҳо ҷой надоштанд.

Ягон ҳодисаи аз ҳадди таъсиррасонии ҷисмонии зарурӣ баромадани кормандон вуҷуд надошт, ва ягон корманд барои ин ҷазо дода нашудаааст.

***Иштироки беморон дар озмоиши доруҳои нав***

Аксарияти кулли посухдиҳандагони пурсидашуда изҳор намуданд, ки беморон дар истифодаи муолиҷа бо доруҳои нав дар доираи озмоиши онҳо иштирок намекунанд.

Ҳама, ба ғайр аз як нафар пурсидашуда аз МП ш. Хуҷанд, изҳор намуданд, ки бемор метавонад қабули доруҳои навро дар доираи озмоиши онҳо рад кунад.

## 1.4. Натиҷаҳои пурсиши беморони МП

***Ҳуқуқи беморон ба робита бо олами берунӣ (Робита бо оила)***

Аксарияти кулли беморон (88%) изҳор намуданд, ки наздикону хешовандон метавонанд онҳоро хабар гиранд. Боқимондаҳо ҷавоб доданд, ки онҳо хешованде надоранд, ки онҳоро хабар гиранд. Ба саволи ҳар чанд вакт хешовандон беморонро хабар мегиранд, ҷавобҳои гуногун буданд: баъзе беморонро хешовандон ҳафтае якчанд маротиба хабар мегиранд, дигаронро – моҳе якчанд маротиба. Як қисми беморон ҷавоб доданд, ки дар тамоми давраи дар МП буданашон онҳоро ҳамагӣ 1-2 маротиба хабар гирифтаанд. Зиёда аз нисфи посухдиҳандагон (55%) зикр карданд, ки хабаргирӣ ҳар рӯз иҷозат аст. Асосан, вақти хабаргирӣ аз соати 8.00 то 17.00 номбар карда шуд.

Аксарияти пурсидашудагон (65%) бо хабаргирандагони худ якка ба якка сӯҳбат мекунанд. 20% посухдиҳандагон зикр намуданд, ки онҳо имконият надоранд бо наздикон ва хешовандони худ дар танҳоӣ сӯҳбат кунанд, зеро ҳангоми боздидҳо ҳамшираи шафқат ё бародари шафқат, дар баъзе ҳолатҳо – санитарзан ҳузур доранд (қариб ҳамаи онҳое, ки ин тавр ҷавоб до-

данд – беморон аз БҶБР).

Аксарияти мулоқотҳо бо хешовандону наздикон дар ошхона ё дар ҳавлии беморхона сурат мегиранд. Танҳо 19% пурсидашудагон (аз онҳо танҳо 4 бемор аз БҶБР) ҷавоб доданд, ки боздидҳо дар утоқи махсус барои ин таъингардида баргузор мегарданд. Қисми ками пурсидашудагон чунин ҷойҳоро, ба монанди толори даромадгоҳи муассиса ё палатаи бемор номбар карданд.

Дар мавриди мактуб ва муросилаҳо дар МП бошад, тибқи пурсиш, 30% посухдиҳандагон ҷавоб доданд, ки онҳо метавонанд мактуб ва муросилаҳо гиранд ва фиристанд, 14% зикр карданд, ки мактуб ва муросилаҳоро танҳо гирифта метавонанд.

41% беморони пурсидашуда ба савол дар хусуси гирифтан ва фиристодани мактуб ва муросилаҳо ҷавоб доданд, ки онҳо мактуб ва муросила гирифтан ва фиристодан наметавонанд. Дар айни ҳол, сабабҳои гуногун номбар карда шуданд: қисме аз пурсидашудагон гуфтанд, ки ба ин зарурат нест, баъзе беморон зикр карданд, ки ин иҷозат нест. Чунин ақидаҳо садо доданд:

> «Мумкин нест, барои он, мо одам нестем». «Ин ҷо ҳабсхонаи хурд аст».

Аксарияти кулли мактубҳо ва муросилаҳое, ки беморон мефиристанд ва мегиранд, аз ҷониби кормандони МП тафтиш карда мешаванд (67% аз шумораи онҳое, ки мактуб ва муросила мефиристанд). Асосан, онҳоро бародарони шафқат ва ҳамшираҳои шафқат, баъзан худи духтурон тафтиш мекунанд.

Қариб нисфи посухдиҳандагон бо ҳеҷ кас телефонӣ робита намекунанд (онҳо изҳор намуданд, ки касе надоранд, ки бо ӯ телефонӣ сӯҳбат кунанд, ё ки зарурати ба чунин робита вуҷуд надошт).

Ягон бемори пурсидашуда телефони мобилӣ (ҳамроҳ) надорад, ки онро дар МП истифода барад. Истифода кардани телефони шаҳрӣ танҳо ба шумораи ками беморони пурсидашуда иҷозат дода шудааст (10%).

16% пурсидашудагон зикр намуданд, ки хешовандон худашон ба телефони шаҳрии МП занг мезананд ва онҳоро ба телефон ҷеғ мезананд, яъне, алоқа яктараф аст.

20% изҳор карданд, ки онҳо наметавонанд бо хешовандони худ ба воситаи телефон сӯҳбат кунанд.

67% пурсидашудагон гуфтанд, ки онҳо ҳақ надоранд дар давраи муолиҷа МП-ро тарк кунанд. 33% зикр карданд, ки метавонанд ба муддати якчанд соат ҳатто якчанд рӯз аз МП берун раванд. Барои аз МП берун рафтан, беморон, асосан, иҷозати духтуру табобаткунандаро мегирад, баъзе беморон аз ҳамшираи шафқат ё бародари шафқат ва дар ҳолатҳои алоҳида аз роҳбари МП иҷозат мегиранд.

## Муносибати бад

Танҳо 4% бемрони пурсидашуда ҳолатҳои муносибати бади кормандони МП-ро нисбати онҳо зикр намуданд. Масалан, ба гуфтаи як бемор, ӯ нимкатро чаппа кард ва ҳамаро дашном дод, ва духтур барои ин ба сари ӯ фарёд зад. Ҳамчунин беморон зикр намуданд, ки онҳоро лату кӯб ва таҳқир кардаанд, инчунин хӯрокашонро кашида гирифтаанд. Боз як бемори дигар гуфт, ки бародари шафқат ё ҳамшираи шафқат ҳар дафъа ҳангоми ба ӯ сӯзандору гузаронидан ин корро дарднок мекунанд. Ба саволи, кӣ муносибати бад мекунад, ҷавобҳои баробар дода шуданд: 3 ҷавоб – духтурон, бародари шафқат/ҳамшираи шафқат ва санитар/санитарзан.

10% пурсидашудагон низ муносибати бади дигар беморонро, ки ба гуфтаи посухдиҳандагон, аз онҳо хӯрок ва либосашонро кашида мегирифтанд, таҳқир ва лату кӯб мекарданд, зикр намуданд.

Ҳангоме ки беморон нисбати беморони дигар рафтори бад мекарданд, кормандони тиббӣ кӯшиш менамуданд онҳоро ором кунанд, хӯрок ва либосашонро баргардонанд, ба беморон мегуфтанд, ки ин корро дигар такрор накунанд. Танҳо дар 3 ҳолат кормандон ба чунин рафтори беморон нисбати ҳамдигар беэътиноӣ кардаанд.

Танҳо 4 посухдиҳанда шоҳиди муносибати бади кормандони МП бо дигар беморон будаанд. Масалан, ба гуфтаи ин посухдиҳандагон, кормандони МП дигар беморонро таҳқир кардаанд, инчунин дар 1 ҳолат хӯрок ва савғотиҳои онҳоро кашида гирифтаанд.

**Ҷазо**

Танҳо 2 бемор аз ҷумлаи пурсидашудагон (беморони БҶБР) гуфтанд, ки онҳоро дар МП ҷазо додаанд. 1 бемор зикр намуд, ки ӯро бо дастон заданд ва ба ӯ сӯзандору гузаниданд, ки дар натиҷаи он тамоми баданаш дард мекард. Бемори дуюм гуфт, ки ӯро аз хӯрок ва нӯшокӣ маҳрум карда буданд. Ба гуфтаи ин беморон, ҷазоро нисбати онҳо ҳам духтурон ва ҳам ҳамшираҳои шафқат/бародарони шафқат ва санитарҳо раво дидаанд. Сабаби ҷазо фирор аз беморхона, рад кардани қабули доруҳо, инчунин он будааст, ки яке аз беморон ҳамеша хоҳиш мекунад, ки намояндагони «мақомоти башардӯстонаи ҷамъиятиро» ба МП даъват кунанд.

Ҳамчунин 1 нафар аз беморони пурсидашуда изҳор намуд, ки нисбати ӯ ба сифати ҷазо «шоковая терапия» (шокдармонӣ) истифода шудааст. 13% пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки дар хотир надоранд ё намедонанд, ки нисбати онҳо шокдармонӣ истифода шуда буд ё не. 1 нафар ҷавоб дод, ки эҳтимол, истифода ҳам карда бошанд, зеро дар ин МП «ҳама чиз мумкин аст» (бемори БҶБР). Ҳама пурсидашудагони боқимонда (76%) ба савол дар хусуси истифодаи шокдармонӣ нисбати онҳо ҷавоби рад доданд.

Қариб 62% пурсидашудагон зикр намуданд, ки дар МП ҷойи (утоқи) махсуси алоҳидае, ки дар сурати авҷ гирифтани беморӣ ё дар дигар ҳолатҳо беморонро дар он ҷо ҷойгир мекунанд, вуҷуд надорад.

6% беморони пурсидашуда гуфтанд, ки чунин ҷой вуҷуд дорад, вале ягон нафари онҳо дар чунин ҷой ҷойгир карда нашудааст.

**Шароити буду бош дар МП**

20% беморон ба беморони дигар мурокибат мекунанд. Асосан, онҳо ба кормандони муассиса дар нигоҳубини дигар беморон ёрӣ мерасонанд, вақте ки дар МП беморон аз ҳад зиёданд ё дар сурате ки бемор мустақилона ҳаракат карда наметавонад. Баъзе боморон ба кормандон ҳангоми қабули хӯрок кӯмак мекунанд, масалан, беморони нобиро хӯрок мехӯронанд. Асосан, чунин кӯмакро беморон доимо анҷом намедиҳанд, ҳафтае 1 маротиба ё ба қадри имкон.

Аксарияти кулли беморони пурсидашуда (83%) аз шароити буду бош дар МП қаноатманданд.

6% пурсидашудагон норозианд, боқимонда гуфта наметавонанд (1 нафар қисман қаноатманд аст). Ба беморони аз шароити буду бош дар МП норозӣ, хӯрок, либос, хоҷатхона ва ҷойи шустушӯй, ҷойҳои хоб, муносибати кормандон, он, ки баъзан қувваи баркро қатъ мекунанд, маъқул нест. 1 бемор аз он норозӣ аст, ки ҳеҷ кас ӯро аз МП гирифта намебарад.

Тавзеҳот нисбати шароити буду бош дар МП:

«Хӯрок ниҳоят бад аст, хӯрдан намешавад, бӯй мекунад, дар беморхона намнокӣ хеле зиёд ва хунук аст, аслан оби хунук нест. Табобат доим як хел: таблетка ва укол, саломатиамон рӯз аз рӯз бадтар».

«Дар хоҷатхона об нест, палата намнок ва хунук аст, хӯрок тамоман мазза надорад, ягон кас аз роҳбарони МП ба назди мо намедароянд, муносибати кормандон нисбати ман бад аст, кат кӯҳна, ифлос, сахт, бӯйгин».

## 1.5. Натиҷаҳои пурсиши хешовандони беморони МП

***Муносибати бад***

Аз байни ҳамаи пурсидашудагон танҳо як нафаре, ки дар ш. Душанбе пурсида шуд, гуфт, ки хешованди ӯ, ҳангоми дар МП будан, аз шароити бади нигоҳдорӣ шикоят кард: нисбати набудани оби хунуку гарм ва хӯроки бадсифат. Ҳамчунин ӯ аз табобати бад ва аз муносибати бад аз ҷониби дигар беморон шикоят кард. Муносибати бад аз он иборат буд, ки бемирони дигари МП аз ӯ хӯрок ва савғотиҳояшро кашида мегирифтаанд.

Тавзеҳоти ин бемор дар мавриди хӯрок: «Бад аст, хӯрдан намешавад. Хӯрок кам, ва он бесифат аст». Вале, посухдиҳандаи пурсидашуда зикр намуд, ки хешованди ӯ – бемори МП, бо сабаби бемории худ дурӯғ гуфтанаш ҳам мумкин аст.

Ягон кас аз посухдиҳандагони пурсидашуда шоҳиди муносибати бад бо хешовандони онҳо – беморони МП, аз ҷониби кормандони МП набудааст.

Ягон хешованд – бемори МП ба наздикони худ дар мавриди он, ки ӯро дар МП ҷазо медиҳанд, шикоят накард.

Ба саволи, оё як вақт нисбати хешованди шумо дар МП шокдармонӣ истифода шудааст ва оё ӯро бо сабаби авҷ гирифтани бемориаш ё дар дигар ҳолатҳо дар ҷойи махсуси ҷудогона нигоҳ доштанд, ҳамаи посухдиҳандагон ҷавоби рад доданд. Танҳо 1 пурсидашаванда гуфт, ки намедонад, ки оё хешованди ӯро дар МП дар чунин ҷой нигоҳ доштаанд, ё не.

Ягон посухдиҳанда бинобар шикояти хешовандон – беморони МП, ба адвокат муроҷиат накардааст, зеро, ба гуфтаи пурсидашудагон, чунин шикоят вуҷуд надошт.

### *Ҳуқуқ ба робита бо олами берунӣ*

Ҳамаи посухдиҳандагони пурсидашуда имконияти хабар гирифтани хешовандони худро, ки дар МП муолиҷа мешаванд, доранд. 11 нафар посухдиҳандагон зикр карданд, ки беморонро ҳар рӯз хабар мегиранд, 5 нафар – ҳафтае 2-3 маротиба, 5 – ҳафтае 1 маротиба, 7 – моҳе 1 маротиба, боз 5 нафари дигар – баъзан ё ба қадри имкон.

Аксарияти пурсидашудагон имконият доранд ҳангоми ха-

баргирии хешовандони худ дар МП дар танҳоӣ сӯҳбат кунанд. 5 нафар пурсидашудагон гуфтанд, ки онҳо чунин имкониятро надоранд, зеро дар вақти боздид ё санитар ё бародари шафқат/ ҳамшираи шафқат ҳузур дорад.

19 посухдиҳанда зикр карданд, ки вохӯрии онҳо дар утоқи махсус барои мулоқот дар МП сурат мегирад. 4 нафар гуфтанд, ки вохӯрӣ дар долони даромадгоҳи муассиса мегузарад, 4 нафар – дар ошхона, 3 нафар – дар палата, боз 3 нафари дигар – дар ҳавлӣ.

8 посухдиҳанда зикр намуданд, ки метавонанд мактубу муросилаҳои хешовандони дар МП қарордоштаро гиранд ва ба онҳо мактубу муросилаҳо фиристанд. 14 нафар ҷавоб доданд, ки мактуби муросила нагирифтаанд ва нафиристодаанд, зеро ба ин зарурат набуд. Боз 11 нафар посухдиҳандаи дигар ҷавоб доданд, ки аз хешовандони дар МП қарордоштаи худ вуҷуд доштани чунин имкониятро пурсон нашудаанд ва мактуби муросида нафиристодаанд.

Танҳо 3 нафар аз онҳое, ки ба беморони МП мактуб ва муросила фиристода буданд, зикр карданд, ки хешовандони дар МП қарордоштаи онҳо мактуб ва муросилаҳоро гирифтанд, опсухдиҳандагони боқимонда ба ин савол ҷавоб дода натавонистанд.

20 нафар посухдиҳандагон зикр карданд, ки вақте ки онҳо ба МП барои хешовандонашон савғотиҳо меоранд, онҳоро кормандори МП тафтиш мекунанд, асосан ҳамшираҳои шафқат, бародарони шафқат, баъзан духтурон. Боқимонда 13 посухдиҳанда зикр карданд, ки савғотиҳоро кормандони МП тафтиш намекунанд.

Ба саволи, оё посухдиҳандагон имконият доранд бо хашовандони худ – беморони МП тариқи телефонӣ сӯҳбат кунанд, 21 посухдиҳанда изҳор намуданд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ бо хешовандони худ, ки дар МП қарор доранд, тариқи телефонӣ сӯҳбат накардаанд.

Танҳо 3 посухдиҳанда изҳор карданд, ки беморони МП аз тариқи телофони шаҳрӣ ба онҳо занг мезананд.

Тавре ки пурсиши посухдиҳандагон нишон дод, ягон хешованди бемори дар МП қарордошта телефони ҳамроҳ надорад.

8 нафар пурсидашудагон дар мавриди зарурат худашон ба телефони шаҳрии МП занг мезананд ва хоҳиш мекунанд, ки хешованди онҳоро ба назди телефон даъват кунанд.

Ба саволи, чанд маротиба посухдиҳандагон метавонанд бо хешовандони дар МП қарордоштаи худ тариқи телефонӣ сӯҳбат кунанд, 8 посухдиҳанда ҷавоб доданд, ки ба қадри зарурат ва имконият телефон мекунанд, 1 нафар ҷавоб дод, ки ӯ метавонад ҳафтае 2-3 маротиба занг занад, 1 нафар – моҳе 1 маротиба.

7 нафар аз 33 посухдиҳанда ҷавоб доданд, ки онҳо метавонанд хешовандони дар МП қарордоштаи худро дар давраи муолиҷа муваққатан ба муддати якчанд соат (2 нафар ин тавр ҷавоб доданд) ё ҳатто якчанд рӯз (ҷавоби 4 нафар) аз он ҷо бо худ гиранд, аз ин 7 нафар 2 нафар таъкид карданд, ки аз чунин имконият ягон вақт истифода накардаанд ва беморро аз МП нагирифтаанд. Ҳамаи посухдиҳандагоне, ки имконияти муваққатан бо худ гирифтани беморро аз МП дар давраи табобат зикр карданд, барои ин аз духтури табобаткунанда иҷозат пурсидаанд.

26 посухдиҳанда гуфтанд, ки аз МП гирифтани бемор дар давраи табобат мумкин нест.

### 1.6. Натиҷаҳои пурсиши адвокатҳо

Дар 5 соли охир бо шикоят дар мавриди муносибати бераҳмона ё ғайриинсонии кормандон нисбати беморони МП ҳамагӣ 3 нафар хешовандони беморони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ва танҳо ба адвокатҳои ш. Душанбе муроҷиат кардаанд. Муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ дар шакли меҳнати маҷбурӣ, зӯроварии ҷинсӣ, инчунин таҳқир ва пастзании шаъну эътибори инсонӣ зоҳир карда шудааст.

Дар вилояти Суғд дар 5 соли охир дар байни адвокатҳо ва ҳуқуқшиносони пурсидашудаи ТҒҲ ягон ҳолати муроҷиати беморони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ё хешовандони онҳо нисбати муносибати бераҳмона ва ғайриинсондӣ аз ҷониби корман-

дони МП ҷой надошт.

1 адвокат аз ш. Душанбе маслиҳат дод, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намоем. Дигар адвокат аз ш. Душанбе маслиҳат дод, ки ба роҳбарияти МП муроҷиат кунем, ва таъкид намуд, ки агар роҳбарият ягон чора наандешад, баъди ин ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат кардан мумкин аст. Адвокат зикр намуд, ки дар таҷрибаи ӯ чораҳои дорои хислати интизомӣ нисбати корманди МП андешида шуда буданд, посухдиҳандаи дуюм ҷавоб дод, ки нисбати корманди МП парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда буд.

Яъне, дар ҳама се ҳолат шикоятҳои адвокатҳо аз ш. Душанбе дар мавриди муносибати бераҳмона ё ғайриинсонӣ нисбати шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ қонеъ гардонида шудаанд.

Аксарияти кулли посухдиҳандагон ҷавоб доданд, ки муроҷиатҳо бо шикоятҳо дар мавриди истифодаи доруворӣ нисбати беморон дар доираи озмоиши онҳо вуҷуд надоштанд.

Ҳамаи посухдиҳандагон зикр намуданд, ки дар таҷрибаи онҳо ҳолатҳои муроҷиати шахсони бемор ва хешовандони онҳо бо шикоят дар робита ба истифодаи доруҳо ба манфиати худ бо мақсади оромкунонии беморон ҷой надоштанд.

## 2. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ

### 2.1. Натиҷаҳои пурсиши роҳбарони МП

***Ёрии равонпизишкӣ (психиатрӣ)***

| **Муоинаи аввалияи психиатрӣ (равонпизишкӣ)** | **Ёрии амбулатории психиатрӣ** | **Ёрии статсионарии психиатрӣ** | **Ёрии дигар (ёрии рӯзонаи статсионарӣ)** |
|---|---|---|---|
| Душанбе | Душанбе | Рӯдакӣ | Душанбе |
| Норак | Норак | Норак | |
| Хуҷанд | Хуҷанд | Хуҷанд | |
| Исфара | Б. Ғафуров | Б. Ғафуров | |
| Конибодом | Исфара | Исфара | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Конибодом | Конибодом | |

Барои муассисаи психиатрӣ (МП) соле дар ҳаҷми аз 154550 сомонӣ то 606723 сомонӣ маблағ ҷудо карда мешавад.

Дар аксари ҳолатҳо ин маблағ аз буҷети давлатӣ ҷудо карда мешавад (57%). Ҳамчунин, дар баробари аз буҷети давлатӣ ҷудо намудани маблағ барои таъминоти МП, маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои хусусӣ ҷудо карда мешавад (масалан, либос барои беморон, аз ҳисоби Иттиҳоди Европа 8000 Евро барои таъсиси коргоҳи дӯзандагӣ ва ғайра).

### *Дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани шахс*

86 % посухдиҳандагони пурсидашуда зикр намуданд, ки шахс метавонад бо қарори духтури психиатр (равонпизишк) бе розигии ӯ дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шавад, агар шахс иллатҳои возеҳи рӯҳӣ дошта бошад ва барои худ ва атрофиён хатарнок бошад. Дар айни ҳол, яке аз роҳбарони МП (Б.Ғафуров) зикр намуд, ки шахс бе розигии ӯ метавонад бо қарори духтури психиатр ва бо розигии хешовандон дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шавад, агар шахс иллатҳои возеҳи рӯҳи дошта бошад ва барои худ ва атрофиён хатарнок бошад. 14% пурсидашудагон зикр намуданд, ки шахс метавонанд бо қарори духтури психиатр бе розигии ӯ дар ҳар ҳолате, ки духтури психиатр бистарикунонии шахсро зарур меҳисобад, дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шавад.

Дар айни ҳол, 86% пурсидашудагон зикр намуданд, ки қарори мазкури духтури психиатр метавонад тасдиқ карда шавад: бо қарори суд (17%), бо қарори комиссияи духтурони психиатр (17%) ё ҳам бо қарори суд ва ҳам қарори комиссияи духтурони психиатр якҷоя (67%). 14% зикр намуданд, ки қарори духтури психиатр оид ба бистарикунонии шахс дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бе розигӣ набояд бо ягон чизи дигар тасдиқ карда шавад.

Ҳамаи пурсидашудагон зикр намуданд, ки агар шахс бо

розигии худ ё розигии намояндаи қонунии ӯ дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шуда бошад, чунин розигӣ хаттӣ дар шакли ариза ба расмият даровarда мешавад, ва он дар корти шахсӣ (29%), дар корти амбулаторӣ дар бойгонии (архиви) шӯъба (29%), дар назди сардухтур (43%) нигоҳ дошта мешавад.

Дар айни ҳол, дар ҳама гуна ҳолатҳо ба шахс асос ва мақсади дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани ӯро маъмурияти муассиса фаҳмонида медиҳад, инчунин ба ӯ тартиби шикоят кардан аз қарор оид ба дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани ӯ шифоҳӣ шарҳ дода мешавад.

Тавре ки ҳамаи роҳбарони пурсидашудаи МП зикр намуданд, хешовандони шахс дар бораи дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани ӯ дар муддати 24 соат хабардор карда мешаванд. Дар айни ҳол, ба гуфтаи як роҳбари МП (ин 14%-ро ташкил медиҳад) мӯҳлати ҳадди аксари дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ қарор доштани бемор аз якчанд рӯз то як моҳро ташкил медиҳад, ба гуфтаи як роҳбари дигар бошад – то шаш моҳ. Як роҳбар зикр намуд, ки ин мӯҳлат 180 рӯзро ташкил медиҳад. Боқимонда 57% посухдиҳандагони пурсидашуда зикр карданд, ки мӯҳлати дар муассиса қарор доштани бемор аз вазъияти бемор ва бемории ӯ вобастагӣ дорад.

> «Проблемаи аз ҳама бештар паҳнгардида – ин беморони худро хабар нагирифтани хешовандон мебошад. Бисёр хешовандон солҳо беморони худро хабар намегиранд», - роҳбари МП ш. Исфара.

## 2.2. Натиҷаҳои пурсиши духтурони МП

### *Дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани шахс*

81 % посухдиҳандагони пурсидашуда зикр намуданд, ки шахс метавонад бо қарори духтури психиатр (равонпизишк) бе розигии ӯ дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шавад, агар шахс иллатҳои возеҳи рӯҳӣ дошта бошад ва барои худ ва

атрофиён хатарнок бошад, 12% зикр карданд, ки бо қарори суд ва таъиноти поликлиника ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, боз 4% гуфтанд, ки бо қарори комиссияи тиббии машваратӣ ё парастор. Танҳо як духтури пурсидашуда (ин 4% аз шумморaи умумии духтурони пурсидашуда) зикр намуд, ки шахс метавонад бо қарори духтури психиатр бе розигии ӯ дар ҳар ҳолате, ки духтури психиатр бистарикунонии шахсро зарур меҳисобад, дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шавад.

Аксарияти кулли духтурони пурсидашуда зикр намуданд, ки агар шахс бе розигии ӯ бо қарори духтури психиатр дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шуда бошад, чунин қарори духтури психиатр бояд ҳатман тасдиқ карда шавад, вале дар айни ҳол вариантҳои гуногунеро, ки ин қарор бояд тариқи онҳо тасдиқ карда шавад, зикр намуданд. Масалан, 85% гуфтанд, ки чунин қарори духтури психиатр бо қарори комиссияи духтурони психиатр тасдиқ карда мешавад, 31% - бо қарори суд. Ҳамчунин як духтур зикр намуд, ки қарори духтури психиатр бо таъинот аз поликлиника тасдиқ карда мешавад. Бояд тазаккур намуд, ки ба саволи мазкур оид ба тасдиқи қарори духтури психиатр посухдиҳандагон якчанд варианти ҷавобро интихоб карданд, бинобар ин шумораи ҷавобҳо аз шумораи худи посухдиҳандагон зиёдтар шуд.

Агар шахс бо розигии худ ё розигии намояндаи қонунии ӯ дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шуда бошад, чунин розигӣ дар аксари кулли ҳолатҳо (81%) дар шакли хаттӣ ба расмият даровoрда мешавад, ва ин розигии хаттӣ одатан дар таърихчаи бемории шахси бемор, корти амбулаторӣ дар картотека ё дар назди мудири шӯъба нигоҳ дошта мешавад. Дар бораи барасмиятдарории розигӣ барои дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидан ба таври шифоҳӣ 15% пурсудашудагон изҳори ақида намуданд. Як духтури пурсидашудаи МП н. Рӯдакӣ (4%) зикр намуд, ки дар МП онҳо розигии бемор лозим нест.

Аксарияти кулли духтурони пурсидашудаи МП зикр намуданд, ки маъмурияти муассиса ба шахс асос ва мақсади дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани ӯро, асосан шифоҳӣ

ё хаттӣ шарҳ дода, дар ин бора ба корт маълумот ворид менамоянд, инчунин бо бемор сӯҳбат мекунанд. Як духтур аз МП н. Рӯдакӣ гуфт, ки аз ҷониби маъмурият ба шахс асос ва мақсади дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани ӯ фаҳмонида дода намешавад, агар ӯ дар вазъияти шадид қарор дошта бошад.

Тавре ки ҳамаи посухдиҳандагони пурсидашуда зикр намуданд, ба шахсе, ки дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шудааст, тартиби шикоят пешниҳод кардан аз қарори дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани ӯ фаҳмонида мешавад, вале дар айни ҳол бо тартиби гуногун: шифоҳӣ (65%), хаттӣ (35%) бо ворид намудани маълумот дар ин бора ба таърихчаи бемории шахси бемор, корти тиббӣ.

Ҳама, ба истиснои ду духтур аз МП н. Рӯдакӣ, зикр намуданд, ки дар хусуси дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонида шудани шахс хешовандони ӯ хабардор карда мешаванд (дар айни ҳол, як духтур аз МП н. Рӯдакӣ шарҳ дод, ки хешовандон дар сурате хабардор карда мешаванд, агар суроға ё телефони онҳо маълум бошад). Дар айни ҳол, асосан, онҳо дар муддати 24 соат хабардор карда мешаванд (88%). Яктоӣ духтурон зикр намуданд, ки ҳамааш аз вазъияти бемор, аз маҳалли истиқомати ӯ вобаста мебошад, хешовандон дар муддати 48 соат ё то 45 рӯз хабардор карда мешаванд.

Дар мавриди мӯҳлати дар муассиса қарор доштани бемор бошад, ҷавобҳои духтурон гуногун буданд, дар айни ҳол, духтурон якчанд вариантро интихоб намуданд, ва ин бор низ ҷавобҳо нисбат ба посухдиҳандагон зиёдтар шуданд. Ҳамин тариқ, 19% посухдиҳандагон зикр намуданд, ки бемор дар муассиса аз якчанд рӯз то як моҳ мемонад, боз 19% мӯҳлати се моҳро номбар карданд, 12% гуфтанд, ки бемор дар МП 6 моҳ мемонад, 4% - як сол. 50% пурсидашудагон зикр карданд, ки мӯҳлати аниқ вуҷуд надорад, ҳамааш аз вазъияти саломатӣ, ташхис, вазнинии бемории шахс вобастагӣ дорад. Ҳамчунин яктои духтури МП н. Рӯдаки зикр карданд, ки хешовандони бемор табобатро рад кунанд, он гоҳ ӯ дар муассиса мӯҳлати маҳдуд нигоҳ дошта мешавад, агар вазъи саломатии бемор беҳтар шавад ва ҷойи рафтан

дошта бошад, беморро ҷавоб медиҳанд, ва агар ҷойи рафтан надошта бошад, ӯ дар беморхона мемонад.

## 2.3. Натиҷаҳои пурсиши беморони МП

### *Принсипҳои бистарикунонӣ*

Зиёда аз нисфи беморон (62%) ба МП ихтиёрӣ омадаанд. 25% беморонро хешовандони онҳо ё милитсия маҷбурӣ овардаанд. Якчанд бемор ба ин савол ҷавоб дода натавонистанд, зеро дар хотир надоранд.

Аксарияти кулли беморони пурсидашуда ихтиёран ба дохили МП ворид шудаанд (73%).

12% беморонро хешовандони онҳо ё милитсия маҷбурӣ ба дохили МП ворид кардаанд. 5 бемори пурсидашуда гуфтанд, ки ба дастҳояшон дастбанд баста буданд, боз 4 бемори дигарро баста, маҷбуран ба МП ворид кардаанд.

Зиёда аз нисфи беморон ҳангоми ворид шудан ба МП кофтуков карда шудаанд. Дар якчанд ҳолат ошкор карда шуд, ки беморонро ҳамзамон ҳам кормандони ҷинси мард ва ҳам зан тафтиш кардаанд, масалан, бародари шафқат ва ҳамшираи шафқат.

Андаке бештар аз нисфи беморони пурсидашударо (51%) ҳангоми дар МП ҷойгир кардан либосашонро кашидаанд. Аз онҳо қариб 70 фоизашонро пурра луч кардаанд, боқимодаҳоро то либоси таг бараҳна кардаанд. Ҳангоми пурсиш 2 ҳолат рӯ ба рӯ гардид, ки беморони ҷинси мардро сарҳамшираи шафқат либосашонро кашидааст, ва дар 2 ҳолат беморони ҷинси мардро ҳамзамон ҳам корманди ҷинси мард ва ҳам ҷинси зани МП либосашонро кашидаанд, масалан, бародари шафқат ва ҳамшираи шафқат.

Амалан ҳамаи беморонро ҳангоми ворид шудан ба МП

духтур дар утоқи алоҳида, бе ҳузури шахсони бегона, муоина мекунад. Танҳо 4 нафар аз пурсидашудагон зикр карданд, ки ҳангоми муоинаи онҳо корманди МП ҳузур дошт (бародари шафқат, кормандони беморхона, духтурон ва санитарҳо).

Аз аксарияти беморони пурсидашуда (67%) ҳангоми дар МП хобонидан ашёҳои шахсиашонро нагифтаанд. Аз беморони дигар чунин ашёҳоро, ба монанди ручка, корд, сигарет, камарбанд, мӯҳра, ангуштаринҳои тилло, телефон, пул, либос, дандоншӯяк, гирифтаанд. Ба онҳое, ки либосашонро гирифта буданд, либоси беморхона додаанд.

## 2.4. Натиҷаҳои пурсиши хешовандони беморони МП

### *Принсипҳои бистарикунонӣ*

Дар 15 ҳолат шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ бо ташаббуси хешовандонашон дар МП хобонида шудаанд (ҳам посухдиҳандагони пурсидашаванда ва ҳам дигар хешовандон).

Дар 12 ҳолат шахсон бо қарори духтур дар МП хобонида шудаанд.

Дар 5 ҳолат посухдиҳандагон ҷавоб доданд, ки хешовандони онҳо бо хоҳиши худ дар МП хобонида шудаанд. Бояд зикр намуд, ки дар байни чунин беморони МП кӯдак ҳаст, ки аллакай имконияти мустақилона қарор қабул намудани ӯро дар мавриди дар МП хобониданаш истисно менамояд.

Ҳамин тариқ, аксарияти беморон бо ташаббус ва хоҳиши хешовандон дар МП хобонида шудаанд.

Ба гуфтаи пурсидашудагон, 28 нафар бо иллатҳои рӯҳӣ худашон ихтиёран ба МП омадаанд. 5 нафарро ба МП маҷбурӣ, ё ки бо роҳи фиреб овардаанд, зеро онҳо намехостанд табобат кунанд ва дар МП монанд. Масалан, баъзе посухдиҳандагон зикр намуданд, ки хешованди худро аз дасташ гирифта ба МП овардаанд.

## 3. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот

### 3.1. Натиҷаҳои пурсиши роҳбарони МП

***Муолиҷа***

Аксарияти кулли роҳбарони пурсидашудаи МП зикр намуданд, ки дастурамалҳои хаттӣ оид ба истифодаи дорудармонӣ вуҷуд доранд, ва ҳама доруҳои истифодашаванда доруҳои таъсирашон маълум ё тасдиқшуда мебошанд.

Дар ҳамаи муассисаҳои таҳти мониторинг фарогирифташуда номгӯйи доруворихои тиббии зарурие, ки бояд дар ҳар як муассисаи психиатрӣ мавҷуд бошанд, вуҷуд дорад. Дар ҳамаи муассисаҳои таҳти мониторинг фарогирифташудаи вилояти Суғд номгӯйҳои мазкур ба мусоҳибагузаронандагон нишон дода шуд, вале, баъзе номгӯйҳо барои солҳои пешин буданд, баъзеашон мӯҳр надоштанд. Дар МП ш. Душанбе номгӯйи мазкурро ба мусоҳибагузаронандагон нишон доданд. Дар Норак номгӯйи мазкур бо зикри дозаҳои (миқдори) ҳамаи доруҳо дар тахта дар даромадгоҳи бинои МП овезон карда шуда буд. Дар ноҳияи Рӯдакӣ ваъда доданд, ки номгӯйро нишон медиҳанд, вале баъдан нишон надоданд.

Тавре ки аксарияти кулли посухдиҳандагони пурсидашуда (86%) зикр намуданд, ба бемор дар бораи хислати бемории рӯҳӣ маълумот дода мешавад, танҳо 14% пурсидашудагон зикр намуданд, ки бемор, бо мақсади ҳарчи зудтар табобат ёфтан, дар ин бора огоҳ карда намешавад. Дар бораи давомнокии муолиҷа, тавре ки 57% пурсидашудагон ҷавоб доданд, огоҳ карда мешаванд, дар 43% ҳолатҳои боқимонда бемор дар бораи давомнокии

муолиҷа огоҳ карда намешавад, зеро ин аз вазъияти вобастагӣ дорад ё давомнокӣ маълум нест.

Дар айни ҳол, дар бораи ҳолатҳои дар боло зикргардида бемор аз ҷониби духтури табобаткунанда, ҳангоми сӯҳбат бо хешовандон, шифоҳӣ ё хаттӣ хабардор карда мешавад.

Ҳамаи пурсидашудагон зикр намуданд, ки пешакӣ розигии бемор ба табобат гирифта мешавад, асосан хаттӣ (57%), ва аризаи розигии мазкур ё дар назди духтури табобаткунанда, ё ки дар корти амбулаторӣ нигоҳ дошта мешавад. Розигии пешакӣ ба табобат аз шахси бемор ё намояндаи қонунӣ/парастори ӯ ба тариқи шифоҳӣ гирифта мешавад (43%).

Беморон дар бораи дард ё нороҳатии эҳтимолии ҷисмонӣ, хавф ва таъсири ҷонибии табобати пешбинишуда огоҳ карда мешаванд (100%), ва онҳо метавонанд аз муоилиҷаи пешбинишаванда даст кашанд. Вале дар айни ҳол, агар муолиҷа аллакай ҷараён дошта бошад, бемор на ҳамеша метавонад аз табобат даст кашад – 14% (дар боқимонда 86% ҳолатҳо пурсидашудагон зикр карданд, ки бемор метавонад аз табобат даст кашад, агар он аллакай оғоз шуда бошад ҳам. Дар чунин ҳолат хешовандон дар ин бора огоҳ карда мешаванд.

Бемор дар истифодаи табобат бо доруҳои нав дар доираи озмоиши онҳо иштирок намекунад.

| |
|---|
| «Инҳо чӣ саволҳоянд? Онҳо бемавқеъ ва хилофи тафаккури моянд. Бо ин саволҳо шумо шаъну шарафи моро паст мезанед». |

### 3.2. Натиҷаҳои пурсиши духтурони МП

***Муолиҷа***

Ҳама, ба ғайр аз як духтури МП ш. Душанбе, изҳор намуданд, ки дастурамалҳои хаттӣ оид ба истифодаи дорудармонӣ вуҷуд доранд.

100 % пурсидашудагон низ зикр карданд, ки тамоми

доруҳое, ки истифода мешаванд, доруҳои таъсирашон маълум ё тасдиқшуда мебошанд.

Ба савол дар бораи он, ки оё номгӯйи доруворихои тиббии зарурие, ки бояд дар ҳар як муассисаи психиатрӣ бошанд, вуҷуд дорад, ҳама ба ғайр аз як духтури МП н. Рӯдакӣ ҷавоб дод, ки ин номгӯй вуҷуд дорад (номгӯйи мазкур ҳангоми пурсиши роҳбари МП нишон дода шуд, ба истисноӣ МП н. Рӯдакӣ).

Аксарияти духтурони пурсидашудаи МП (88%) зикр намуданд, ки бемор дар бораи хислати бемории ӯ хабардор карда мешавад. Боқимонда 12% пурсидашудагон изҳор намуданд, ки бемор дар бораи хислати бемории рӯҳии ӯ хабардор карда намешавад, то ки ба ӯ зиён расонида нашавад, инчунин дар ҳолате ки, агар бемор ба дарк кардани воқеият қодир набошад, қабл аз муолиҷа низ дар вазъияти шадид қарор дорад. Вале дар бораи мақсад ва усулҳои муолиҷа, тавре ки ҳамаи пурсидашудагон изҳор намуданд, бемор хабардор карда мешавад. Ақидаҳои духтурон дар мавриди давомнокии табобат низ гуногун буданд. Масалан, 85% гуфтанд, ки бемор дар бораи давомнокии муолиҷа хабардор карда мешавад. Боқимонда 12% гуфтанд, ки бемор хабардор карда намешавад, зеро он аз вазъияти бемор вобастагӣ дорад, ва маълум нест, ки муолиҷа чанд муддат идома меёбад, инчунин духтурон зикр карданд, ки онҳо наметавонанд муайян кунанд, ки бемор чан вақт табобат хоҳад кард.

Дар айни ҳол, ҳамаи духтурон изҳор намуданд, ки бемор дар бораи ҳама чиз шифоҳӣ хабардор карда мешавад.

Аксарияти кулли пурсидашудагон (88%) зикр намуданд, ки аз шахси бемор розигии пешакӣ барои табобат ба тариқи шифоҳӣ (38%) ё хаттӣ (50%) гирифта мешавад, дар айни ҳол аризаи розигӣ дар таърихчаи беморӣ дар назди мудири шӯъба, дар корти амбулаторӣ дар картотека нигоҳ дошта мешавад. Танҳо се духтури МП н. Рӯдакӣ зикр намуданд, ки розигии бемор ба табобат гирифта намешавад, зеро бемор қодир нест мустақилона розигӣ диҳад, барои он ки, агар бемор дар ҳолати барангехта қарор дошта бошад, табобат гузаронида намешавад, балки танҳо муоина карда мешавад ва розигӣ гирифта намешавад.

Ҳамаи духтурони пурсидашуда гуфтанд, ки бемор дар бораи дард ё нораҳатии ҷисмонии имконпазир, хавф ва таъсири ҷонибии табобати пешбинишаванда огоҳ карда мешавад.

77% духтурони пурсидашуда зикр карданд, ки бемор метавонад аз муолиҷа даст кашад, 23% гуфтанд, ки муолиҷаро рад карда наметавонад. Ва, агар муолиҷа аллакай ҷараён дошта бошад ҳам, ба ақидаи 62% пурсидашудагон, бемор аз муоиҷа даст кашида метавонад, вале, тавре ки 38% духтурон зикр карданд, дар чунин ҳолат бемор наметавонад аз муолиҷа даст кашад.

Аксарияти кулли духтурон ба савол дар бораи он, ки оё беморон дар истифодаи табобат бо доруҳои нав дар доираи озмоиши онҳо иштирок мекунанд, манфӣ ҷавоб доданд.

> «Дар мавриди кадом озмоиш сухан рафтанаш мумкин, дар ҳоле ки мо ба доруҳои зиёде эҳтиёҷ дорем ва давлат ба мушкилоти муассисаҳои мо, ҳатто дар мавриди қувваи барқ, гармӣ … таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир намекунад», - духтурони МП Б. Ғафуров

### 3.3. Натиҷаҳои пурсиши беморони МП

***Дастрасӣ ба иттилоот оид ба ҳуқуқҳои худ***

43 % беморон дар бораи ҳуқуқҳои худ огоҳ карда шудаанд, асосан, аз ҷониби духтурони МП. Қисми ками беморон дар ин бора аз кормандони муаассиса огоҳӣ пайдо кардаанд, 1 нафар худаш аз лавҳаи овезонидашуда хондааст (Беморхонаи кӯдаконаи ш. Душанбе). Аксарияти беморони аз ҳуқуқҳои хабардоркардашуда (82%) зикр намуданд, ки ба онҳо дар бораи «ҳуқуқ ба гирифтани иттилоот оид ба ҳуқуқҳои худ» гуфтаанд. 18% дар бораи ҳуқуқ ба муносибати эҳтиромона ва инсонӣ, ки паст задани шаъну шарафи инсониро истисно мекунад, огоҳӣ пайдо кардаанд.

12 % дар бораи табобат дар шароити амбулаторӣ ва беморхона (статсионарӣ) бо истифодаи усулҳои хушхим (амон), ба қадри имкон, дар маҳалли истиқомати бемор огоҳӣ доранд.

10 % дар бораи ҳуқуқ ба розигии пешакӣ ва даст кашидан аз истифода гардидан ба сифати объекти озмоиши доруҳо ва усулҳои тиббӣ, таҳқиқоти илмӣ дар ҳама гуна марҳила огоҳонида шудаанд.

Боз 18% гуфтанд, ки онҳоро дар бораи ҳуқуқҳояшон огоҳ кардаанд, вале намедоданд, ки маҳз дар бораи кадом ҳуқуқҳо.

Амалан ба ҳама огоҳкардашудагон ҳуқуқҳои онҳо ба таври шифоҳӣ шарҳ дода шудаанд. Аксари беморон гуфтанд, ки тавзеҳоти ҳуқуқҳояшон ба онҳо фаҳмо буд. 18% ҷавоб доданд, ки онҳо қисман тавзеҳоти ҳуқуқҳояшонро фаҳмидаанд.

35 % беморон аз ҳуқуқҳои худ огоҳ карда нашудаанд.

***Муолиҷа***

Аксарияти беморони МП (64%) пешакӣ дар бораи муолиҷае, ки ба онҳо таъин карда шуда буд, хабардор карда шудаанд. Асосан, иттилоот дар бораи муолиҷаи таъингардидаро аз духтур гирифтаанд (92%), якчанд посухдиҳандагон иттилоот дар бораи муолиҷаро аз ҳамшираи шафқат ё бародари гирифтаанд (8%).

Ягон посухдиҳандаи пурсидашуда нагуфт, ки дар истифодаи муолиҷа бо доруҳои наве, ки қаблан дар ягон ҷо истифода нашудаанд, дар доираи озмоиши онҳо иштирок кардааст. Аз онҳо 56% қатъият изҳор намуданд, ки онҳо дар чунин табобат иштирок накардаанд, 38% гуфтанд, ки намедонанд. 2 бемор ҷавоб доданд, ки дар ин МП ҳама чиз имкон дорад (беморони БҶБР).

### 3.4. Натиҷаҳои пурсиши хешовандони беморони МП

***Муолиҷа***

29 нафар аз 33 посухдиҳанда дар бораи муолиҷаи ба хешо-

ванди онҳо дар МП теъингардида аз ҷониби духтури табобаткунанда ё мудири шӯъба хабардор карда шудаанд. 3 посухдиҳанда дар бораи табобати таъингардида хабардор карда нашудаанд. 1 посухдиҳанда ҷавоб дода натавонист.

25 нафар посухдиҳандагон зикр карданд, ки нисбати хешованди онҳо дар МП табобат бо доруҳои наве, ки қаблан дар ягон ҷо истифода нашудаанд, дар доираи озмоиши онҳо ба кор бурда нашудааст. 8 нафар гуфтанд, ки намедонанд, ки чунин табобат истифода шудааст, ё не.

## 4. Ҳуқуқ ба ҳимоят ва шикоят

### 4.1. Натиҷаҳои пурсиши роҳбарони МП

*Ҳуқуқ ба ҳимоят*

71 % пурсидашудагон зикр намуданд, ки дар МП онҳо ҳолатҳое, ки беморон хоҳиш карда бошанд, ки барои онҳо адвокатро даъват кунанд, вуҷуд надоштанд. Дар 29% ҳолатҳо беморон хоҳиш кардаанд, ки адвокатро даъват кунанд, ва ин хоҳиш бо доғи судӣ доштани бемор алоқаманд будааст. Дар ин ҳолат адвокат ба назди бемор иҷозат ва дар муддати 24 соат таъмин карда мешавад, вале дар чунин ҳолатҳо, ӯ аз ҷониби хешовандони шахси бемор оварда нашуда буд. Ба адвокат иҷозат дода мешавад, ки бо ҳуҷҷатҳои тиббии шахси бемор: таърихчаи беморӣ, корти амбулаторӣ ва шахсӣ шинос шавад.

Боздид аз муассисаи психиатрӣ танҳо ба чунин ташкилотҳои байналмилалӣ, ба монанди Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, «Норе», Иттиҳоди Европа, Дутурони бидуни марз, ё ки бо рухсати Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад. Асосан, ин ташкилотҳо бо мақсади расонидани кӯмаки моддӣ ва техникӣ (71%) ё бо мақсади анҷомдиҳии назорати ҷамъиятӣ (шиносоӣ бо шароити нигоҳдории беморон) (29%) аз МП боздид менамоянд. Ин ташкилотҳо дар шаш моҳ як мароти-

ба (57%), соле як маротиба (29%) ё як маротиба дар се моҳ (14%) аз МП боздид менамоянд.

### 4.2. Натиҷаҳои пурсиши духтурони МП

*Ҳуқуқ ба ҳимоят*

Танҳо ду духтур аз МП н. Рӯдакӣ гуфтанд, ки ҳолатҳое ҷой доштанд, ки беморон хоҳиш карда буданд, ки ба назди онҳо адвокатро даъват кунанд, ҳангоме ки парванда нисбати шахси бемор дар суд ё дар марҳилаи тафтиши пешакӣ қарор дошт, ва бемор дар ин бора хоҳиш карда буд. Боқимондаҳо ҷавоб доданд, ки дар МП чунин ҳолатҳо вуҷуд надоштанд.

Он ду духтуре, ки дар бораи ҳолати аз ҷониби бемор хоҳиш кардани ба назди ӯ даъват намудани адвокат гуфтанд, ҳар ду зикр намуданд, ки дар чунин ҳолат адвокат танҳо бо иҷозати муфаттиш ё судя дар муддати 24 соат ё 48 соат ба назди бемор роҳ дода мешавад. Дар айни ҳол, ба адвокат иҷозат дода мешавад, ки бо ҳуҷҷатҳои тиббии шахси бемор, ба монанди кортҳои тиббӣ шинос шавад.

Ба гуфтаи аксари духтурони пурсидашуда (73%), боздид аз МП онҳо асосан ба ташкилотҳои байналмилалӣ (Духтурони бидуни марз, Лоиҳаи «Ҳоуп», КБСС, Иттиҳоди Европа ва ғайра), ва ба чунин ташкилотҳо, ба монанди Ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаи психиатрия ва Институти (Ниҳоди) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иҷозат дода мешавад. Баъзе духтурон зикр карданд, ки онҳо дар ин бора иттилоот надоранд, вале ҳоло танҳо Идораи ҳуқуқи инсонро дидаанд. Асосан, ин ташкилотҳо бо мақсади расонидани кӯмаки моддӣ ва техникӣ (69%), инчунин ё бо мақсади анҷомдиҳии назорати ҷамъиятӣ (шиносоӣ бо шароити нигоҳдории беморон) (19%) ва гузаронидани тренингҳои мухталиф, хурсанд кардани беморон ва ғайра (12%) аз МП боздид менамоянд.

Ин ташкилотҳо бо фосилаи мухталиф аз МП боздид менамоянд: аз як маротиба дар як моҳ то як маротиба дар як сол. Дар айни ҳол, тавре ки аксарияти духтурон таъкид намуданд, ташкилотҳо ё бо иҷозати Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё ки роҳбарияти муассиса аз МП боздид менамоянд.

### 4.3. Натиҷаҳои пурсиши беморони МП

***Шикоят кардан***

Зиёда аз нисфи беморони пурсидашуда (52%) аз ҳуқуқи худ ба шикоят кардан нисбати амалҳои кормандони муассисаи психиатрӣ хабардор нестанд. Аксарияти онҳое, ки дар бораи ин ҳуқуқи худ хабардор нестанд, беморони БҶБР мебошанд.

3 бемори пурсидашудаи БҶБР нисбати муносибати бад, шароити бад ва нисбати муолиҷа шикоят карданд:

| |
|---|
| Ба мо фақат хобидан иҷозат медиҳанд, ба ҷое баромадан намемонанд.<br>Ҳеҷ гуна шароити маишӣ вуҷуд надорад, ҷоямон хунук, ифлос. |
| Шароити оддитарини маишӣ вуҷуд надорад, қубурҳои гармӣ андаке гармӣ доранд. |

| |
|---|
| Доруҳоро дар вақташ намедиҳанд.<br>Ба мо доруҳое медиҳанд, ки аз онҳо тамоми бадан ба дард медарояд, сар аз дард торс мекафад, гурдаҳо сахт дард мекунанд. Агар доруҳоро нахурӣ, ҷазо дода метавонанд. |

Ҳамаи 3 бемор ба духтури табобаткунанда бо шикоят муроҷиат кардаанд, 1 бемор ҳамчунин ба хешованди худ шикоят кардааст. Дар як ҳолат бемор ба духтур хаттӣ муроҷиат кардааст. Ба ин шикоятҳо умуман ягон эътино зоҳир карда нашудааст.

***Ҳуқуқи дастрасӣ ба адвокат***

Аксарияти кулли пурсидашудагон (94%) зикр намуданд, ки онҳо вақти дар беморхона ба хизмати адвокат зарурат надоштанд. 6% беморон (ҳамаашон беморони БҶБР) бинобар шикоят пешниҳод кардан аз бистарикунонии маҷбурӣ (4 нафар), шикоятҳо нисбати муносибати бади кормандони МП (2 нафар), инчунин дар доираи парвандаи ҷиноятӣ, ки нисбати беморон оғоз карда шуда буд (2 нафар) ба хизмати адвокат эҳтиёҷ доштанд.

1 бемор (зан) гуфт, ки намедонист, ки аз хизмати адвокат истифода кардан мумкин аст, ва дар зимн изҳор намуд, ки барои пардохти ҳаққи хизмати ӯ пул надорад.

Аз бемороне, ки ба хизмати адвокат эҳтиёҷ доштанд, танҳо бемороне бо ӯ вохӯрӣ карда тавонистанд, ки нисбати онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуда буданд (2 нафар). Ба 4 нафар бемори дигар адвокат пешниҳод карда нашудааст. Онҳо инро бо он шарҳ доданд, ки талаботи онҳоро ба инобат намегиранд, адвокат пешниҳод намекунанд, инчунин барои пардохти ҳаққи хизмати адвокат пул надоранд. 1 бемор ба гурӯҳи мониторинг бо хоҳиши ба ӯ кӯмак расонидан дар масъалаи баромадан аз беморхона муроҷиат кард, зеро ба талаботи ӯ дар хусуси пешниҳод кардани адвокат эътибор надодаанд.

## 5. Кори маҷбурӣ

### 5.1.Натиҷаҳои пурсиши беморони МП

***Кори маҷбурӣ***

Ба савол дар бораи иҷро кардани ягон кор дар МП, зиёда аз нисфи посухдиҳандагон (62%) ҷавоб доданд, ки дар муассиса ҳеҷ гуна корро иҷро намекунанд. Посухдиҳандагони боқимонда дар ошхона, дар полез, дар ҳавлӣ корҳои гуногунро иҷро мекунанд, ба рӯбучин, тоза кардани хоҷатхона ва ғайра машғул мешаванд. Ҳамаи бемороне, ки дар МП ба ягон кор машғул

мешаванд, онро ихтиёрӣ иҷро мекунанд. Танҳо 1 посухдиҳанда зикр кард, ки:

> «Баъзан моро муддати дуру дароз дар бурун нигоҳ медоранд, хусусан тобистон дар гармӣ, ман бошам инро намехоҳам, чашмони ман аз равшании офтоб дард мекунанд, ман хоб кардан мехоҳам».

Ягон беморро маҷбур накардаанд, ки ба сифати ҷазо кор кунад.

### 5.2. Натиҷаҳои пурсиши хешовандони беморони МП

***Кори маҷбурӣ***

26 посухдиҳанда ягон вақт аз хешовандони дар беморхона будаи худ нашунидаанд, ки онҳо дар он ҷо ягон кореро иҷро кардаанд. 7 посухдиҳанда зикр намуданд, ки хешовандони онҳо – беморони МП дар МП корҳои гуногунро иҷро кардаанд. 5 бемор ба рӯбучини ҳавлӣ машғул шудаанд, 2 нафар дар кори ошхона ёрӣ расонидаанд. Ҳамаи беморон ин корҳоро ихтиёрӣ иҷро кардаанд.

# НАТИҶАҲОИ МУШОҲИДАҲО

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

| № | Номи муассисаи психиатрӣ | Ба кадом минтақа хизмат мерасонад | Микдори шӯъбаҳо | Кадом шӯъбаҳо вуҷуд доранд | Барои чан ҷой пешбинӣ шудааст | Чанд нафар (бемор) қарор дорад |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Маркази ҷумҳуриявии саломатии рӯҳии кӯдакон ва наврасон, шаҳри Душанбе | Душанбе | 4 | Шабонарӯзӣ<br>Рӯзона<br>Тиббӣ-педагогӣ<br>Статсионарӣ | 60 | 25 |
| 2. | Беморхонаи ҷумҳуриявии бемориҳои рӯҳӣ, ноҳияи Рӯдакӣ | Ҳамаи минтақаҳо | 11 | Мардона<br>Занона<br>Барои бемории сил<br>Офиятбахшӣ<br>Судӣ<br>Махсус | 640 | 690 |
| 3. | Шӯъбаи бемориҳои рӯҳии Беморхонаи марказии шаҳри Норак | Норак | 2 | Занона<br>Мардона | 35 | 27 |
| 4. | Беморхонаи ноҳиявии бемориҳои рӯҳӣ, Лаккон, шаҳри Исфара | Исфара | 2 | Мардона<br>Занона | 180 | 180 |
| 5. | Маркази вилоятии бемориҳои рӯҳии шаҳри Хуҷанд | Вилояти Суғд | 2 | Мардона<br>Занона | 80 | Бинобар таъмир ягон нафар фаро гирифта нашудааст |
| 6. | Маркази бемориҳои рӯҳии ноҳияи Б. Ғафуров | Б. Ғафуров | 1 | Мардона | 15 | 15 |
| 7. | Маркази шаҳрии бемориҳои рӯҳии шаҳри Конибодом | Конибодом | 2 | Психотерапевтӣ<br>Наркологӣ | 70 | 70 |

Бояд қайд намуд, ки дар МП шаҳри Хуҷанд бинобар анҷом додани корҳои таъмирӣ, кӯчонидани бино ва сохтмони биноҳои нав мушоҳидаҳо дар ин марҳила қатъ карда шуданд.

| ***Воридшавӣ ба ҳудуди муассиса*** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Душанбе** | **Рӯдакӣ** | **Норак** | **Б. Ғафуров** | **Исфара** | **Конибодом** |
| Дар даромадгоҳ дарвозаҳои оҳанини қулфдор маҷуданд. Даромад тариқи даричаи дарвозаҳо. Ҳам дар назди дарвозаҳо ва ҳам дар назди дари даромад ба бинои беморхона посбонҳо истоданд, онҳо силоҳ надоранд. Тугмаи даъват нест.[4] | Дарвозаҳо мавҷуданд, даромад маҳдуд аст. Дар назди дарвозаҳо посбон аз ҳайати кормандони тиббӣ нишастааст, атрофи бино девор надорад ё симхор кашида нашудааст, тирезаҳо панҷара доранд | Дарвозаҳо мавҷуданд, симхор нест, деворҳо аз хиштҳои сементӣ, даромад озод аст, дар назди дарвозаҳо посбонҳо ва тугмаи даъват мавҷуд нест | Дарвоза мавҷуд аст, атрофи бино девор дорад, дар он симхор кашида нашудааст, дастрасӣ ба ҳудуди беморхона маҳдуд аст: барои даромад ба бино ба тугмаи даъво пахш кардан зарур аст, посбонҳо ҳастанд вале онҳо силоҳ надоранд. | Дарвоза ва дарича мавҷуд аст, атрофи бино девор дорад, дар он симхор кашида нашуда аст, дастрасӣ озод аст, посбон дар хоначаи махсус ҷойгир аст, силоҳ надорад | Атрофи бино бо девор маҳкам карда шудааст, дар он симхор нест, дастрасӣ ба ҳудуди беморхона маҳдуд аст: барои ворид шудан ба дохили ҳудуди беморхона тугмаи даъватро пахш кардан зарур аст, посбон ҳаст, вале силоҳ надорад |
| ***Намуди берунаи иншоот*** | | | | | |
| Бинои кӯҳна. Якчанд ишоот дар намуди иморатҳои муваққатии якошёна мавҷуд аст. Ҳолати умумиаш қаноатбашх аст. | Бино кӯҳна. Якошёнагӣ. Мунтазам таъмири косметикӣ шудааст. Деворҳои қисми зиёди палатаҳо мағор бастаанд. | Бино кӯҳна, андоваи он рехта истодааст, дар деворҳо тарқишҳо мавҷуданд. Деворҳои қисми зиёди палатаҳо мағор бастаанд. | Бино кӯҳна, соли 1959 сохта шудааст, андова ва ранги деворҳо дар баъзе ҷойҳо муқашшар шудааст, деворҳо тарқиш надоранд. | Бино кӯҳна, андоваи деворҳо дар баъзе ҷойҳо мерезад, умуман ҳолати бино қаноатбахш аст. | Бино каму беш таъмир карда шудааст, дар баъзе ҷойҳо андоваи деворҳо рехтааст, деворҳо тарқиш надоранд. |

# ПАЛАТАҲО

| | Душанбе | Рӯдакӣ | Норак | Б. Ғафуров | Исфара | Конибодом |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Миқдори палатаҳо** | 6[5] | | 12 | 3 | 14 | 9 |
| **№ палатае, ки дар он мушоҳида гузаронида шуд** | 4 | 2[6] | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **Масоҳати умумии як палата** | 6,5 кв./м$^2$ | 20 кв./м$^2$ | 15 кв./м$^2$ | 24 кв./м$^2$ | 40 кв./м$^2$ | 40 кв./м$^2$ |
| **Миқдори катҳо (рахти хоб)** | 4 | 12 | 4[7] | 5 | 16 | 8 |
| **Миқдори чой** | 4 | 12 | 4 | 5 | 16 | 8 |
| **Миқдори беморон дар як палата** | 1 | 12 | 4 | 5 | 16 | 8 |
| **Дарҳо маҳкам мешаванд (аз дарун, аз берун)** | Дарҳо маҳкам намешаванд | Аз берун маҳкам мешаванд | Аз дарун маҳкам мешаванд | Дар надоранд | Дар надоранд | Дар надорад |
| **Калид дар дасти тарбиягирандагон** | | | | | | |
| **Калид дар дасти кормандони муассиса** | | ✓ | ✓ | | | |
| **Тирезаҳо парда доранд** | Парда надоранд | ✓ | Парда надоранд | Парда надоранд | Парда надоранд | Парда надоранд |
| **Телевизор** | Дар ҳолати корӣ дар утоқи алоҳидаи барои бозӣ | Дар ҳолати корӣ | Дар ҳолати корӣ | Нест | Нест | Нест |
| **Ҷевонча** | Дар як палата як адад | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| **Яхдон** | Нест | Ҳаст, дар ҳолати корӣ | Ҳаст, дар ҳолати корӣ | Нест | Нест | Нест |
| **Чароғ, оина** | Нест | Нест | Ҳаст | Нест | Нест | Нест |
| **Радио** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| **Дастшӯяк, об** | Нест | Нест | Ҳаст | Нест | Нест | Нест |

## *РӮШНОӢ*

Рӯшноӣ ҳам сунъӣ[1] (умумӣ) ва ҳам таббиӣ[2] (болоӣ, паҳлӯӣ, якҷоя) дар ҳолати қаноатбахш қарор дорад (ғайр аз МП шаҳри Конибодом, ки дар он рӯшноии таббиӣ ғайриқаноатбахш аст, зеро дар як палата як лампочка мавҷуд аст, бодхон дар ҷои хеле баланд ҷойгир ва ҳаҷмаш хурд аст)

## *ҲАВОТОЗАКУНӢ*

Ҳам ҳавотозакунии сунъӣ ва ҳам ҳавотазукунии таббиӣ аслан дар ҳолати қаноатбахш қарор дорад. Дар МП шаҳри Душанбе ҳавотозакунии сунъӣ вуҷуд надорад, вале бӯи мағор ва дигар бӯйҳои нофорам нест, танҳо бӯи устувори доруворӣ ҳис карда мешавад. Бинобар он, ки мушоҳидаҳо дар фасли зимистон гузаронида мешуд, тирезаҳо маҳкам буданд, вале бо вуҷуди ин бӯйҳои нофорам ҳис карда намешуд.

## *ВОСИТАҲОИ ГАРМИДИҲӢ*

| *Таҷҳизоти гармкунӣ* | *Душанбе* | *Рӯдакӣ* | *Норак* | *Б. Ғафуров* | *Исфара* | *Конибодом* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳаст** | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ |
| **Нест** | | | | | | |

1 Рӯшноии сунъӣ – маҷмӯи ҳама гуна воситаҳои рӯшноидиҳӣ, ки вазифаи асосии онҳо равшан кардани дохили бино дар вақтҳои торики шабонарӯз, таъмин намудани ҳаракати бехатар ва амал кардани инсон ба таври таббиӣ мебошад. Ду системаи рӯшноии сунъӣ – умумӣ ва якҷоя. Ба рӯшноии умумӣ рӯшноии маҳаллӣ илова мешавад, ки нури равшаниро бевосита ба сатҳи корӣ мерасад. Ҳангоми равшании якҷоя равшании ҳадди ақали зарурӣ ба сатҳи корӣ тариқи чароғҳои равшанидиҳандаи маҳаллӣ таъмин карда мешавад.

2 Рӯшнонии табиӣ – равшанкунии дохили бино тариқи равшании осмон (бевосита ё мунъакис), ки таввасути ҷойҳои равшанидарои конструксияҳои берунаи паҳнкунанда медароянд. Рӯшноии паҳлуии табиӣ – рӯшноии табиии дохили бино, ки тариқи ҷойҳои равшанидарои деворҳои беруна медарояд. Рӯшноии болоии таббиӣ – рӯшноии таббиии ҷароғҳо, ҷойхои равшанидарои деворҳо дар ҷойҳои пасту баландии бино.

| *Ҳарорат. Ҳолат* | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Қаноатбахш (+18 - +22 °С)** | ✓ | ✓ | | ✓ | ✓ | ✓ |
| **Ғайриқаноатбахш (+10 - +17 °С)** | | | ✓ | | | |
| **Бад (аз +10 °С пастар)** | | | | | | |
| **Ғайра** | | | | | | |
| *Воситаи гармидиҳӣ* | | | | | | |
| **Радиатор (миқдор)** | | | | | | |
| **Батареяи системаи гармкунии марказӣ (миқдор)** | Дар ҳар як палата як адад ва дар ҳолати корӣ | Дар ҳар як палата як адад | Дар ҳар як палата як адад, вале кор намекунанд | 1 адад, кор намекунад | 2 адад, кор намекунанд | 1 адад, кор намекунад |
| **Кондитсионер (миқор)** | | | | | | |
| **Ғайра** | | | | | | |

## МЕБЕЛ[1]

| Намуди мебел | Душанбе/ миқдор/ ҳолат | Рӯдакӣ/ миқдор/ ҳолат | Норак/ миқдор/ ҳолат | Б.Ғафуров/ миқдор/ ҳолат | Исфара/ миқдор/ ҳолат | Конибодом/ миқдор/ ҳолат |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Ҷевончаҳо*** | 1 ад./ қаноат.[8] | _ | - | - | - | - |
| ***Курсиҳо (чорпоячаҳо)*** | 2 ад./ қаноат. | - | - | - | - | - |
| ***Мизҳо*** | _ | - | - | - | - | - |
| ***Катҳои дорои тӯри оҳанин*** | 1 ад./ қаноат. | 12 ад./ қаноат. | 4 ад./ қаноат. | 5 ад./ қаноат. | 16 ад./ қаноат. | 8 ад./ қаноат. |
| ***Катҳои дорои матраси нимсахт*** | 3 ад./ қаноат. | - | - | - | - | - |
| ***Ҷевонча барои истифодаи шахсӣ*** | _ | - | - | - | - | - |
| ***Ғайра (номбар кунед)*** | _ | - | - | - | - | - |

1 Миқдори мебели дар як палатае, ки дар он мушоҳида гузаронида шудааст, нишон дода шудааст.

## ШАРОИТИ САНИТАРӢ-ГИГИЕНӢ

| *Утоқи дастурӯйшӯӣ* | *Душанбе* | *Рӯдакӣ* | *Норак* | *Б. Ғафуров* | *Исфара* | *Конибодом* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дар кучо ҷойгир шудааст** | берун аз палата, дар охири долон | берун аз палата, дар охири долон | Дар саҳни ҳавлӣ | Дар саҳни ҳавлӣ | Берун аз палата | Дар саҳни ҳавлӣ дар шакли дастшӯяк |
| **Барои чанд нафар таъин шудааст** | 2 | 2 | 2 | 3 | 4 | 1 |
| **Миқдори дастшӯякҳо** | 2 | 2 | 1 | 1 | 4 | 2 |
| **Оби хунук** | Марказӣ | Автономӣ | Автономӣ | Автономӣ | Автономӣ | Автономӣ |
| **Оби гарм** | Ҳаст | Нест | Ҳаст | Нест | Нест | Нест |
| **Оина** | Нест | Нест | Ҳаст | Нест | Ҳаст | Ҳаст |
| **Ванна барои пойҳо** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| ***Ҳаммом*** | | | | | | |
| **Миқдор** | Нест | Ҳаст | Ҳаст | Нест | Нест | Нест |
| **Дар кучо ҷойгир шудааст** | - | Дар охири долон | Дар дохили бинои беморхона | - | - | - |
| **Ҳолати умумӣ** | - | Ғайриқаноатбахш | Қаноатбахш | - | - | - |
| **Шароити махсус барои ШИМ** | - | Нест | - | - | - | - |
| **Соат ва мунтазамии кор** | - | Дар як ҳафта як маротиба аз соати 8.00 то 17.00 | Мардон – дар як ҳафта 1 маротиба Занон – дар як ҳафта 2 маротиба | - | - | - |
| ***Ҳамом/ванна*** | | | | | | |
| **Миқдори душхонаҳо** | 1 | - | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **Миқдори душҳо** | 1 | - | 1 | - | 3 | 3 |
| **Об гарм** | Ҳаст | - | Ҳаст | Ҳаст | Нест | Нест |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Ҳоҷатхона*** | | | | | | |
| **Дар куҷо ҷойгир шудааст** | Дар охири долон | Дар охири долон | Дар пушти бинои беморхона | Дар ҳавлии беморхона | Дар саҳни ҳавлии дохилии беморхона | Дар ҳавлии беморхона |
| **барои чанд нафар** | | 1 | | 2 | 4 | 2 |
| **Намуд** | нишастгоҳи халоҷо дар утоқи пӯшидаи дорои дар ва занҷир (аз дарун) | «Генуя» | нишастгоҳи халоҷо дар утоқи пӯшидаи дорои дар ва қулф | Кушода (бе дар ва қулф) | Кушода бе дар ва қулф | Кушода бе дар ва қулф |
| **Девора** | Нест | Нест | 1,5 метра | Нест | Нест | Нест |
| **Асбобу анҷоми тозакунии ҳоҷатхона**[9] | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Нест | Ҳаст | Нест |
| **Воситаҳои тамизкунӣ** | Нест | Ҳаст | Ҳаст | Нест | Ҳаст | Ҳаст |
| **Қоғази ташноб** | | Нест | Ҳаст | Нест | Ҳаст | Ҳаст |
| ***Рахти хоб*** | | | | | | |
| **Матрас** | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, вале на дар ҳамаи рахтҳои хоб ва чиркин, аммо нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида |
| **Болишт** | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, вале на дар ҳамаи рахтҳои хоб ва чиркин, аммо нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида |
| **Кампал (кӯрпа)** | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, вале на дар ҳамаи рахтҳои хоб, тоза ва нодарида | Ҳаст, вале на дар ҳамаи рахтҳои хоб ва чиркин, аммо нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷойпӯш** | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, вале на дар ҳамаи рахтҳои хоб, тоза ва нодарида | Ҳаст, вале на дар ҳамаи рахтҳои хоб ва чиркин, аммо нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида |
| **Ҷилди кӯрпа** | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, вале на дар ҳамаи рахтҳои хоб ва чиркин, аммо нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида |
| **Ҷилди болишт** | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, тозаву нодарида | Ҳаст, вале на дар ҳамаи рахтҳои хоб ва чиркин, аммо нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида | Ҳаст, чиркин, вале нодарида |
| **Иваз кардани ҷойпӯш** | Камтар аз 7 рӯз пеш | Камтар аз 7 рӯз пеш | Камтар аз 7 рӯз пеш | Камтар аз 7 рӯз пеш | Камтар аз 7 рӯз пеш | Зеиёда аз 7 рӯз пеш |
| **Сачоқ барои рӯй** | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Нест |
| **Сачоқ барои пой** | Ҳаст | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |

***Эзоҳот:*** Дар қисми зиёди МП шарту шароити ҳаммом ва ҳоҷатхонаҳо ба меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ мутобиқат намекунанд ва ҳолати умумии онҳо ғайриқаноатбахш мебошанд. Дар МП-и шаҳри Норак ҳаммом ва ҳоҷатхонаҳо дар дохили бинои беморхона ҷойгир шудаанд, вале онҳо дар ҳолати корношоям қарор доранд. Дар саҳни ҳавлӣ иншоотҳои нав сохта шудаанд, ки беморон ба он ҷо мераванд. Дар МП-и Б. Ғафуров ҳамом ҳаст, вале он пурра дар ҳолати корношоям қарор дорад, душҳо занг задаанд, об нест, қубурҳо пусидаанд. Дар МП-и ноҳияи Рӯдакӣ аз утоқҳои дастурӯшӯӣ ҳам беморон ва ҳам ҳайати кормандони беморхона истифода менамоянд. Дар як шӯъба як ҳоҷатхона аст. Дар МП-и шаҳри Норак мушоҳида гардид, ки дар палатаҳои занона ҳолати ҷойпӯшҳо қаноатбахш аст, вале дар палатаҳои мардона – ғайриқаноатбахш, матрасҳо чиркин, кампал (кӯрпа) нест, на дар ҳамаи рахтҳо ҷойпӯш партофта шудааст. Дар МП-и ноҳияи Б. Ғафуров нисбати ҷойпӯш мушоҳида гардид, ки онҳо надарида бошанд ҳам, вале обушуставу ифлосанд. Дар МП-и ноҳияи Рӯдакӣ маълум буд, ки ҷойпушҳо навакак иваз карда шудаанд.

# ҒИЗО

| *Ошхона* | *Душанбе* | *Рӯдакӣ* | *Норак* | *Б. Ғафуров* | *Исфара* | *Конибодом* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дар кучо чойгир шудааст** | Дар утоқи алоҳидаи дохили бино | Берун аз бинои беморхона | Дар ошёнаи 1 ва 2-юм | Берун аз бинои беморхона | Дар наздикии палатаҳо | Дар масофаи 20 метр аз палатаҳо |
| *Ҳолати санитарии бино* | | | | | | |
| **Тозагии девору фарш** | Қаноатбахш | Қаноатбахш | Ғайриқан. | Қаноатбахш | Қаноатбахш | Қаноатбахш |
| **Тозагии косаву табақ** | Қаноатбахш | Қаноатбахш | Қаноатбахш | Қаноатбахш | Қаноатбахш | Қаноатбахш |
| **Бӯй дар дохили бино** | Қаноатбахш | Ғайриқан. | Ғайриқан. | Қаноатбахш | Қаноатбахш | Қаноатбахш |
| *Ҳашарот ва хояндаҳои хонагӣ* | | | | | | |
| **Нонхӯрак** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| **Магас** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| **Мӯрча** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| **Хояндаҳо** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| **Ғайра** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| *Рӯйхати хӯрокҳои рӯзона дар ҳуҷҷатҳои ошхона (мутобиқи рӯйхатихӯрокҳо-тақсимот)* | | | | | | |
| **Ҳаст/нест** | Нест | Ҳаст | Нест | Нест | Ҳаст | Ҳаст |
| **Мутобиқ/номут.** | - | Мутобиқ | - | - | Мутобиқ | Мутобиқ |
| **Вазни хӯрокҳо** | 200-300 гр. | Нон – 120 грамми дар як рӯз 3 маротиба<br>Шӯрбо ва хӯроки дуюм – 400 грами 3 маротиба | Нон – 600 грамм сари ҳар як бемор барои як рӯз<br>Гӯшт – 50 грамм | Наҳорӣ – шир, нон – 150 гр.<br>Хӯроки нисфирӯзӣ: нон, чой, шӯрбо – 600 гр.<br>хӯроки шом – шӯрбо, чой, нон – 600 гр. | Ҳама чиз бо вазни 300 гр. | Ҳама чиз бо вазни 300 гр. |
| *Сифати ғизо* | | | | | | |
| **Хӯрданибоб** | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ |
| **Предметҳои бегона дар хӯрок** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |

| **Дарачаи пухташавӣ** | Пурра пухташуда | Пурра пухташуда | Пурра пухташуда | Пурра пухташуда | Пурра пухташуда | Пурра пухташуда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Таркиби хӯрок** | Хуб | Хуб | Хуб | Наонқадар хуб | Хуб | Хуб |
| **Бӯи ғизо** | Таббиӣ | Таббиӣ | Таббиӣ | Таббиӣ | Таббиӣ | Таббиӣ |
| **Ғайра** | - | - | - | - | - | - |
| ***Арзиши гизо барои 1 бемор дар як рӯз*** | | | | | | |
| **Воқеӣ** | 10 сомонӣ | - | 10 сомонӣ | 5 сомонӣ | 6,20 сомонӣ | 5,50 сомонӣ |
| **Чанд сомонӣ ҷудо карда мешавад** | 3, 87 сомонӣ | 4 сомонӣ | 3, 74 сомонӣ | 0, 55 дирам | 3 сомонӣ | 3 сомонӣ |

***Эзоҳот:*** Хӯрок ва шароити ошхона дар муассисаи псхиатрии шаҳри Душанбе нисбатан дар ҳолати хуб қарор дорад, зарфҳо комилан покиза, нашикаста, хӯрокро кормандони беморхона тақсим мекунанд, хӯрок ба таври кофӣ дода мешавад, тамъашон болазат аст.

Дар муассисаҳои дигари психиатрӣ бошад асосан бӯи ғайриқаноатбаш буд – дар ошхона бӯи сахти доруворӣ ва дигар бӯйҳо ҳис карда мешуданд. Гӯшт ва сафеда хеле кам. Инчунин аз ҷониби гурӯҳи гузаронандаи мониторинг дар муассисаи психиатрии Б. Ғафуров шароитӣ аз ҳама ғайриқаноатбахши санитарӣ-гигиениро мушоҳида намуд. Баъд аз боздиди МП-и мазкур аз ҷониби УПЧ ба Вазорати тандурустӣ мактуб ирсол гардид, ки дар он қоидавайронкуниҳо ________________ зикр гардида буд. Дар натиҷаи пешниҳод гардидани мактуби мазкур аз ҷониби мақомоти дахлдор чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Аз ҷумла, аз ҷониби мақомоти ҳокимияти маҳаллии Б. Ғафуров 28 400 сомонӣ барои таъмири асосии МП-и Б. Ғафуров ҷудо карда шуд, инчунин аз ҷониби Хадамоти давлатии назоратии санитарӣ-эпидемологӣ ба сардухтури МП-и мазкур Супориш аз 17.05.2012 сол доир ба бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дода шуд.

## АШЁҲОИ ШАХСӢ

| *Либос/пойафзол* | *Душанбе* | *Рӯдакӣ* | *Норак* | *Б. Ғафуров* | *Исфара* | *Конибодом* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз ҳисоби давлат | ✓ | | ✓ | | ✓ | ✓ |
| Инфиродӣ | ✓ | ✓ | | ✓ | ✓ | ✓ |
| **Ҳолати сару либос** | | | | | | |
| Қаноатбахш | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ |
| Ғайриқаноатбахш | | | | | | |
| **Андозаи сару либос** | | | | | | |
| Қаноатбахш | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ |
| Ғайриқаноатбахш | | | | | | |

**Эзоҳот:** Сару либос дар ҳама муассисаҳои психикӣ гуногун аст. Яъне он бемороне, ки хешу таборашон ба хабаргирии онҳо меоянд либосҳои худро доранд, ки дар ҳолати қаноатбахш аст. Ба он бемороне, ки хешу табор надоранд ё онҳоро хабаргирӣ намеоянд, сару либос асосан аз ҳисоби давлат дода мешавад, ҳолаташон қаноатбахш аст.

## ҲУҚУҚҲОИ БЕМОРОН

| **Тахтаи иттилооти оид ба ҳуқуқҳои беморон** | **Душанбе** | **Рӯдакӣ** | **Норак** | **Б. Ғафуров** | **Исфара** | **Конибодом** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мавҷудият | Нест | Нест | Нест | Нест | Ҳаст | Хаст |
| Забон | - | - | - | - | Тоҷикӣ | Русӣ/ тоҷикӣ |
| Дар куҷо овезон карда шудааст? | - | - | - | - | Дар долон | Дар утоқи кории |

| ***Китобхона*** | ***Душанбе*** | ***Рӯдакӣ*** | ***Норак*** | ***Б. Ғафуров*** | ***Исфара*** | ***Конибодом*** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мавҷудият** | *Нест* | *Ҳаст* | *Ҳаст* | *Нест* | *Нест* | *Ҳаст* |
| **Адабиёти бадеӣ** | - | ✓ | ✓ | - | - | ✓ |
| **Адабиёти илмӣ-машҳур** | - | ✓ | ✓ | - | - | - |
| **Адабиёт дар борат саломатӣ** | - | ✓ | ✓ | - | - | - |
| **Адабиёт оид ба ҳуқуқ** | - | ✓ | - | - | - | - |
| **Матбуот** | - | *Журнал ва газетаҳои кӯҳна* | *Журнал ва газетаҳои кӯҳна* | - | - | *Журналу газетаҳои наву кӯҳна* |
| **Ғайра** | - | - | - | - | - | - |
| ***Рӯйхати воридоти нам*** | | | | | | |
| **Ҳа** | - | | - | - | - | ✓ |
| **Не** | - | ✓ | ✓ | - | - | - |
| **Навшавии фондҳо** | - | *Нав карда намешаванд* | *Нав карда намешаванд* | - | - | *дар як моҳ 2 маротиба* |
| **Соатҳои корӣ** | - | *Аз соати 8.00 то 17.00* | *Ҳама вақт* | - | - | *Аз соати 8.00 то 17.00* |
| ***Телевизор*** | | | | | | |
| **Мавҷудият** | *Ҳаст* | *Ҳаст* | *Ҳаст* | *Ҳаст* | *Ҳаст* | *Ҳаст* |
| **Ҳолат** | *Дар ҳолати корӣ* | *Дар ҳолати корӣ* | *Дар ҳолати корӣ* | *Дар ҳолати корӣ* | *Дар ҳолати корӣ* | *Дар ҳолати корӣ* |
| **Дар куҷо ҷойгир аст** | *Дар утоқи бозиҳо* | *Дар баъзе палатаҳо* | *Дар ошхона* | *Дар утоқи алоҳида* | *Дар утоқи алоҳида* | *Дар вестибюл* |
| **Ба беморон тамошо кардани телевизор иҷозат дода мешавад?** | *Ҳа* | *Ҳа* | *Ҳа* | *Ҳа* | *Ҳа* | *Ҳа* |
| ***Утоқи мулоқот*** | | | | | | |
| **Мавҷудият** | Нест | Нест | *Ҳаст* | Нест | *Ҳаст* | Нест |
| **Девора** | - | - | | - | | - |
| **Бе девора** | - | - | ✓ | - | ✓ | - |
| **Ҳузури кормандони беморхона** | - | ✓ | Нест | ✓ | Нест | Нест |

**Эзоҳот:** Дар МП-и шаҳри Душанбе қайд намуданд, ки вуҷуд надоштани утоқҳо барои мулоқот бо он шарҳ дода мешавад, ки кӯдакон асосан бо волидайнашон зиндагӣ мекунанд ва барои мавҷудияти чунин утоқҳо зарурате нест. Инчунин дар МП-и шаҳри Исфара зикр намуданд, ки вобаста ба ҳолати бемор кормандони беморхона ҳангоми вохӯриҳо иштирок мекунанд.

## СИСТЕМАИ МАҲДУДКУНИИ ОЗОДӢ

| | *Душанбе* | *Рӯдакӣ* | *Норак* | *Б. Ғафуров* | *Исфара* | *Конибодом* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Посбон (нигаҳбон)** | Ҳаст | Ҳаст | Нест | Ҳаст | Ҳаст | Нест |
| **Панҷара дар тирезаҳо** | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст |
| **Панҷара дар дарҳо** | Нест | Ҳаст | Нест | Нест | Ҳаст | Нест |
| **Симхор** | Нест | Ҳаст | Нест | Нест | Нест | Нест |
| **Ғайра** | - | - | - | - | - | - |
| ***Утоқи ҷазодиҳӣ*** | | | | | | |
| **Мавҷудият** | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест | Нест |
| **Кадомҳо** | - | - | - | - | - | - |
| **Ҳолат** | - | - | - | - | - | - |
| ***Гаштугузори беморон дар ҳудуди МП*** | | | | | | |
| **Озод** | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ | ✓ |
| **Бо ҳамроҳӣ** | | | | | | |

## РОБИТА БО ОЛАМИ БЕРУНӢ

| *Телефон* | *Душанбе* | *Рӯдакӣ* | *Норак* | *Б. Ғафуров* | *Исфара* | *Конибодом* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мавҷудият** | Нест | Ҳаст | Ҳаст | Нест | Нест | Ҳаст |
| **Ҳолат** | - | Кор мекунад | Кор мекунад | - | - | Кор мекунад |
| **Беморон метавонанд аз он истифода намоянд** | - | Не | Не | - | - | Ҳа |
| ***Кутии почта*** | | | | | | |
| **Мавҷудият** | Нест | Нест | Ҳаст | Нест | Нест | Нест |

**Эзоҳот:** Дар МП-и шаҳри Норак баён намуданд, ки телефон ҳаст ва он дар ҳолати коршоям аст, вале гоҳ гоҳ метавонад кор накунад. Дар МП-и шаҳри Конибодом телефони ҳамроҳ дар дасти духтур аст, ки аз он метавонанд беморон истифода намоянд. Дар МП-и шаҳри Душанбе телефон нест, зеро кӯдакон ба он эҳтиёҷ надоранд.

## ХОҶАГИҲОИ ЁРИРАСОН

| *Хоҷагии ёрирасон* | *Душанбе* | *Рӯдакӣ* | *Норак* | *Б. Ғафуров* | *Исфара* | *Конибодом* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мавҷудият** | Нест | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст | Ҳаст |
| **Кадом намуд** | - | Парвариши картошка, помидор, кабудӣ | Полез | Ферма | Фермаи парвариши харгӯш ва гов | Фермаи мурғпарварӣ |
| **Кӣ кор мекунад** | - | Кормандон ва бемórони ором | Бародари шафқат, ҳамшираи шафқат, кормандон ва баъзе беморон ба сифати муоличаи меҳнатӣ | Кормандон ва беморон | Кормандони алоҳида ва беморон | Беморон |

### *Утоқ барои гузаронидани муоинаи тиббӣ*

| *Асбобҳо* | *Душанбе* | *Рӯдакӣ* | *Норак* | *Б. Ғафуров* | *Исфара* | *Конибодом* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Яккарата** | | ✓ | | ✓ | ✓ | ✓ |
| **Бисёркарата** | ✓ | | ✓ | | | |
| **Чалак барои тамъизкунӣ** | Ҳаст | | Ҳаст | | | |
| **Ғайра** | - | - | - | - | - | - |
| **Утоқ барои машғулиятҳои физиотерапевтӣ** | Ҳаст | Нест | Ҳаст | Нест | Ҳаст | Нест |

**Эзоҳот:** Дар МП ноҳияи Рӯдакӣ мудири шӯъба намудҳои зерини дорувориро, ки дар утоқҳои муоинаи тиббӣ мавҷуданд номбар кард: : трансинг-таблетка, мельперон, карбамазепин, трифазин, фенобарбитал, диазепам, сибазон, адексин, аминазин. Дар МП ноҳияи Б. Ғафуров номҳои доруворихои зерин номбар карда шуданд: Глюкоза, Витамины С, В1, В6, реополиглюкин, диклофенак, офлодекс, аминазин. Дар МП Исфара доруворихои зерин: парацетамол, диазепам, глюкоза, эуфилин, новокаин, димедрол, дофамин, спирт, йод, зеленка. Дар МП-и

шаҳри Душанбе номҳои доруворихои зерин номбар карда шуданд: ҳама гуна доруҳо барои расонидани кӯммакӣ аввалия, инчунин доруҳои психотропӣ. Дар МП шаҳри Конибодом маълумот доданд, ки онҳо ҳама доруворихои заруриро доранд. Дар МП Норак рӯйхати зерини доруворихоро пешниҳод намуданд: нейролептикҳо, воситаҳои седативӣ, воситаҳои соматикӣ ва зидди ихтилоҷ.

Дар 57% МП, ки дар онҳо мушоҳидаҳо гузаронида шуданд, шароити нигоҳдории беморон қаноатбахш аст. Дар 43% МП – ғайриқаноатбахш.

# VII. ХОТИМА

## Хулосаҳо

### Дастрасӣ ба иттилоот

Пурсиш нишон дод, ки хабардорсозии беморон дар бораи ҳуқуқҳои онҳо хислати доимӣ надорад, яъне, нисбати на ҳамаи беморон ва на ҳамеша анҷом дода мешавад, инчунин, бештар, ташаббуси кормандони МП-ро инъикос мекунад, на талаботи ҳатмӣ нисбати ҳама беморон. Ҳамчунин дар МП қоидаҳои мураттабшудаи хаттие, ки тартиби ба беморон фаҳмонида додани ҳуқуқҳояшонро дар шакли ба онҳо дастрас бо номбар кардани ин ҳуқуқҳо муқаррар менамоянд, вуҷуд надоранд. Ҳамчунин далелҳои ба беморон фаҳмонида додани ҳуқуқҳои онҳо вуҷуд надоранд. Дар ҷараёни моничторинг ҳуҷҷатҳое, ки беморон ба онҳо имзо гузоштаанд, ки ҳуқуқҳояшон ба онҳо фаҳмонида шудаанд, пайдо нагардиданд, пурсиш низ нишон дод, ки ҳуқуқҳо, асосан, ба таври шифоҳӣ фаҳмонида мешаванд.

Тавре ки натиҷаҳои пурсиши беморони муассисаҳои психиатрӣ дар мавриди ба онҳо фаҳмонидани ҳуқуқҳояшон нишон доданд, камтар аз нисфи посухдиҳандагон дар бораи ҳуқуқҳояшон хабардор карда шудаанд (43%). Иттилоот ба таври шифоҳӣ пешниҳод карда шудааст, асосан, аз ҷониби кормандони МП. Ба беморон танҳо қисме аз ҳуқуқҳои онҳо фаҳомонида дода шудааст, масалан, ҳуқуқ «ба гирифтани иттилоот дар бораи ҳуқуқҳои худ», ҳуқуқ ба муносибати эҳтиромона ва инсондӯстона ва ғайра. Аксарияти беморон дар хусуси муолиҷаи ба онҳо таъингардида аз ҷониби духтури табобаткунанда хабардор карда шудаанд. Дар айни ҳол, бештар аз нисфи беморони пурсидашуда дар мавриди ҳуқуқи худ ба шикоят пешниҳод кардан аз амалҳои кормандони муассисаи психиатрӣ хабардор нестанд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар МП Исфара ва Конибодоми вилояти Суғд лавҳаҳо бо тавзеҳоти ҳуқуқҳои беморон мавҷуданд. Дар МП Исфара лавҳаи иттилоотӣ дар долон овезонида шудааст, иттилоот ба забони тоҷикӣ пешниҳод гардида-

аст. Дар МП Конибодом лавҳа дар утоқи кории сарҳамшираи шафқат овезон карда шудааст, иттилоот ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи беморони МП ба иттилоот ба андозаи пурра риоя карда нашудааст, қисман тавзеҳ додани ҳуқуқҳо кофӣ намебошад ва ба талаботи қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалӣ оид ба дастрасӣ ба иттилоот ҷавобгӯй намебошад.

**Принсипҳои бистарикунонӣ**

Пурсиши беморон дар бобати бистарикунонии онҳо нишон дод, ки аксарияти онҳо ихтиёран дар МП бистарӣ кунонида шудаанд, танҳо аз чор як ҳиссаи беморон маҷбурӣ дар МП бистарӣ кунонида шудаанд (онҳоро хешовандон ё кормандони милитсия овардаанд). Тавре ки пурсиш нишон дод, ҳангоми бистарикунонӣ аксарияти беморонро либосашонро кашиданд, тафтиш ва муоина кардаанд, вале танҳо 4 ҳолате ошкор карда шудааст, ки корманди ҷинси муқобил либоси беморро кашидааст ё дар кашидани либоси бемор иштирок доштааст. Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ҳангоми бистарикунонии бемор дар МП ҳуқуқи шахсони бистаришаванда, чун қоида, аз ҷониби кормандони МП поймол карда намешавад. Ҳолатҳои ҷудогонаи ошкоргардидаи вайронкунии ҳуқуқи беморон аз ҷониби ҳайати кормандони хурди МП (масалан, ҳангоми тафтиш ва кашидани либос), асосан, истисно мебошанд.

Пурсиш ҳолатҳои муоилиҷаи беморонро бо доруҳое, ки қаблан дар ягон ҷо, дар доираи озмоиши онҳо, истифода нашудаанд, ошкор накард, вале дар айни ҳол, 40% беморон намедонанд, ки оё ҳангоми муолиҷаи онҳо чунин доруҳо истифода шудаанд, ё не, бинобар ин, онҳо дар ин бора ҷавоби аниқ дода натавонистанд.

## Ҳуқуқ ба дастрасӣ ба адвокат ва шикоят пешниҳод кардан

Мониторинг нишон дод, ки аз кӯмак ва ҳимояти адвокат аслан ягон нафар аз бемориони пурсидашудаи МП ҳангоми дар МП қарор доштан истифода накардааст. Пурсиши ҳамзамони адвокатҳо, дар навбати худ, тасдиқ намуд, ки шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ва хешовандони онҳо ба адвокат барои кӯмак дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ аҳёнан (хеле кам) муроҷиат мекунанд.

Танҳо 6% беморон гуфтанд, ки онҳо бинобар масъалаҳои мухталиф ба адвокат эҳтиёҷ доштанд: шикоят пешниҳод кардан дар робита ба бистарикунонии маҷбурӣ, муносибати бади кормандон, дар доираи парвандаи ҷиноятӣ. Вохӯрдан бо адвокат танҳо ба бемороне муяссар шудааст, ки нисбати онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуда буданд. Ба бемориони боқимондаи ба адвокат эҳтиёҷманд он пешниҳод карда нашудааст.

Ягон хешованди дар ҷараёни мониторинг пурсидашудаи бемориони МП барои ҳифзи манфиатҳои хешованди худ ба адвокат муроҷиат накардааст, зеро, ба гуфтаи онҳо, хешовандонашон аз ягон чиз шикоят накардаанд.

Пурсиши адвокатҳо нишон дод, ки аз 79 адвокати пурсидашуда танҳо ба 7 нафари онҳо шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ё хешовандони онҳо дар робита бо шикоят овардан аз бистарикунонии маҷбурӣ муроҷиат кардаанд. Ва танҳо ба 2 адвокат бо шикоят нисбати муносибати бади кормандони муассисаи психиатрӣ муроҷиат кардаанд. Дар 5 соли охир ба адвокатҳо (ш. Душанбе) танҳо дар 3 ҳолат дар робита бо муносибати бераҳмона ё муносибати бади кормандон нисбати бемориони МП муроҷиат кардаанд.

## Робита бо олами берунӣ

Аксарияти бемориони пурсидашудаи МП зикр намуданд, ки хешовандону наздикон метавонанд онҳоро хабар гиранд,

хабаргирӣ ҳар рӯз иҷозат дода шудааст. Чун қоида, вохӯриҳо дар ошхона ё дар ҳавлии муассиса сурат мегиранд. Ҷойи махсус барои вохӯриҳо ҷудокардашуда, одатан, вуҷуд надорад. Танҳо аз панҷ як ҳиссаи беморон ҷавоб доданд, ки вохӯриҳо дар ҷойи махсус барои вохӯриҳо ҷудогардида (утоқ барои вохӯриҳо) сурат мегиранд. Вале мушоҳидаҳо дар МП ҳадафқарор нишон доданд, ки дар ягон МП утоқи махсус барои вохӯриҳо ҷудокардашуда вуҷуд надорад.

Ягон посухдиҳандаи пурсидашуда – бемори МП телефони ҳамроҳ надошт, аз телефони шаҳрии МП истифода кардан танҳо ба 10% беморон иҷозат дода шудааст, ки ин беморонро дар ҳолати вобастагии пурра аз кормандони МП қарор медиҳад ва тариқи телефон робита кардани беморонро бо хешовандон, инчунин бо адвокат дар мавриди зарурат ғайриимкон мегардонад. Беморони МП ҳамчунин ба Интернет дастрасӣ надоранд.

Дар давраи муолиҷа қисми зиёди беморони пурсидашудаи МП ҳақ надоранд ҳудуди муассисаро тарк кунанд.

Азбаски баъзе беморонро хешовандонашон хеле кам хабар мегиранд, баъзеашонро бошад, ҳеҷ касе хабар намегирад, хабар додан дар мавриди ягон проблемае, ки мумкин аст беморон дар МП бо онҳо рӯ ба рӯ гарданд, ба чунин беморон мушкил мебошад. Амалияи фиристодан ва гирифтани мактубҳо дар МП, тавре ки мониторинг нишон дод, рушд наёфтааст. Қариб нисфи беморон ҷавоб доданд, ки онҳо наметавонанд мактуб ва муросилаҳо фиристанд ва гиранд, вале, тавре маълум гардид, бисёри беморон ба ин зарурат надоранд, вале баъзе беморон гуфтанд, ки ин иҷозат нест.

Мактубҳо ва муросилаҳои фиристодашаванда ва гирифташаванда, дар аксари ҳолатҳо аз ҷониби кормандони МП тафтиш карда мешаванд, онҳо инро ҳамчун ғамхорӣ нисбати бехатарии беморон шарҳ медиҳанд. Мундариҷаи мактубҳо, асосан, аз ҷониби навбатдорон, духтурони табобаткунанда ва мудирони шӯъбаҳо бо мақсади ба ягон кас зараре нарасонидан, **барои он, ки бемор шикоят накунад ва мактуби манфӣ нанасисад, ба хотири бехатарӣ** тафтиш карда мешавад.

Роҳбарони пурсидашудаи МП зикр намуданд, ки беморон метавонанд ба прокуратура, суд ва ба дигар мақомоти давлатӣ ва адвокат шикоятнома ва ариза фиристанд, ва он, ки мундариҷаи шиноятномаҳо аз ҷониби роҳбарони МП тафтиш карда намешавад, ба истиснои МП ш. Норак, ки роҳбари он изҳор намуд, ки мундариҷаи шикоятномаҳо ва аризаҳо аз ҷониби мудири шӯъба тафтиш карда мешавад, то ки мундариҷаи мактуб ба касе зарар нарасонад.

Ҳамин тариқ, агар бемор нисбати ягон камбудӣ дар МП (шароити нигоҳдорӣ, муносибати кормандон, муолиҷа ва ғайра) шикоятнома пешниҳод кардан хоҳад, он гоҳ, яқинан, бо дар назар гирифтани натиҷаҳои мониторинг, чунин шикоятнома ба гиранда (адресат) намерасад. Ғайр аз ин, дар ягон МП қуттии почта вуҷуд надорад.

**Озодӣ аз шиканҷа**

Тибқи натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда, муносибати бад ва бераҳмона аз ҷониби кормандони МП нисбати беморон ниҳоят кам вомехӯрад, ва, аслан, истисноӣ ҷузъӣ мебошад. Масалан, танҳо 4% беморон ҳолатҳои муносибати бад бо онҳоро, асосан, аз ҷониби ҳайати кормандони хурди МП (ҳамшираи шафқат, бародари шафқат, санитарзанҳо) зикр карданд. Амалияи ҷазодиҳӣ ва истифодаи шокдармонӣ нисбати беморон барои рафтори бад ва ба сифати усули муолиҷа дар МП низ вуҷуд надорад. Танҳо 2 бемор аз шумораи умумии пурсидашудагон гуфтанд, ки онҳоро ҷазо додаанд, 1 бемор изҳор намуд, ки нисбати ӯ шокдармонӣ истифода шудааст. Ягон бемори пурсидашуда бо мақсади ҷазодиҳӣ (ва бо мақсади дигар) дар утоқи махсуси ҷудогона («картсер») ҷойгир карда нашудааст, вале қисми хурди пурсидашудагон (16%) зикр карданд, ки чунин утоқ (ҷой) дар МП вуҷуд дорад.

Ба гуфтаи роҳбарон, ва ҳайати кормандони хурди МП ҷойҳои махсуси ҷудогона барои нигоҳдории беморони ҷанҷолӣ дар МП вуҷуд надоранд. Дар айни ҳол, 12% духтурони пурси-

дашуда вуҷуд доштани чунин ҷойро дар МП зикр карданд. Як духтур бошад, гуфт, ки беморонро метавонанд дар чунин ҷой то як ҳафта нигоҳ доранд.

Агар бемор ҷанҷолӣ рафтор кунад ва ба ҳаёт ва саломатии дигар беморон ё кормандон таҳдид намояд, нисбати ӯ, одатан, чораҳои дорудармонӣ (сӯзандорӯ) истифода мешаванд. Ду роҳбар низ зикр карданд, ки аввал чораҳои дорудармонӣ истифода мешаванд, ва агар онҳо натиҷа надиҳанд, ба бемор метавонад куртаи дафъи ҷунин пӯшонида шавад ва фиксаторҳо истифода карда шаванд. Роҳбарони боқимонда зикр намуданд, ки дар МП онҳо танҳо чораҳои дорудармонӣ истифода мешаванд. Ҳам роҳбарон ва ҳам духтурону кормандони хурд зикр намуданд, ки ҷадвали чораҳои оромкунонии ҷисмонӣ дар МП расман вуҷуд надорад, вале баъзе духтурон зикр карданд, ки чунин ҷадвалро онҳо дар амал истифода мекунанд. Масалан, аввал бо бемор сӯҳбат гузаронида мешавад, агар ин кӯмак накунад, ба бемор куртаи дафъи ҷунин мепӯшонанд ё фиксаторҳо мебанданд (дар баъзе МКП баъди сӯҳбат доруворӣ истифода мекунанд), баъдан бошад, ба тариқи поёнравӣ, чораҳои дорудармонӣ, бастан ба кат ва ҷойгирони дар утоқи ҷудогона истифода карда мешаванд.

Духтурон ва кормандони хурди пурсидашуда гуфтанд, ки ғайр аз чораҳои дорудармонӣ, нисбати беморони ҷанҷолӣ чунин чораҳо, ба монанди ба кат ё ба батареяи гармӣ бо тасма, бандҳо бастан, бо фиксаторҳо бастан, пӯшонидани куртаи дафъи ҷунун истифода карда мешаванд.

Ҳамаи роҳбарони МП зикр намуданд, ки дар муассисаи онҳо ҳолатҳои аз ҳадди таъсиррасонии ҷисмонии зарурӣ баромадани кормандон вуҷуд надоштанд. На ҳамаи ҳолатҳои истифодаи чораҳои оромкунонӣ нисбати беморон дар ҳуҷҷатҳои МП ба қайд гирифта мешаванд. Дастурамалҳои махсус оид ба истифодаи чораҳои оромкунонии ҷисмонӣ ва ҷудокунонии маҷбурӣ дар ягон МП вуҷуд надоранд.

Натиҷаҳои пурсиши беморонро пурсиши хешовандони онҳо низ бавосита тасдиқ менамояд. Масалан, ягон нафар аз хе-

шовандони пурсидашуда шоҳиди муносибати бади кормандони МП нисбати хешовандони онҳо – беморони МП набудааст.

Ягон бемори МП ба хешовандони худ дар мавриди он, ки ӯ дар МП таҳти ҷазо қарор дода шудааст, шикоят накардааст.

Ба саволҳо оид ба муносибати бад, истифодаи шокдармонӣ дар МП ва ҷойгир кардан дар утоқи махсуси ҷудогона бинобар авҷгирии беморӣ ва дар дигар ҳолатҳо, ҳамаи хашовандон низ ҷавоби рад доданд.

Роҳбарои МП, духтурон ва кормандони хурд зикр намуданд, ки дар МП онҳо ҳолатҳои муносибати бад бо беморон аз ҷониби дигар беморон ҷой доштанд, вале на аз ҷониби кормандон. Танҳо як посухдиҳанда аз ҷумлаи кормандони хурд гуфт, ки як ҳодисаи лату кӯб ва таҳқиркунии бемор аз ҷониби корманд ҷой дошт, корманди гунаҳгор барои лату кӯб соли 2006 ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд.

**Шароити нигоҳдорӣ**

Тавре ки мониторинг нишон дод, шароити нигоҳдории беморон дар МП ҳадафқарор, аз бисёр ҷиҳат ба меъёрҳои снатитарию гигиены (беҳдоштӣ) ва шароити муносиби маишӣ мутобиқат намекунанд, ҳатто муносибати ғайриинсонӣ нисбати эҳтиёҷоти оддитарини беморон дида мешавад, масалан, нисбати ба ҷо овардани эҳтиёҷоти табиӣ (хоҷатхонаҳо дар надоранд).

Аксарияти МП, ки дар онҳо мушоҳидаҳо гузаронида шуданд, дар биноҳои кӯҳна ҷойгиранд, дар деворҳо мағор дида мешавад, андова кафида рехтааст, дар палатаҳо аз 1 то 16 бемор мехобанд. Дарҳо танҳо дар як МП аз дарун маҳкам карда мешаванд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки беморон дар ҳудуди МП озодона гаштугузор мекунанд, вале дар ҳамаи тирезаҳо ва дар баъзе дарҳои палатаҳо панҷараҳо вуҷуд доранд. Нигаҳбонон дар 4 МП мавҷуданд. Симхор – дар 1 МП.

Дар аксари МП боздидшуда дар палатаҳо пардаҳо, ҷевончаҳо, об, ойинаҳо ва лампаҳо вуҷуд надоранд. Системаи

таъмини гармии мутамарказ дар шакли батареяҳо дар ҳамаи МП вуҷуд дорад, вале, дар аксари муассисаҳо он кор намекунад ва коношоям аст, асосан гармӣ аз тариқи қувваи барқ аст. Утоқҳои шустушӯй, душхонаҳо ва хоҷатхонаҳо дар ҳамаи МП берун аз палатаҳо, дар баъзе МП бошад, дар ҳавлӣ ҷойгиранд. Дар нисфи МП хоҷатхонаҳо дар ва занҷир надоранд. Оби хунук ҳаст, вале дар нисфи МП муоинашуда оби гарм вуҷуд надорад. Ҳаммом танҳо дар 2 МП мавҷуд аст.

Ҷойпӯш дар ҳама палатаҳо мавҷуд аст, вале на дар ҳама тахтҳои хоб (вилояти Суғд). Ҷойпӯшҳо дар аксари ҳолатҳо тозаву бепора ҳастанд, ба истисснои МП вилояти Суғд, ки пурсишгузаронандагон зикр менамоянд, ки ҷойпӯшҳо нотоза ва порадоранд.

Аксарияти кулли беморон аз шароити буду бош дар МП қаноатманданд. Ба якчанд бемороні аз шароити буду бош дар МП норозӣ, хӯрок, либос, хоҷатхона ва ваннахона, ҷойҳои хоб, муносибати кормандон, баъзан қатъ кардани қувваи барқ маъқул нест.

Ғизои беморон қаноатбахш аст, миқдори хӯрок ва каллориянокии он хуб аст. Барои ғизои як бемор рӯзе 3-4 сомонӣ ҷудо карда мешавад, ба истисноӣ МП Б. Ғафурови вилояти Суғд, ки дар он барои хӯроки як бемор рӯзе 55 дирам ҷудо карда мешавад.

Телевизор дар ҳамаи МП дар ҳолати коршоям аст, ба беморон тамошои телевизор дар ҳамаи МП ҳадафқарор иҷозат дода шудааст.

Дар ягон МП китобхона вуҷуд надорад, рӯзномаҳои тозаро пурсишгузаронандагон танҳо дар як МП мушоҳида карданд.

**Кори маҷбурӣ**

Тавре ки мониторинг нишон дод, кори маҷбурӣ дар МП ҳадафқарор истифода карда намешад. Баъзе беморон корҳои гуногуни оддиро дар ошхона, дар ҳавлӣ, дар полез иҷро мекунанд, вале онҳо ба ин корҳо ихтиёрӣ машғул мешаванд. Системаи му-

раттаби офиятбахшии кордармонӣ барои беморон дар МП дар ягон МП ҳадафқарор вуҷуд надорад.

**Тавсияҳо**

1. Ба қонунгузорӣ ворид намудани муқаррарот оид ба суғуртаи тиббие, ки имкон медиҳад ёрии зарурӣ ва дастрасро гирифтани шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ кафолат дода шавад.

2. Ҷорӣ намудани хизматрасонӣ оид ба саломати рӯҳӣ ба системаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ройгон (бепул).

3. Ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» ва бо КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонидани он.

4. Ворид намудани тағйирот ба моддаи 54 Қонун «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» ва бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» мутобиқ гардонидани он.

5. Анҷомдиҳии ҷорикунонии тадриҷии хадамоти ҳамгироишудаи саломатии рӯҳӣ дар маҳалли истиқомат бо роҳи азнавсозии системаи мавҷудаи ёрирасонии равонпизишкӣ.

6. Таҳия намудани механизми дақиқи назорати мустақили мунтазам дар ҳама ҳолатҳои бистарикунонӣ ва муолиҷаи маҷбурӣ, инчунин дар ҳолатҳои бистарикунонӣ ва муолиҷаи ихтиёрие, ки давомнокиашон аз мӯҳлати муқаррарӣ зиёд аст.

7. Баргузор намудани силсилаи семинарҳо бо иштироки коршиносон барои мутахассисон ва кормандони шабакаи муоличаи умумӣ ва хадамоти ҳифзи саломатии рӯҳӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи одамони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ва риояи этикаи тиббӣ.

8. Қабул намудани стандартҳои этикӣ (ахлоқӣ) барои бахши тандурустии давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаи саломатии рӯҳӣ.

9. Ҳамчунин анҷом додани тарбияи махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносон, кормандони иҷтимоӣ, педагогҳо ва дигар шахсон оид ба масъалаҳои саломатии рӯҳӣ ва риояи ҳуқуқи инсон нисбати шахсон гирифтори бемориҳои рӯҳӣ.

10. Ба тариқи мунтазам боздид намудан аз муассисаҳои психиатрӣ бо мақсади анҷомдиҳии мониторинги шароити нигоҳдории беморони рӯҳӣ ва риояи ҳуқуқи онҳо, хусусан, ба озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона.

11. Таҳия ва ҷорӣ намудани барномаи тарбияи категорияҳои асосии кормандони муассисаҳои психиатрӣ.

12. Таҳия ва қабул намудани Дастурамал оид ба истифодаи чораҳои боздорӣ ва оромкунонии беморон дар муассисаҳои психиатрӣ.